ISBN 978-99947-738-0-0

*МАЪРИФАТ,*
*АДОЛАТ,*
*САДОЌАТ*

*ПРОСВЕЩЕНИЕ,*
*СПРАВЕДЛИВОСТЬ,*
*ПРЕДАННОСТЬ*

# ОСОРИ АКАДЕМИЯ

**(МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)**

# ТРУДЫ АКАДЕМИИ

**(НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ)**

**№ 2 (18)**
**2012**

ISBN 978-99947-738-0-0

# АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# АКАДЕМИЯ МИНИСТЕРСТВА ВНУТРЕННИХ ДЕЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# ОСОРИ АКАДЕМИЯ
## (МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)
# ТРУДЫ АКАДЕМИИ
## (НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ)

**Хайати таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**

**САРМУҲАРРИР:**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**

**РОЗИҚЗОДА А.Ш.** – сардори Академияи ВКД, доктори илмҳои таърих, генерал-майори милитсия (начальник Академии МВД, доктор исторических наук, генерал-майор милиции).

**ҶОНИШИНОНИ САРМУҲАРРИР:**
**ЗАМЕСТИТЕЛИ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

**СОЛИЕВ К.Х.** – муовини аввали сардори Академияи ВКД, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия (первый заместитель начальника Академии МВД, Заслуженный юрист Таджикистана, кандидат юридических наук, полковник милиции);
**ҒАФУРОВ М.Ҳ.** – сардори ШИТваТН Академияи ВКД, номзади илмҳои техникӣ, полковники милитсия (начальник ОНиРИО Академии МВД, кандидат технических наук, полковник милиции).

**УЗВИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

**ХОКИРОЕВ Р.З.** – номзади илмҳои филология, дотсент (кандидат филологических наук, доцент), **ХАЙРУЛЛОЕВ Ф.С.** – сардори Шӯъбаи таълимии Академияи ВКД, номзади илмҳои ҳуқуқ, подполковники милитсия (начальник Учебного отдела Академии МВД, кандидат юридических наук, подполковник милиции); **НАСУРОВ П.А.** – сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурии Академияи ВКД, номзади илмҳои ҳуқуқ, подполковники милитсия (начальник кафедры Административного права Академии МВД, кандидат юридических наук, подполковник милиции); **МАКЕЕВА Н.Е.** – муаллимаи калони кафедраи забонҳои Академияи ВКД, подполковники милитсия (старший преподаватель кафедры Языков Академии МВД, подполковник милиции); **АҲМАДОВ С.А.**– муаллими кафедраи забонҳои Академияи ВКД, капитани милитсия (преподаватель кафедры Языков Академии МВД, капитан милиции); **КАРИМОВА Л.М.** – сарнозир оид ба робитаҳои байналмилалии Академияи ВКД, майори милитсия (главный инспектор по международным связям Академии МВД, майор милиции).

**№ 2 (18)**
**2012**

**ББК**

**О - 71**

**Маҷаллаи илмӣ аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 0117мҷ ба қайд гирифта шудааст.**

**Маҷаллаи илмӣ соли 1998 таъсис ёфтааст.**
**Научный журнал основан в 1998 году.**

**Маҷалла ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.**

**Журнал выходит на таджикском, русском и английском языках.**

**Осори Академия**. Труды Академии. № 2 (18). Душанбе: Академияи ВКД ҶумҳурииТоҷикистон, 2012. – 212 с.

Масъули чоп: ***Р.Г.Хокироев***
Муҳаррир: ***Н.Е.Макеева***
Муҳаррири техникӣ: ***Л.М.Каримова***

Ответственный редактор: ***Р.Г.Хокироев***
Редактор: ***Н.Е.Макеева***
Технический редактор: ***Л.М.Каримова***

**© Академияи ВКД ҶТ. 2012.**
**© Академия МВД РТ. 2012.**

МУНДАРИҶА СОДЕРЖАНИЕ

## МАСОИЛИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ
## ПРОБЛЕМЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА


**Сотиволдиев Р.Ш.** Проблемаҳои назариявии мафҳуми қонуният .......................... **5-16**

**Сафаров Ҳ.С., Солиев К.Ҳ.** Самтҳои асосии ташкили мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ................................ **16-21**

**Отабоева Л.О.** Механизмы и опыт предотвращения домашнего насилия в деятельности органов внутренних дел ........................................................................ **22-27**

**Нозиров Н.А., Бобоҷонов Н.М.** Нигоҳи илмии ба баъзе тағйироту иловаҳое, ки ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон ворид карда шуданд ........................................................ **28-34**

**Раҳматулоев А.Э., Ҳусейнов С.Ҳ.** Исботнамоӣ дар доираи амали принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ................................................................... **34-39**

**Арипов А.Л., Бободжонов Н.М.** Формы прокурорского надзора на предварительном следствии ................................................................................ **40-43**

**Шодиев И.Р.** Особенности формирования судебной системы Таджикской АССР .... **44-49**

**Сафаров И.Д.** Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқӣ - иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ .......... **49-57**

**Насуров П.А.** О необходимости сотрудничества с международными и неправительственными организациями в борьбе с торговлей людьми .................... **57-60**

**Қосимов О.А., Рӯзиқулов Ҷ.Р.** Масоили мубрами таъйиноти шӯъбаи (шӯъбачаи) назоратӣ-методӣ дар воҳидҳои тафтишоти сохтори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ............................................ **60-64**

**Алиев А.Ш.** Некоторые особенности организации переговорного процесса в ситуации с захватом заложника ...................................................................... **64-68**

**Муллобоев М.Р., Юнусова М.Т.** Мавқеи ҳуқуқии шахси холис дар кодекси мурофиавии ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон ......................................... **68-71**

**Раҷабов Р.М.** Таърихи пайдоиш ва инкишофи Конститутсия ............................ **71-76**

**Норов Д.К., Исмонов С.М.** Документирование управленческой деятельности в Органов внутренних дел ............................................................................ **76-81**

**Каримов А.М., Валиев Н.Д.** Проблемаҳои актуалии баланд бардоштани сифати кадрҳо дар МКД ........................................................................... **82-86**

**Хусейнов С.Х., Мулладжанова Н.А.** Торговля людьми в системе преступлений против личности и ее объект ........................................................................ **87-93**

**Абдурашидов А.А., Курбонов А.А.** Проблемы многоженства в законодательной и правоприменительной практике Таджикистана ............................ **93-96**

## ФАНҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ВА ИЛМҲОИ ТАБИӢ
## ОБЩЕСТВЕННЫЕ ДИСЦИПЛИНЫ И ЕСТЕСТВЕННЫЕ НАУКИ


**Джурабоев Г.Д., Гафуров М.Х., Вазиров С.З.** Обзор и анализ экономико-математического инструментария и концептуальная модель формирования синергического эффекта ........ **97-101**

**Мирзоахмедов Ф., Усмонов Д.** Системаи автоматикунонидашудаи бақайдгирии далелҳои шайъӣ ........ **102-108**

**Макеева Н.Е.** Способы представления речевых ситуаций в учебном процессе ........ **108-111**

**Холмуродов Ф.** Таҳаввули ҳаёт дар Замин. Тавсифи кайҳонӣ-сайёравии ҳаёт дар Замин ........ **111-113**

**Саидолимов К.С.** Роль любви, диалог и толерантность в межнациональных отношениях ........ **114-119**

**Давлатшоева А.** Тарбияи ахлоқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ талаби замон ........ **119-124**

**Давлатёров Ф.Н.** Мир Гулом Мухаммад Губар - летописец истории Афганистана ........ **124-130**

**Эгамбердиев У.** Значение XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в становлении демократического государства ........ **130-135**


## МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН
## ТРИБУНА МОЛОДОГО УЧЕНОГО


**Нуралиев С.Ш.** Баъзе масъалаҳои мустаҳкам намудани интизоми хизматӣ ва қонуният дар мақомоти корҳои дохилӣ: моҳият ва мазмун ........ **136-147**

**Джураева Д.Г.** Брачность населения Таджикистана ........ **147-159**

**Қурбонов А.А., Абдурашидов А.А.** Арзишҳои исломӣ ҳамчун унсури фарҳанги миллӣ аз нигоҳӣ ҳуқуқэҷодкунӣ ........ **159-163**

**Самиев Н.М.** Пути предотвращения коррупции в Таджикистане ........ **164-166**

**Убайдуллоева Ф.А.** Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – оғози таърихи нави миллати тоҷик ........ **166-169**

**Кадыралы уулу Маратбек.** Особенности первоначального этапа расследования мошенничеств ........ **169-175**

**Муминов У.К.** Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими парламентаризми миллӣ ........ **176-178**

**Вохидов Х.С.** Научные основы сравнения как метода познания, используемого при производстве трасологических экспертиз ........ **178-183**

**Зеварова З.Р., Насуров П.А.** Хусусиятҳои хоси гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати баъзе ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ ........................................................................ **183-190**

**Эшахмедов Ш.Х.** Моделирование профессиональной деятельности будущих сотрудников МВД Республики Таджикистан ............................................ **190-193**

**Ғафуров Д.А., Норов Ҷ.К.** Режими ҳуқуқии вазъияти фавқуллода: таносуби чораҳо ва маҳдудиятҳо оид ба муайян намудани мӯҳлати вазъиятӣ фавқулодда ........................................................................ **194-196**

**Хушвахтов Ш.Ш.** Особенности военного управления Саманидского государства ........................................................................................................ **196-200**

**Хайдаров М.П.** Зӯроварии хонаводагӣ аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ .................. **201-206**

## ҲАЁТИ ИЛМӢ
## НАУЧНАЯ ЖИЗНЬ

**Тақриз ба дастури таълимӣ-методӣ «Ҳилаи оперативӣ»** .................................. **207-208**

**Отзыв на учебно-методическое пособие «Оперативная комбинация»** .............. **208-209**

# МАСОИЛИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ
# ПРОБЛЕМЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

## ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМИ ҚОНУНИЯТ

**Сотиволдиев Р.Ш.***

***Вожаҳои калидӣ**: қонун, қонуният, давлати ҳуқуқӣ, волоияти ҳуқуқ, қонунӣ ҳуқуқӣ*

Қонуният яке аз падидаҳои муҳими ҳаёти ҳукуқӣ ва давлатӣ буда, аз замонҳои қадим дар маркази таваҷҷӯҳи мутафаккирону муҳаққиқон қарор дошт. Ақидаи волоияти қонун дар ҳаёти ҷомеа ва давлат, роҳҳои таъмини он дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ чун проблемаи муҳими афкори сиёсиву ҳуқуқии башар эътироф мешуд. Дар ҳама гуна давлат кӯшишҳои таъмини волоияти қонун, риоя ва иҷрои он вазифаи муҳими давлат маҳсуб мешуд. Бо назардошти ин ки қонун ва қонуният ҷузъи ҳаёти давлат, ҷомеа ва одамон буданд, ба риоя ва иҷрои қонун ҳамеша таваҷҷӯҳ зоҳир мешуд.

Волоияти қонун, риоя ва иҷрои он дар асарҳои аксари мутафаккирон ва файласуфони гузашта мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, файласуфи намоёни Юнони қадим Афлотун дар ин бора навишта буд: «Ман фанои наздики давлатеро мебинам, ки дар он қонун эътибор надорад ва зери фишори (тобеияти) ҳокимияти ягон нафар қарор дорад. Дар он ҷое, ки қонун бар болои ҳокимон қарор дошта, онҳо ғуломи он мебошанд, ман наҷоти давлатро эҳсос мекунам … » [1].

Файласуфи дигари юнонӣ Арасту волоияти қонунро чун кафолати ҳастии давлат тавсиф мекунад. Ӯ аз ҷумла навишта буд: «Дар он ҷое, ки қонун ҳукмронӣ намекунад, ин ё он шакли сохти давлатӣ низ арзи вуҷуд надорад. Қонун бояд аз болои ҳама ҳукмравоӣ намояд» [2].

Андешаи Афотун роҷеъ ба устувории қонун ба афкори мутафаккирони форсу тоҷик (Сино, Насириддини Тӯсӣ, Низомулмулк, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва диг.) таъсири бевосита мерасонад. Зиёда аз ин, чунин андеша қобили қабул буд, чунки мутафаккирони шарқӣ ҷонибдори давлатдории адолатпеша буданд, ки ба тартиботи устворӣ ҷомеа зимни риояи қонун асос меёбад. Дар заминаи андешаи Афлотун дар хусуси зарурати тартиботи устувори ба қонун асосёфта мутафаккирони форсу тоҷик андешаи устувории қонунро чун заминаи шоҳигарии адолатпеша пешниҳод мекунанд. Мутафаккирони форсу тоҷик, мисли Арасту, аҳамияти қонунро дар ҳаёти ҷомеа дарку эҳсос менамуданд [3].

Ақидаи қонуният ҷузъи раванди умумии таърихии инкишофи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳамаи кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, дар ҳамаи давраҳои таърихӣ, аз замони қадим сар карда то имруз ба қонуният таваҷҷӯҳи бепоён зоҳир мешавад. Ҳамаи мутафаккирон, файласуфон, муҳаққиқон, олимон ба

---

* *Сотиволдиев Р.Ш.* – профессори факултети № 1 Академияи ВКД Тољикистон, доктори илмњои њуќуќ

[1] Тарљума аз асари Платон. Соч. Т. 3. Ч. 2. М., 1972. С. 188 – 189.

[2] Тарљума аз асари Аристотель. Политика. М., 1911. С. 165.

[3] Дар хусуси таъсири андешањои Афлотун ва Арасту ба афкори форсу тољик муфассал ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Политическая и правовая мысль раннесредневекового мусульманского Востока. Душанбе, 1999. С. 41-54.

таъмини волоияти қонун, риояи қонунҳо таваҷҷӯҳ намудаанд. Ақида ва назарияи қонуният ҷузъи раванди таърихии инкишофи афкори башар мебошад.

Аммо қонуният чун падидаи ҳаёти ҳуқуқӣ дар робита бо пешрафти ҷомеа, дар иртибот бо назарияҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва раванди умумии таҳаввули афкори башар инкишоф меёбад. Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ мафҳумҳои гуногуни қонуният пешкаш шудаанд.

Раванди таърихии инкишофи мафҳум ва зуҳуроти қонуният ба як қатор омилҳо такя дорад.

1. Мафҳуми «қонуният» бо мафҳуми «қонун» робитаи зич ва ҷудонашаванда дорад. Калимаи «қонуният» аз калимаи «қонун» ҳосил мешавад. Ба таври умумӣ, қонуният маънои риоя ва иҷрои қонунро дорад. Мафҳуми қонун чун падидаи муҳими ҳаёти ҷоема ва давлат, проблемаи муҳимтарини афкори фалсафӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангии башар ҳамеша дар инкишоф аст. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мафҳумҳои мухталифи қонун, ақидаҳо ва назарияҳои зиёди қонун пешкаш ва истифода шудаанд. Чунончи, дар фарҳанги юнонӣ ва римӣ мафҳуми қонун дар иртибот бо иродаи илоҳӣ, табиат, ақл ё сиёсат муайян карда мешуд. Аз ҷумла, андешаи Афлотун дар хусуси волоияти қонун чун заминаи ноил гаштан ба ҳамаи неъматҳои илоҳӣ, кӯшиши Арасту дар бобати аз ҳам ҷудо намудани ҳуқуқи фитрӣ (бештар табиӣ) ва иродавӣ (инсонӣ), ақидаи ҳуқуқшиносони римӣ оид ба ҳуқуқи фитрӣ, ҳуқуқи халқҳо ва ҳуқуқи сивилӣ (хусусӣ) далели гуфтаҳои болоянд.

Дар давраҳои минбаъдаи таърихӣ мафҳуми қонун инкишоф меёбад. Аз ҷумла, дар ҳуқуқшиносии позитивии асри XIX ва позитивизми нави асри XX мафҳуми қонун бо меъёрҳои (муқарраротӣ) ҳуқуқии ҳокимият алоқаманд карда мешавад. Дар назарияи шӯравии ҳуқуқ мафҳуми қонун танҳо дар робита бо қонунгузорӣ тавсиф мегардад. Дар назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ақидаи «қонуни ҳуқуқӣ» пешкаш мешавад, ки зарурати мутобиқати қонунро ба талабот ва принсипҳои ҳуқуқ талқин мекунад. Дар ҳуқуқшиносии сотсиологии асри XX мафҳумҳои «ҳуқуқи китобӣ» ва «ҳуқуқи воқеӣ» пешкаш шуда, на қонунгузорӣ (иродаи қонунгузор), балки ҳаёти воқеӣ маҳаки асосии боадолатии (барҳақ будани) қонун пазируфта мешавад. Дар назарияи либертарӣ мафҳуми қонуни ҳуқуқӣ дар робита бо мафҳуми ҳуқуқ чун ифодаи меъёрии адолат, баробарӣ ва озодӣ муайян мешавад.

Хуллас, дар таърихи афкори сиёсиву ҳуқуқии башар мафҳумҳои гуногуни қонун пешкаш шудаанд. Дар иртибот бо инкишофи мафҳуми қонун ҳамзамон мафҳумҳои гуногуни қонуният низ пешкаш мешаванд. Ба ибораи дигар, мафҳуми қонуният бо мафҳуми қонун аоқаи зич дошта, якҷоя бо инкишофи мафҳуми қонун инкишоф меёбад.

Алоқаи мафҳумҳои «қонун» ва «қонуният» дар он зоҳир мешавад, ки як мафҳуми қонун боиси истифодаи мафҳуми ба он мувофиқи қонуният мегардад. Чунончи, агар мафҳуми қонун танҳо бо иродаи қонунгузор, ҳамчун меъёрҳои муқарраркардаи ҳокимияти давлатӣ тавсиф гардад, пас қонуният маънои иҷрои ҳамин иродаи қонунгузор (аниқтараш, иродаи давлат), риояи меъёрҳои ҳокимиятро касб мекунад. Баръакс, агар мафҳуми қонуни ҳуқуқӣ (қонуни мутобиқ ба талабот ва принсипҳои ҳуқуқ) истифода гардад, пас мафҳуми қонуният риояи ҳуқуқро (дар таносуб бо қонун) дар назар дорад.

Дар ҳолати истифодаи ақида ва мафҳуми «қонуни ҳуқуқӣ» маънии қонуният комилан тағйир меёбад. Қонуни ҳуқуқӣ, ки имрӯз яке аз талаботи муҳими давлати ҳуқуқбунёд маҳсуб мешавад, маънои мувофиқати қонунро ба ҳамаи талаботи ҳуқуқ (ҳуқуқҳои дахлнопазири инсон, адолат, хирад ва диг.) дорад. Дар ин ҳолат қонуният маънии риояи ҳамаи талаботи ҳуқуқро касб мекунад.

Чунин маънии васеи қонуният, ки ҳоло чун нишонаи давлати ҳуқуқбунёд эътироф мешавад, риоя ва иҷрои на танҳо қонун, балки талаботи умумии ҳуқуқро, аз қабили ҳуқуқҳои инсон, адолат, виҷдон, хирад ва дигарро касб мекунад. Бесабаб нест, ки имрӯз дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 5) волоияти арзиши иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, дахлнопазирии ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон,

эътироф, риоя ва ҳимояи онҳо чун вазифаи давлат пурра эътироф шудааст. Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи ҳатмии адолат, хирад ва поквиҷдонӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ пешбинӣ мешавад. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои муҳими қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла принсипҳои гуманистӣ (инсондӯстӣ) ифода шудаанд. Талабот ва принсипҳои ҳуқуқ дар санадҳои дигари қонунгузории ҷумҳурӣ низ эътироф шудаанд.

Ҳамаи ин мисолҳо собит менамоянд, ки ҳоло мафҳуми қонун тағйир ёфтааст. Ғояи «қонуни ҳуқуқӣ», ки замина ва зуҳуроти давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ҳоло ифодаи қонунии (расмии) худро касб намудааст.

Дар иртибот бо мафҳуми нави қонун ҳамзамон мафҳуми қонуният низ тағйир меёбад. Мафҳуми қонуният, ки дар сатҳи Қонуни асосии давлати Тоҷикистон (м. 10) ифода гаштааст, бо назардошти ҳамин нуктаҳои зикршуда бояд тавсиф гардад. Ба ибораи дигар, меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он мафҳуми умумии (конститутсионии) қонуният ифодагаштааст, аз мафҳумҳои анъанавии (қаблӣ, аз ҷумла шӯравӣ) фарқи ҷиддӣ (илмиву методологӣ) дорад. Ин нуктаи муҳими илмиро ҳангоми тафсири м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба инобат гирифт. Тафсири яктарафа ва маҳдуди меъёри конститутсионӣ хилофи маънии аслии Қонуни асосӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, бо баробари инкишофи мафҳуми «қонун» ҳамзамон мафҳуми «қонуният» низ инкишоф меёбад. Ин ҳолат бори дигар собит менамояд, ки мафҳуми «қонуният» ҳамеша дар ҳолати инкишоф қарор дошта, падидаи инкишофёбанда, тағйирёбанда мебошад. Хулосаи дигар ин аст, ки мафҳуми «қонуният» ҳамеша дар иртибот бо мафҳуми «қонун» бояд тавсиф гардад. Аз ҷумла, истифодаи мафҳуми қаблии қонуният дар шароити имрӯзаи эътирофи ғояи «қонуни ҳуқуқӣ» мухолиф ба талаботи таҳлили илмӣ мебошад. Зимни тавсифи мафҳуми қонуният ҳамеша мафҳуми қонунро мебояд ба инобат гирифт.

2. Қонуният бо назарияҳои мухталифи давлат робитаи зич дорад. Чунончи, бо баробари пешниҳод ва роҳандозии ғоя ва назарияи давлати ҳуқуқбунёд мафҳуми қонун ва мутаносибан мафҳуми қонуният тағйир меёбанд. Дар давлати ҳуқуқбунёд, ки ба ғояи волоияти ҳуқуқ такя дорад, ғояи «қонуни ҳуқуқӣ» эътироф мешавад. «Давлати ҳуқуқбунёд», «волоияти ҳуқуқ», «қонуни ҳуқуқӣ» мафҳумҳое мебошанд, ки аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Ҳангоми пешниҳоди мафҳуми давлати ҳуқуқбунёд ин нуктаи зикршуда ҳамеша ба инобат гирифта мешавад.

Ифодаи равшан ва баҳснопазири ғояи «алоқаи давлати ҳуқуқбунёд ва қонуни ҳуқуқӣ» мафҳуми давлати ҳукуқбунёд мебошад, ки аз ҷониби файласуфи намоёни Олмон И. Кант пешкаш шудааст. «Давлат, - навишта буд Кант, - иттиҳоди одамонест, ки тобеи қонуни ҳуқуқӣ мебошанд» [4]. Ба андешаи мавсуф, волоияти қонуни ҳуқуқӣ маънои мувофиқати сохти давлатро ба принсипҳои ҳуқуқӣ дорад. Ин зайл мувофиқат тавассути хирад ба вуқӯъ мепайвандад. Дар натиҷаи ноил гаштан ба ин ҳадаф давлат чун ташкилоти ҳуқуқӣ арзи вуҷуд мекунад. Давлат чун ташкилоти ҳуқуқӣ ба таҷзияи ҳокимият асос меёбад. Дар ҳолати волоияти қонуни ҳуқуқӣ, мувофиқати сохти давлат ба принсипҳои ҳуқуқ ва таҷзияи ҳокимият шакли идораи ҷумҳурӣ таъмин мегардад. Дар акси ҳол истибдод пойдор мегардад [5].

Ба андешаи файласуфи дигари Олмон Гегель давлат худ ҳуқуқ аст. Мавсуф ҳуқуқи мушаххас ва ҳуқуқи абстрактиро аз ҳам ҷудо мекунад. Ҳуқуқи мушаххас давлатро таҷассум мекунад. Ҳуқуқи абстарктӣ аз ҳуқуқҳои шахс, оила ва ҷомеа иборат аст. Давлат чун ҳуқуқи мушаххаси такомулёфта дар зинаи аз ҳама баланд қарор дорад [6].

Дар назарияи давлати ҳуқуқбунёд волоияти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ талаботи аввалиндараҷа мебошанд. Волоияти ҳуқуқ волоияти кулли талабот ва принсипҳои

---

[4] Тарҷума аз асари Кант И. Соч. Т. 4. Ч. 2. С. 233.
[5] Ниг.: *Кант* и. Соч. Т. 6. С. 269.
[6] Ниг.: *Гегель*. Философия права. М.-Л., 1934. С. 268.

ҳуқуқро (ҳуқуқҳои дахлнопазири инсон, адолат, хирад, виҷдон, озодӣ, баробарӣ ва диг.) дар назар дорад. Қонуни ҳуқуқӣ волоияти қонунеро дар назар дорад, ки мутобиқ ба талабот ва принсипҳои ҳуқуқ мебошад. Дар ин ҳолат қонуният низ чун эътироф, риоя, кафолат ва ҳифзи кулли талаботи ҳуқуқ арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, дар давлати ҳуқуқбуёд маънии қонун ва қонуният инкишоф меёбад, мавриди таҳаввулоти ҷиддӣ, пеш аз ҳама гуманистӣ қарор мегирад. Мафҳуми қонуният аз доираи қонун (қонунгузорӣ) берун баромада, риояи ҳуқуқҳои инсон, адолат, озодӣ, баробарӣ ва дигар талаботи ҳуқуқро дар назар дорад. Ба ибораи дигар, қонуният дар давлати ҳуқуқбунёд маънои иҷрои танҳо қонунҳоро надорад.

Якҷоя бо таҳаввулоти маънӣ, мазмун ва мафҳуми қонун ҳамзамон маънии қонуният низ дигаргун мешавад. Дар давлати ҳуқуқбунёд давлат, мақомоти давлат, шаҳрвандон ва воҳидҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вазифадор мешаванд, ки талаботи ҳуқуқро эътироф, риоя ва ҳифз намоянд. Маънои волоияти ҳуқуқ дар давлати ҳуқуқбунёд ҳамин маъниро касб мекунад. Бо ҳамин нишонаи муҳим ва аввалиндараҷааш давлати ҳуқуқбунёд аз давлати қонунбунёд фарқ мекунад.

3. Қонуният падидаи муҳими ҳаёти давлат ва ҷомеа маҳсуб мешавад. Қонуният падидаи ҳаётӣ буда, ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа мебошад. Аз ин хотир, шароити ҷомеа, сатҳи инкишоф ва пешрафти ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ, идеология, ҷаҳонбинӣ, сатҳ ва мазмуни таҳқиқоти илмӣ, фарҳанги ҷомеа, одату анъанаҳои миллӣ, психология, шуур ва менталитети аҳолӣ ба мафҳуми қонуният, мазмун ва шаклҳои зуҳуроти он таъсири бевосита мерасонанд.

Чунончи, дар даврахои гуногуни инкишофи ҷомеаи шӯравӣ ғоя ва назарияҳои «қонунияти пролетарӣ», «қонунияти сотсиалистӣ» пешкаш шуда буданд. Қонунияти сотсиалистӣ бо идеологияи давлатии (расмии) марксистӣ-ленинӣ, амру нишондоди ҳизби ҳукмрони коммунистӣ, омилҳои иқтисодӣ (моликияти давлатӣ, иқтисоди давлатӣ ва диг.), иҷтимоӣ (тақсими синфии одамон), сиёсӣ (ягонагии ҳаёти сиёсӣ, мафкураи ягона ва диг.) ва дигари фарҳангиву маънавӣ алоқаи зич дошт. Дар солҳои аввали бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ қонунияти сотсиалистӣ бо «мақсаднокии инқилобӣ» робитаи зич дошт. Сипас, аз нимаи дуюми солҳои 1930 сар карда мафҳуми қонунияти сотсиалистӣ якҷоя бо назарияи маҳдуди меъёрӣ пешкаш мешавад. Дар давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ, ки дар Конститутсияи соли 1977-и ИҶШС эълон шуда буд, мафҳуми конститутсионии қонунияти сотсиалистӣ ифода мегардад. Ин мафҳум дар м. 4 Конститутсияи ИҶШС чунин ифода гашта буд: «Давлати Советӣ, ҳамаи органҳои он дар асоси қонунияти сотсиалистӣ амал мекунанд, муҳофизати тартиботи қонунӣ, манфиатҳои ҷамъият, ҳуқуқ ва озодиҳои граданинҳоро таъмин менамоянд» [7].

Ба мафҳуми қонунияти сотсиалистӣ як қатор омилҳои идеологӣ таъсир расонида буданд, аз қабили эътироф нагаштани ғояҳои ҳукуқҳои фитрии инсон, давлти ҳуқуқбунёд [8], таҷзияи ҳокимият, гуногунии сиёсӣ ва мафкуравӣ ва диг. Ин ғояҳо бо сабаби буржуазӣ буданашон сарфи назар карда мешаванд.

Мафҳуми қонунияти сотсиалистӣ дар заминаи назарияи шӯравии ҳуқуқ, аз ҷумла назарияи шӯравии қонун муайян мешавад. Мафҳуми маҳдуд, бешар меъёрӣ, синфӣ ва идеологии ҳуқуқи сотсиалистӣ (шӯравӣ) боиси пешкаши мафҳуми ба он мувофиқи қонунияти сотсиалистӣ мегардад.

Бо сабабҳои идеологӣ, пеш аз ҳама оштинопазирии идеологияи сотсиалистӣ (коммунистӣ) ва идеологияи буржуазӣ, тафовути куллии қонунияти сотсиалистӣ ва қонунияти буржуазӣ пазируфта мешавад. Ба ин тафовут хусусиятҳои назарияи ҳуқуқ,

---

[7] Конститутсияи (Қонуни Асосии) Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ. Душанбе: «Ирфон», 1983.

[8] Танхо дар конференсияи XIX Ҳизби коммунистии Итиҳоди Шӯравӣ назарияи «давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ» расман эътироф мешавад. Тибқи қарорҳои ин конференсияи ҳизбӣ дар илми шӯравӣ таҳлили паҳлӯҳои гуногуни давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ оғоз мегардад. Мутобиқ намудани ғояи давлати ҳуқуқбунёд ба шароити ҷомеаи сотсиалистӣ ҳадафи асосии таҳлилҳои он давра буд.

ки дар кишварҳои сармоядорӣ ҷой дошт, таъсир мерасонад. Аз ҷумла моликиятдории хусусӣ, ҳуқуқҳои фардӣ, фардияти капиталистӣ, ҳаёти хусусӣ ва ҳаёти давлатӣ, ҳуқуқи омма ва ҳуқуқи хусусӣ, парламентаризм, таҷзияи ҳокимият, муайянсозанда будани ҳуқуқи фитрӣ, волоият ва дахнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон, тафовути ҳуқуқҳои инсон (фитрӣ) ва ҳуқуқҳои шаҳрванд, ки ғояҳои асосии фалсафа, илм ва фарҳанги ҷомеаи буржуазӣ буданд, дар ҷомеаи сотсиалистӣ эътироф шуда наметавонистанд, чунки хилофи идеологияи марксистӣ-ленинӣ буданд.

Дар ҷомеаи имрӯзаи пасосотсиалистӣ, ки дар он ғояҳои давлати ҳуқуқбунёд, волоияти ҳуқуқ, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон, қонуни ҳуқуқӣ, таҷзияи ҳокимият, гуногунии сиёсӣ ва мафкуравӣ, баробарии ҳамаи шаклҳои моликият, аз он ҷумла моликияти хусусӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкории хусусӣ, ҳуқуқи омма ва ҳуқуқи хусусӣ ва диг. дар сатҳи конститутсияҳо эътироф шудаанд, мафҳум ва маънии қонуният табиист, ки комилан тағйир меёбад.

Аз ин хотир, ҳангоми таҳлили илмии мафҳуми қонуният шароитҳои воқеии ҷомеа, дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, равандҳо ва дурнамои пешрафти давлат ва ҷомеаро мебояд ба инобат гирифт. Маҳз ҳамин усули таҳлили сотсиологӣ, ки имрӯз дар кишварҳои пасосотсиалистӣ васеъ истифода мешавад, имкон медиҳад маънии воқеӣ ва аслии қонуният дар робита бо омилҳои ҳаёти воқеӣ муайян гардад. Дар акси ҳол таҳлили қонуният хусусияти абстрактӣ (ҷудо аз воқеиятро) пайдо намуда, имкони рӯшан намудани маънии аслии онро маҳдуд месозад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло дар илми пасосотсиалистӣ таҳлили васеи қонуният бо истифода аз усулҳои нави таҳқиқи илмӣ мушоҳида мешавад. Айни замон оид ба мафҳуми қонуният дар адабиёти пасошӯравӣ нуқтаҳои назар гуногунанд. Баҳсҳо оид ба фаҳмиши қонуният ва паҳлӯҳои алоҳидаи он имрӯз идома доранд.

Дар адабиёт мафҳумҳои мухталифи қонуният пешкаш мешаванд. Сабаби гуногунии фаҳмиши қонуният пеш аз ҳама бо он муайян мегардад, ки худи истилоҳи «қонуният» ба маъноҳои гуногун истифода мешавад. Дар адабиёти илмӣ маъниҳои зерини қонуният мушоҳида мешаванд:

- усули роҳбарии давлатӣ ё идораи давлатӣ;
- усули амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ;
- принсипи фаъолияти мақомоти давлатӣ (прокуратура, суд ва диг.);
- принсипи умумии ҳуқуқ;
- принсипи конститутсионӣ;
- принсипи намудҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ ва диг.);
- режими ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ;
- режими ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ ва диг.

Мафҳумҳои зикршудаи қонуният анъанавӣ буда, дар адабиёти шӯравӣ ва пасошӯравӣ истифода мешаванд. Ҳамзамон ин мафҳумҳо бо пешрафти ҷомеа, дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа, инкишофи низоми ҳуқуқӣ тағйир меёбанд. Аз ҷумла, мафҳуми конститутсионии қонуният ҳоло бахри таъмини волоияти қонун ифода ва амалӣ мешавад.

Дар адабиёти пасошӯравӣ қонуният ба маъноҳои зайл истифода мешавад: талаби ҷомеа нисбат ба давлат; принсипи конститутсионӣ; принсипи фаъолияти давлати ҳуқуқбунёд; ғояи риояи талаботи қонун; талаби риояи меъёрҳои ҳуқуқ; режими ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ва ғ.

Илова бар ин, атрофи паҳлӯҳои алоҳидаи қонуният низ ҳоло баҳс ҷой дорад. Он дар иртибот бо фаҳмишҳои нави ҳуқуқ, таносуби ҳуқуқ ва қонун, андешаи қонуни ҳуқуқӣ, маънии васеъ ва маҳдуди қонунгузорӣ ба миён омадааст.

Ҳоло мубоҳисаи илмӣ асосан атрофи масъалаҳои зерини назариявӣ мушоҳида мешавад: маънии васеъ ва маҳдуди қонуният, субъектони қонуният, талабот ва принсипҳои қонуният ва диг.

Атрофи ҳар як аз масъалаи зикргашта баҳс идома дорад. Чунончи, як қатор муаллифон қонуниятро ба маънои риояи танҳо қонун мефаҳманд. Муаллифони дигар қонуниятро бо риояи ҳам қонунҳо ва ҳам санадҳои дигари меъёрии зериқонунӣ алоқаманд мекунанд.

Оид ба субъектҳои қонуният низ баҳс ҷой дорад. Чунончи, ба сифати субъектҳои қонуният ё шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, ё ин ки ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ (ҳам шахсони мансабдор ва ҳам шаҳрвандон) эътироф мешаванд.

Дар робита бо андешаи қонуни ҳуқуқӣ дар адабиёти пасошӯравӣ мафҳуми «қонунияти ҳуқуқӣ» пешкаш шудааст, ки риояи қонунҳои ҳуқуқиро дар назар дорад. Дар иртибот бо ғояи волоияти Конститутсия ақидаи «қонунияти конститутсионӣ» таҳлил мешавад.

Андешаҳо оид ба принсипҳо, талабот ва ғояҳои қонуният низ гуногунанд. Як қатор муаллифон принсипҳои қонуниятро чун талаботи қонуният, ё ғояҳои қонуният мефаҳманд. Муаллифони дигар онҳоро ҷудо мекунанд. Муаллифони алоҳида қонуниятро ба маънои талаби ҷомеа мефаҳманд.

Тавре мушоҳида мешавад, атрофи мафҳуми қонуният ва паҳлӯҳои ҷудогонаи он байни олимон ақидаи ягона ҷой надорад. Аз ин нуқтаи назар, таҳлили андешаҳои мухталиф оид ба қонуният мувофиқи мақсад аст.

Як қатор муаллифон қонуниятро ба маънои риояи танҳо қонун дарк мекунанд. Онҳо камбудии назарияи «қонунияти сотсиалистиро» маҳз дар он мебинанд, ки қонуниятро бо риояи ҳам қонунҳо ва ҳам санадҳои меъёрии зериқонунӣ дарк мекард. Ба андешаи Н.В. Витрук, чунин фаҳмиши қонуният боиси халалдор гаштани принсипи волоияти қонун мегардад, заминаи қабули номаҳдуди санадҳои идоравии мухолифи қонун ва бо ин гуна санадҳо маҳдуд намудани талаби қонуният мегардад. Дар ин замина муаллифони алоҳида қонуниятро ба маънои риояи танҳо қонун маънидод мекунанд. Азбаски санадҳои меъёрии зериқонунӣ мутобиқ бо қонунҳо қабул мешаванд, риояи қонун маънии риояи санадҳои меъёрии зериқонуниро низ дар назар дорад. Илова бар ин, аз ин андеша муаллифони тошӯравӣ низ истифода менамуданд[9].

В.В. Лазарев низ ин андешаро дар иртибот бо маънии васеъ ва маҳдуди қонунгузорӣ таҳлил намуда, қайд мекунад, ки қонунгузорӣ ба маънои маҳдуд аз маҷмӯи танҳо қонунҳо иборат аст ва аз ин хотир қонуният «иҷрои қонунҳоро талаб мекунад»[10].

Аммо бештари муаллифон муқобили ин андеша буда, қонуниятро ба маънои риояву иҷрои ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ё ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқ (ҳам қонунҳо ва ҳам санадҳои меъёрии зериқонунӣ) мефаҳманд[11].

В.С. Нерсесянс қонуниятро аз як тараф бо риояи талаботи қонуни ҳуқуқӣ алоқаманд намуда, аз тарафи дигар, ба маънои риояву амалӣ гаштани тартиботи ҳуқуқии дар меъёрҳои ҳуқуқи объективӣ ифодагашта дарк мекунад [12].

Дар адабиёти илмӣ дар иртибот бо ин нуқтаҳои назар оид ба субъектони қонуният низ андешаҳо гуногунанд.

Муаллифоне, ки қонуниятро ба маънои риояи қонун мефаҳманд, ба сифати субъектони қонуният танҳо мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро эътироф мекунанд. Ба андешаи Н.В. Витрук, камбудии назарияи анъанавии (шӯравии) қонуният ин буд, ки ҳамаи субъектони ҳуқуқ ба ҳайси субъектони қонуният эътироф

---

[9] Ниг.: *Витрук Н.В.* Законность: понятие, защита и обеспечение // Общая теория права / Под ред. В.К. Бабаева. С. 522-525; Стрргович М.С. Проблемы общей теории права // Избр. тр. Т.1. М., 1990. С. 111.

[10] *Лазарев В.В.* Законность и правопорядок // Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. С. 467.

[11] Ниг.: Теория государства и права / Под ред. В.Д. Перевалова. С. 276; Теория государства и права / Отв. ред. А.В. Малько. С. 309-310; Теория государства и права / Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. С. 518; *Алексеев С.С.* Право: азбука-теория-философия. - М., 1999. - С. 38; *Перевалов В.Д.* Теория государства и права. - М., 2006. - С. 256 ва диг.

[12] Ниг.: *Нерсесянц В.С.* Общая теория права и государства. М., 1999. - С. 532-535.

гашта, дар ин ҳолат «сатҳи хавфнокии поймол гаштани талаботи қонун аз ҷониби шахсони мансабдор ва сатҳи хавфнокии халалдор гаштани қонун аз тарафи шаҳрвандон баробар карда мешаванд». Аз ин ҷо мавсуф ба хулоса меояд, ки «халалдор гаштани қонун аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони дигар маънои қонуншиканиро надошта, дар асл тартиботи ҳуқуқиро халалдор мекунанд» [13].

Аммо на ҳамаи муаллифон пуштибони чунин нуқтаи назар мебошанд. В.В. Лазарев, гарчанде қонуниятро бо риояи қонунҳо алоқаманд намояд ҳам, ба ҳайси субъектони қонуният ҳам шахсони мансабдор ва ҳам шаҳрвандонро эътироф мекунад. Ӯ ҳамчунин мафҳуми «объекти қонуниятро» (чун амали шахсони ӯҳдадор) пешкаш мекунад[14].

Аксари муаллифон ба ҳайси субъектони қонуният ҳамаи субъектҳоро (ҳам шахсони мансабдор ва ҳам шаҳрвандонро) эътироф мекунанд. Аз ин андеша муаллифони шӯравӣ низ пуштибонӣ менамуданд. Ба ақидаи ҳуқуқшиноси шӯравӣ М.С. Строгович, «қонуният ягона аст ва барои ҳама - ҳам мақомоти ҳокимият ва ҳам шаҳрвандон ҳатмист» [15].

Ба ин нигоҳ накарда, муаллифони ҷудогонаи шӯравӣ поймол гаштани қонуниятро аз ҷониби шахсони мансабдор ва аз тарафи шаҳрвандон фарқ карданӣ шуда, мафҳуми васеъ ва маҳдуди қонуниятро пешкаш намуданд. Қонуният ба маънои васеъ маънои халалдор гаштани қонунро аз ҷониби ҳамаи субъектҳо дорад. Ба маънои маҳдуд бошад, қонуният поймол гаштани қонунро аз тарафи танҳо шахсони мансабдори давлат дар назар дорад[16].

Бештари муаллифони пасошӯравӣ (В.С. Нерсесянс, С.С. Алексеев, А.С. Пиголкин, В.Д. Перевалов, А.С. Шабуров ва диг.) ҳамаи субъектҳои ҳуқуқро чун субъектони қонуният эътироф менамуданд. Ба андешаи Т.Н. Радко ва В.Н. Казаков, маҳдуд намудани субъектони қонуният танҳо бо шахсони мансабдор ба он оварда мерасонад, ки маънии он «маҳдуд мешавад», шаҳрвандон берун аз «иҷрои қонунҳо мемонанд», талаботи «умумӣ будани қонуният барои ҳама», «баробарии ҳама назди қонун» поймол мешаванд [17].

Дар робита бо ин нуқтаҳои назар таърифҳои мухталифи қонуният пешкаш мешаванд.

Як қатор муаллифон қонуниятро бо ҳуқуқэҷодкунӣ ё умуман ҳуқуқ алоқаманд мекунанд. Масалан, Н.В. Витрук ду таърифи қонуниятро пешкаш мекунад: 1) «Қонуният маънои ғоя, талаб ва низоми (режими) ифодаи воқеии ҳуқуқро дар қонунҳои давлат, дар қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқэҷодкунии зериқонунӣ дорад»; 2) «Қонуният низоми ҳуқуқи воқеан амалкунанда мебошад»[18].

Муаллифони дигар муқобили чунин фаҳмиши қонуният буда, қайд мекунанд, ки ворид намудани мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ ба мафҳуми қонуният дуруст нест, чунки ҳар як ҳолати тағйири санадҳои ҳуқуқэҷодкунӣ боиси тағйири маънии қонуният мегардад[19].

Муаллифони дигар таърифи васеи қонуниятро дар иртибот бо ҷомеа ва давлат пешкаш мекунанд. Тибқи таърифи Д.А. Липинский, «қонуният - ин принсип, режим ва усули фаъолияти ҷомеа ва давлат мебошад, ки ба риояи аниқи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зериқонунии давлат аз ҷониби мақомоти давлат, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон асос меёбад» [20].

---

[13] *Витрук Н.В.* Ас. иш. - С. 525-527.
[14] Ниг.: *Лазарев В.В.* Ас. иш. - С. 468.
[15] *Строгович М.С.* Ас. иш. С. 111.
[16] Ниг.: *Александров Н.Г.* Право и законность в период развернутого строительства коммунизма. - М., 1961. - С. 105-106.
[17] Ниг.: *Радько Т.Н., Казаков В.Н.* Законность и ее грани // Современное право. № 3. 2003. - С. 47.
[18] Витрук Н.В. Ас. иш. - С. 523, 527.
[19] Ниг.: *Комаров С.А., Малько А.В.* Ас. иш. - С. 376.
[20] *Липинский Д.А.* Законность: понятие и принципы // Теория государства и права / Отв. ред. А.В. Малько. - С. 309-310.

Қонуният ба маънои режими ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ низ таъриф дода мешавад. Ҷонибдорони ин андеша фаҳмишҳои қонуниятро чун принсипи фаъолият, принсипи ҳуқуқ, усули фаъолияти давлат яктарафа мешуморанд ва ҳамзамон маънии сиёсии қонуниятро (дар иртибот бо давлат ва ташкилотҳои сиёсӣ) пуштибонӣ мекунанд. Айни замон нишонаҳои қонуният ба инобат гирифта мешаванд. Дар ин замина чунин таъриф пешкаш мешавад: «Қонуният - ин режими ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ аст, ки маънияш дар волоияти ҳуқуқ ва қонун дар ҳаёти ҷомеа, амалӣ гаштани нишондоди меъёрҳои ҳуқуқ аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ, муборизаи мунтазам бо ҳуқуқвайронкунӣ ва решакан намудани худсарӣ дар фаъолияти шахсони мансабдор ифода меёбад» (А.С. Шабуров) [21].

Муаллифони дигар таърифҳои соддатари қонуниятро пешкаш мекунанд. Аммо ин таърифҳо низ мухталифанд, чунки паҳлӯҳои ҷудогонаи қонуниятро ба инобат мегиранд.

Чунончи, В.В.Лазарев қонуниятро чун «маҷмӯи талаботи алоқаманд бо қонунҳо ва амалӣ гаштани онҳо» таъриф медиҳад. Талаботи зерини қонуният пешкаш мешаванд: «якум, талаби аниқу мунтазам риоя намудани қонунҳо аз ҷониби онҳое, ки ба онҳо қонунҳо дахл доранд; дуввум, талаби риояи низоми мартаботии қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрӣ; саввум, талаби он, ки ҳеҷ кас имкони бекор намудани қонунро надорад, ба ғайр аз мақомоти қабулнамудаи он». Маҷмӯи ин талаботро муаллиф қонуният меномад [22].

А.Н.Головастикова қонуниятро бо амали меъёрҳои ҳуқуқ алоқаманд намуда, чунин таърифи онро пешкаш мекунад: «Қонуният ин режими амали меъёрҳои ҳуқуқ аст» [23].

В.Д.Перевалов қонуниятро чун принсипи конститутсионӣ таъриф медиҳад: «Қонуният - ин принсипи конститутсиониест, ки талаби риоя ва иҷрои аниқу ҳамаҷонибаи нишондоди меъёрҳои ҳуқуқро аз тарафи ҳамаи субъектони пешбинӣ мекунад» [24].

С.С.Алексеев қонуниятро чун «талаби риоя ва иҷрои устувору ҳатмии ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқ, ҳамаи нишондоди ҳуқуқӣ аз ҷониби ҳамаи субъектҳо, яъне шаҳрвандон, иттиҳодияҳои онҳо, шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ» таъриф медиҳад [25].

В.Н.Хропанюк қонуниятро бо озодиҳои инсон алоқаманд намуда, чунин таърифро пешкаш мекунад: «Қонуният амалӣ гаштани озодии инсон мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқ ифода гаштааст» [26].

В.С.Нерсесянс мафҳуми «қонунияти ҳуқуқиро» пешкаш намуда, чунин таърифи онро медиҳад: «Қонунияти ҳуқуқӣ риоя ва иҷрои аниқу бемайлони талаботи қонуни ҳуқуқӣ аз ҷониби ҳамаи субъектони ҳуқуқ мебошад»[27].

Аммо нуқтаҳои назар оид ба мафҳуми «қонунияти ҳуқуқӣ» гуногунанд. Ба андешаи В.С.Нерсесянс, «қонунияти ҳуқуқӣ» волоият ва риояи «қонуни ҳуқуқиро» дар назар дорад. «Қонуни ҳуқуқӣ» бошад, ба маънои «ҳуқуқи объективӣ» истифода мешавад.

С.С. Алексеев мафҳуми «қонунияти ҳуқуқиро» дар робита бо «ҳуқуқҳои инсон» муайян мекунад. Ба андешаи ӯ, «қонунияти ҳуқуқӣ» - ин «амалӣ гаштани ҳуқуқҳои асосии ҷудонопазири инсон» аст. Дар ин замина мафҳуми «қонуният» (риояи ҳамаи меъёрҳо) ва мафҳуми «қонунияти ҳуқуқӣ» (амалӣ гаштани ҳуқуқҳои инсон) ҷудо карда мешаванд. Айни замон «қонунияти ҳуқуқӣ» бо амалӣ гаштани «принсипҳои

---

[21] Теория государства и права / Под ред. В.Д. Перевалова. - С. 275.
[22] Ниг.: *Лазарев В.В.* Ас. иш. - С. 465-466.
[23] Теория государства и права / Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. - С. 518.
[24] *Перевалов В.Д.* Ас. иш. - С. 256.
[25] *Алексеев С.С.* Ас. иш. - С. 38.
[26] Ниг.: *Хропанюк В.Н.* Ас. иш. - С. 353.
[27] *Нерсесянц В.С.* Ас. иш. - С. 530.

умумидемократии ҳокимиятдории халқ, ҳуқуқи хусусӣ, адолати судии мустақил» алоқаманд карда мешавад[28].

Дар робита бо ҳамин масъала дар адабиёт мафҳумҳои «қонунияти аслӣ» ва «қонунияти шаклӣ» фарқ карда мешаванд. «Қонунияти аслӣ» хусусиятҳои зерин дорад: мувофиқат «ба моҳияти ҳуқуқ» ва «фарҳанги ҳуқуқӣ», «эҳтироми ҳуқуқ», «зарурат ва адолатнокии ҳуқуқ». «Қонунияти шаклӣ» бошад, «риояи ҳама гуна меъёрҳои муқаррарнамудаи давлатро» дар назар дорад [29].

Дар адабиёт таърифҳои дигари қонуният низ истифода мешаванд. Гуногунии мафҳуми қонуният собит менамояд, ки маънӣ ва таърифи ягонаи қонуният ҷой надорад.

Ҳангоми пешкаши маънӣ ва таърифи қонуният мафҳуми конститутсионии қонуниятро бояд ба инобат гирифт. Якум, Конститутсия - Қонуни асосии давлат буда, мафҳуму ғояҳои конститутсионӣ дар таъмини низоми ҳуқуқӣ, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, устувории асосҳои сохтори конститутсионӣ нақши ҳалкунанда доранд. Дуввум, волоияти Конститутсия талаби қонуни ҳуқуқӣ, заминаи тъмини қонунияти ҳуқуқӣ ва қонунияти конститутсионӣ мебошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таърифи қонуният ифода мегардад: «Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд» (қ.2 м.10).

Аз ин таърифи конститутсионӣ хусусиятҳои зерини мафҳуми қонуният ҳосил мешаванд:

а) қонуният талаби ягона ва баробари конститутсионӣ ба ҳамаи субъектони ҳуқуқ (давлат, мақомоти давлат, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо) мебошад;

б) дуюм, қонуният маънои риояву иҷрои Конститутсия ва қонунҳоро дорад. Ин хусусияти қонуният нуфузи Конститутсияро дар низоми сандҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин мекунад. Қонуният маънои риояи на танҳо қонунҳо, балки Конститутсияро низ дорад. Аммо аз ин мафҳум ба ду хулоса омадан мумкин аст. Якум, истифодаи маънии маҳдуди қонуният дар Конститутсияи кишвар (ба маънои риояву иҷрои танҳо Конститутсия ва қонунҳо). Дуюм, ишора ба маънии васеи он бо назардошти ин ки риояву иҷрои Конститутсия ва қонунҳо дар як вақт маънии риояву иҷрои ҳамаи дигар санадҳои меъёриро дорад, чунки онҳо мутобиқи Конститутсия ва қонунҳо қабул мешаванд;

в) субъектони қонуният ҳамаи субъектони ҳуқуқ (давлат, мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон, иттиҳодияҳои онҳо) мебошанд. Ин маънии онро дорад, ки талаби конститутсионии қонуният ба ҳамаи субъектони ҳуқуқ баробар паҳн мешавад.

Дар заминаи ин хусусиятҳо таърифи зерини қонуниятро пешкаш намудан мумкин аст:

Қонуният ғоя, принсип ва талаби конститутсионист, ки барои давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо баробар буда, риоя ва иҷрои аниқу бемайлони меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳоро дар назар дорад.

Ин мафҳум дар Конститутсия пешбинӣ шуда, дар шакли талаби конститутсионӣ ифода гаштааст, риояву иҷрои Конститутсия ва қонунҳоро баҳри таъмини волоияти Конститутсия ва қонун дар назар дорад. Аз ин хотир метавон гуфт, ки он мафҳуми конститутсионист.

Чунин мафҳум, аз як тараф, риояи Конститутсияро дар назар дорад, ки дар таърифҳои илмии ҷойдошта истифода намешавад. Аз тарафи дигар, он мисли дигар таърифҳои назариявӣ дар адабиёти илмӣ риояи конунҳоро низ дар назар дорад.

---

[28] Ниг.: *Алексеев С.С.* Ас. иш. - С. 472.
[29] Ниг.: *Баскин Ю.Я.* Очерки философии права. - С. 54.

Таърифи ба Конститутсияи Тоҷикистон хоси мафҳуми қонуният дар Конститутсияи Федератсияи Россия низ истифода мешавад. Тибқи он: «Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсияи Федератсияи Россия ва қонунҳоро риоя намоянд» (б.2 м. 15).

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон: «Давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон дар робита бо Конститутсия ва қонунҳо амал мекунанд» (қ.2 м. 15).

Дар конститутсияҳои кишварҳои дигари ИДМ мафҳуми маҳдуди қонуният истифода мешавад. Масалан, тибқи Конститутсияи Арманистон: «Мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор салоҳияти ба иҷро расонидани танҳо амалҳоро доранд, ки ба онҳо бо қонунгузорӣ ваколатдор гаштаанд» (қ.2 м. 5).

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Беларус: «Давлат, ҳамаи мақомоти он ва шахсони мансабдор дар чорчӯбаи Конститутсия ва санадҳои қонунгузории мутобиқи он қабулшуда амал мекунанд» (қ.2 м. 7).

Тибқи Конститутсияи Туркманистон: «Давлат, ҳамаи мақомоти он ва шахсони мансабдор бо ҳуқуқ ва сохти конститутсионӣ алоқамананд» (м. 5).

Тибқи Конститутсияи Украина: «Мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ваколати хешро дар ҳудуди муқаррарнамудаи ҳамин Конститутсия ва мутобиқи қонунҳои Украина амалӣ мекунанд» (қ.2 м.6) [30].

Тавре мушоҳида мешавад, дар конститутсияҳои кишварҳои пасошӯравӣ маҳумҳои васеъ ва маҳдуди қонуният истифода мешаванд. Ин натиҷаи истифодаи натиҷаҳои таҳлилҳои мухталифи илмӣ-ҳуқуқӣ аст. Масъалаҳои мубоҳисавии назариявӣ атрофи қонуният, ки болотар зикр гаштанд, дар рафти қабули конститутсияҳои пасошӯравӣ ифодаи хешро ёфтанд.

Дар адабиёт оид ба мафҳуму таносуби талабот ва принсипҳои қонуният низ андешаҳои мухталиф пешкаш мешаванд.

Як қатор муаллифон ин мафҳумҳоро ҷудо мекунанд. Масалан, ба сифати талаботи қонуният нуктаҳои зайл пешкаш мешаванд: риояву иҷрои бемайлони қонуну санадҳои меъёрӣ аз ҷониби ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ; волоияти қонун; таъмини амалишавии бемайлони ҳуқуқу озодиҳо; мубориза мунтазам муқобили ҳуқуқвайронкунӣ; имконнопазирии худсарӣ дар фаъолияти шахсони мансабдор. Аз онҳо принсипҳои қонуният ҷудо карда мешаванд: ягонагии қонуният; умумияти қонуният; мақсаднокии қонуният [31].

В.В. Лазарев қонуниятро ба маънои «маҷмӯи талаботи алоқаманд бо қонунҳо» таъриф дода, ба сифати талаботи қонуният нуктаҳоеро пешбарӣ мекунад, ки бештар бо қонунҳо алоқаманданд. Дар ин замина талаботи зерини қонуният эътироф мешаванд: 1) риояи бемайлони қонунҳо; 2) риояи низоми мартаботии санадҳои меъёрӣ; 3) имконнопазир будани бекор намудани қонун аз тарафи мақомоте, ки онро қабул накардааст. Аммо принсипҳои қонуният таҳлил намешаванд [32].

Муаллифони дигар, баръакс, ба ҷои мафҳуми «талаботи қонуният» мафҳуми «принсипҳои қонуниятро» таҳлил мекунанд. Дар натиҷа волоияти қонун дар як қатор китобҳо чун талаби қонуният, дар китобҳои дигар ба сифати принсипи қонуният эътироф мешавад. Чунончи, Д.А. Липинский присипҳои зерини қонуниятро ҷудо мекунад: ягонагии қонуният; волоияти Конститутсия, волоияти қонун; ногузирии ҷавобгарӣ; баробарӣ дар назди қонун [33].

В.С. Нерсесянс танҳо як принсипи қонуниятро ҷудо мекунад: «волоияти қонуни ҳуқуқӣ». Ҳамзамон талаботи принсипи номбурда таҳлил мешаванд: ягонагии қонунияти ҳуқуқӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ; ба ҳама ягона будани талаботи қонуни

---

[30] Рољеъ ба конститутсияњои пасошўравї ниг.: Конституции государств-участников СНГ. - М.: НОРМА-ИНФРА, 1999.

[31] Ниг.: *Шабуров А.С.* Законность и правопорядок. - С. 276-280.

[32] Ниг.: *Лазарев В.В.* Ас. иш. - С. 465-466.

[33] Ниг.: *Липинский Д.А.* Ас. иш. - С. 311-313.

ҳуқуқӣ; фаъолнокии ҳуқуқии субъектони амалӣ гаштани қонуни ҳуқуқӣ; тобеи қонуни ҳуқуқӣ будани мақсаднокӣ[34].

Волоияти қонун, риояи ҳуқуқу озодҳо, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, мубориздаи қатъӣ ба муқобили ҳуқуқвайронкунӣ, назорати иҷрои қонунҳо, мақсаднокии қонуният дар китобҳои дигар ба сифати принсипҳои қонуният эътироф мешаванд[35].

Умумияти қонуният, ягонагии қонуният, волоияти қонун, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, имконнопазирии муқобилияти мақсаднокӣ ва қонуният, алоқаи қонуният ва фарҳангро муаллифони дигар на талабот ё принсипҳо, балки «ғояҳои қонуният» меноманд [36].

Тавре мушоҳида мешавад, оид ба мафҳумҳои «талабот» ва «принсипҳои» қонуният дар адабиёти илмӣ нуқтаҳои назар мухталифанд. Волоияти қонун ба сифати ё талаби қонуният ва ё принсипи қонуният эътироф мешавад. Як қатор муаллифон талаботи қонуният, муаллифони дигар принсипҳои қонуниятро таҳлил мекунанд. Дар як қатор китобҳо ҳам талабот ва ҳам принсипҳои қонуният таҳлил мешаванд.

Дар робита бо қонуният дар адабиёт кафолатҳои он низ омӯхта мешаванд. Кафолатҳои қонуният ба маънои шароитҳои объективӣ ва омилҳои субъективӣ, инчунин воситаҳои махсуси таъмини қонуният фаҳмида мешаванд. Одатан кафолатҳои умумӣ (шароитҳои объективӣ) ва кафолатҳои махсус (омилҳои субъективӣ ва воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ) ҷудо карда мешаванд.

Ба сифати кафолатҳои умумӣ - шароитҳои иқтисодӣ (ҳаёти иқтисодӣ, инкишофи истеҳсолот, вазъи хоҷагидорӣ ва м.и.), иҷтимоӣ (вазъи иҷтимоии аҳолӣ, таъмини шароити ҳаёти иҷтимоӣ, таъмин бо ҷои кор, ҳадди маош ва м.и.), сиёсӣ (низоми ҳизбӣ, фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва м.и.), маънавӣ (гуногунандешагӣ, вазъи ҳаёти фарҳангӣ, арзишҳои фарҳангӣ-маънавӣ ва м.и.) таҳлил мешаванд.

Як қатор муаллифон кафолатҳои ҳуқуқиро низ аз ҷумлаи умумӣ (объективӣ) эътироф мекунанд [37]. Аммо бештари муаллифон онҳоро аз ҷумлаи кафолатҳои махсус мешуморанд.

Ба сифати кафолатҳои махсуси қонуният инҳо эътироф мешаванд: сатҳи инкишофи илми ҳуқуқӣ; низоми ҳуқуқ ва қонунгузорӣ; такмил ва инкишофи қонунгузорӣ; фаъолияти босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва омодагии касбии ҳуқуқӣ; низоми мукаммали омода намудани кадрҳои ҳуқуқшинос; фаъолнокии субъектони ҳуқуқ; низоми мукаммали ҳифзи ҳуқуқӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ; низоми мукаммали назорати риояву иҷрои қонунҳо.

Ҳамчунин воситаҳои махсуси ҳуқуқии таъмини қонуният ҷудо карда мешаванд: воситаҳои ошкор намудани ҳуқуқвайронкунӣ; воситаҳои огоҳсозии ҳуқуқвайронкунӣ; чораҳои пешгирсозии ҳуқуқвайронкунӣ; чораҳои ҳифз ва барқарорнамоӣ; ҷавобгарии ҳуқуқӣ; кафолатҳои мурофиавӣ; адолати судӣ.

Ҳамин тариқ, қонуният яке аз проблемаҳои муҳими илмиву амалӣ буда, дар маркази таваҷҷӯҳи олимону муҳаққиқон қарор дорад. Дар шароити гуногунии сиёсиву мафкуравӣ, озодии фаъолитяи эҷодӣ нуқтаҳои назари муталиф оид ба қонуният пешкаш мешаванд. Сатҳи баланди таҳлилҳои илмии қонуният собит менамояд, ки қонуният падидаи муҳими ҳаёти давлат, ҷомеа ва одамон мебошад.

### ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ЗАКОННОСТИ

***Ключевые слова***: *закон, законность, правовое государство, верховенство права, правовой закон.*

---

[34] Ниг.: *Нерсесянц В.С.* Ас. иш. - С. 534.

[35] Ниг.: Теория государства и права / Под ред. А.С. Пигокина. С. 519-520; Перевалов В.Д. Ас. иш. - С. 259-260.

[36] Ниг.: *Комаров С.А., Малько А.*В. Ас. иш. - С. 380-381.

[37] Ниг.: Теория государства и права / Отв. ред. В.Д. Перевалов. - С. 282-283.

В статье иследуются фаторы и условия многообразия трактовок законности, различные подходы к закону и законности, раскрываются соотношение понятий "правовое государство", "верховенство права", "правовой закон", "правовая законность", "конституционная законость". Анализируются также раличные подходы к законности в советской и постсоветской литертуре, различные точки зрения о субъектах законности, понятии законности,  а также широкая и узкая трактовка законости.

**THEORETICAL PROBLEMS TO LEGALITY**

***Keywords**: law, legality, legal state, верховенство law, legal law.*

In article factors are studied and condition of the variety of the interpretations to legality, different approaches to law and legality, open the correlation a notion "legal state", "верховенство right", "legal law", "legal legality", "constitutional legality". Approaches are Analysed also to legality in soviet and postsoviet literature, different standpoint about subject of legality, notion to legality, as well as broad and narrow interpretation legality.

## САМТҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сафаров Ҳ.С.***
**Солиев К.Ҳ.****

***Вожаҳои калидӣ:** муборизa, терроризм, экстремизм, амалиётҳои махсус, амният, давлат, ҷинояткор, системаи таъмини амнияти ҷамиятӣ, идеология*

Таҳлили вазъи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм нишон медиҳад, ки айни замон хавфи бевоситаи ин ҷиноятҳо на танҳо ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки тамоми мамлакатҳои минтақа таҳдид карда, онҳо характери трансмиллӣ ва глобалӣ касб кардаанд. Тамоюли солҳои охир дар ин ҷода нишон медиҳад, ки ин ҷиноятҳо дар ҳамгирой бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, гардиши ғйриқонунии ярок, одамрабоӣ, хариду фуруши одамон, гаравгонгирӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ содир гардида, ҷиноятҳои мазкур ҳамчун манбаи ба даст овардани маблағҳои пулӣ барои амалӣ сохтани кирдорҳои террористӣ истифода карда мешаванд.

Чумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мавқеи геополитикӣ ва геоиқтисодии худ боиси бархурдани манфиатҳои мамлакатҳои абарқудрати дунё гардидааст, ки ин таҳаввулот метавонад сабаби боз ҳам ривоҷ ёфтани терроризми байналмилалӣ гардад. Дар ин ҷода вазъи мураккаби ҳарбӣ-сиёсии Чумҳурии Исломии Афғонистон, ки дар ҳудуди он якчанд марказҳо ва ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ фаъолият менамоянд, бетаъсир нахоҳад монд[38].

---

* *Сафаров Х.С.* – докторанти Академияи идоракунии ВКД Россия, номзади илмҳои ҳуқуқ, подполковники милитсия.

** *Солиев К.Ҳ.* – муовини сардори Академияи ВКД Тоҷикистон оид ба илм, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия.

[38] Ниг.: Консептсияи ягонаи Чумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм аз 08.03.2006 с. №1717.

Тезутундшавии вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳудудӣ, минтақавӣ, этникӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар ҳамгироӣ бо терроризми байналмилалӣ ва дигар ҷиноятҳои хусусияти трансмиллидошта сурат гифта истодааст, барои Тоҷикистон яке аз сабабҳои асосии мавҷуд будани хавфи ҳарбӣ ба ҳисоб рафта, метавонад боиси мунокишаҳои ҳарбӣ ва ҷангҳои локалӣ гардад, ки бевосида манфиатҳои Тоҷикистонро халалдор сохта, ба амнияти миллии он таҳдид менамояд[39].

Бояд зикр кард, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар то имрӯз дар мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва дигар ҷиноятҳои муташаккил матонату мардонагӣ нишон дода, чандин гурӯҳҳои ҷиноятпешаро безарар гардонида, амнияти давлату миллатро таъмин намуда истодаанд.

Чӣ тавре, ки ба мо маълум аст, баъди ҳаёти осоиштаи мардум (аз солҳои 2000 то 2008) аз тарафи як қатор гурӯҳҳои манфиатҷӯйи ҷиноятпешаи дохилӣ ва зархаридони хориҷӣ авзои сиёсии ҷомеа халалдор карда шуд. Аз ҷумла:

- 2-юми феврали соли 2008 командири дастаи таъиноти махсуси милитсия (ОМОН) Олег Захарченко дар ноҳия Рашт кушта шуд;

- моҳи июли соли 2009 ҳангоми гузаронидани амалиёти махсуси «Кӯкнор-2009» дар ноҳияи Тавилдара гурӯҳи террористии Неъмат Азизов ва ҳаммаслакони ӯ безарар гардонида шуд. Ҳангоми ин амалиёт Неъмат Азизов ва панҷ зархариди хориҷӣ кушта ва панҷтои дигараш дастгир гардид;

- 3-юми сентябри соли 2010 амали террористӣ нисбати кормандони Раёсати мубориза бо ҷиноияткории муташаккили шаҳри Хӯҷанд содир карда шуд, ки дар натиҷа ду нафар корманд ба марг расида, 25 нафар захмӣ шуданд. Ҷинояти мазкур ошкор карда шуда, гунаҳгорон ҷазои сазовор гирифтанд;

- 19-уми сентябри соли 2010 дар дараи «Камароб» аз тарафи гурӯҳи террористии Давлатов Аловуддин (Алии Бедакӣ) ва Раҳимов Абдулло (Мулло Абдуло) нисбати автоколонаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амали террористӣ содир гардида, теъдоди зиёди аскарон ба шаҳодат расиданд. Дар натиҷаи амалиётҳои махсуси қувваҳои қудратии давлат ин ҷинояткорон ва теъдоди зиёди аъзоёни гурӯҳҳои онҳо несту нобуд ва безарар карда шуданд.

Инчунин, мохи июли соли 2012 як қатор шахсони ҷиноятпеша бо дастгирии гурӯҳҳои манфиатҷӯи дохилию хориҷӣ кӯшиш ба харҷ доданд, ки авзои ҷамъиятиву сиёсиро дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон халалдор созанд.

Чӣ тавре, ки ба мо маълум аст дар ба эътидол овардани ин вазъият теъдоди зиёди кормандони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи амнияти милли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи таъмин сохтани амнияти давлату миллат ҷони худро нисор карданд.

Қайд намудан зарур аст, ки авзои иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи имрӯзаи моро на танҳо кирдорҳои хусусияти террористидошта ноором месозанд, балки авҷ гирифтани кирдорҳои экстремистӣ низ боиси нигаронии ҷомеа гардидааст. Аз солҳои 90-уми асри гузашта то имрӯз таъсири ҳизби исломии радикалии байналмилалии «Ҳизб-ут-Таҳрир», ки бо ниқобҳои гуногун дар ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон фаъолият менамояд, боиси тафриқаандозии динии мардуми мусулмон гардидааст.

Танҳо соли 1999 нисбати аъзоёни ин ҷараён 126 парвандаи ҷиноятӣ, солҳои 2000 - 77, 2001 - 37 ва дар нимаи аввали соли 2002 - 12 парванда оғоз гардида, теъдоди зиёди ҷинояткорон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд. Баъди пастшавии нисбии ҷинояткорӣ дар ин самт соли 2007 чордаҳ (14) парвандаи ҷиноятӣ нисбати аъзоёни «Ҳизб-ут-Таҳрир» оғоз шуда, мувофиқи маълумоти омории Суди вилояти Суғд дар аввали соли 2012 бошад, 23 нафар аъзоёни «Ҷунбиши исломии Узбекистон» ба маҳкама кашида шудаанд.

---

[39] Ниг.: Доктринаи ҳарбии Чумҳурии Тоҷикистон аз 03.10.2005 с. №103.

Новобаста ба он, ки ҳисоботи омории зикршуда аз вазъи пурраи ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта шаҳодат дода наметавонанд, зикри онҳо ҳушдор месозад, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳли ҷомеа ба мубориза дастаҷамона ҷалб карда шаванд.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ ва экстремистӣ этирофшударо, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ғайриқонунӣ фаъолият менамоянд, расман эълон намуда, фаъолияти онҳоро манъ кардааст. Масалан, бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001 фаъолияти «Ҳизб-ут-Таҳрир» ғайриқонунӣ амалкунанда эътироф карда шуда, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст.

Инчунин, бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марта соли 2006 ташкилотҳои зерин террористӣ ва экстремистӣ дониста шуда, фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудаанд: «Ал-Қоида», «Ҳаракати Туркистони шарқӣ», «Ҳизби Исломии Туркистон» (собиқ ҳаракати Исломии Узбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкари Тойиба», «Гурӯҳи исломӣ», «Ҷамъияти Исломии Покистон», «Ҷамоати таблиғ», ташкилоти динӣ-миссионерии «Созмони таблиғот» ва «Тоҷикистони озод». Минбаъда бошад, фаъолияти ҷараёнҳои «Салафия» ва «Ансоруллоҳ» низ манъ карда шуданд.

Ба андешаи мо барои муковимати комплексӣ бар зидди ин зуҳурот пеш аз ҳама мебояд сабабу шароитҳои ривоҷ ёфтани онҳоро муайян намуд. Таҳлили маводи парвандаҳои ҷиноятӣ ва сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки шартан ин омилҳоро ба ду самти асосӣ ҷудо намудан мувофиқи мақсад аст:

**Самти аввалро** проблемаҳои ҷомеаи имрӯза дар соҳаи сиёсат, иҷтимоиёт, иқтисодиёт, маданият, маориф ва муносибати миллию диннӣ ташкил медиҳанд[40].

**Самти дуюмро** майлу рағбати як қатор давлатҳои манфиатҷӯй ва ташкилотҳои террористӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон дарбар мегирад[41].

Барои бо таври комплексӣ суст намудани сабаб ва шароитҳои ба вуҷуд омадани терроризм ва экстремизм бояд дар баробари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тамоми дигар шохаҳои ҳокимият ва табақаҳои ҷомеа ҷалб карда шаванд, зеро проблемаҳои бартараф сохтани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани савияи донишҳои дунявию динӣ ва ҳуқуқии ҷомеа аз доираи салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ берун мебошад. Аз ин лиҳоз, дар қонунгузории мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мубориза бар зидди терроризм ва экстремизмро ба танзим медарорад, мушаххасан вазифаи ҳар як вазорату кумитаҳо, мақомоти ҳокимияти иҷроя, мақомоти ҳокимияти худидоракунии маҳаллӣ (ҷамоатҳо) ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ бояд муайян карда шавад.

Айни замон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм», «Дар бораи милитсия», «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақомоти прокуратура», Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. фаъолияти худро амалӣ сохта, бо кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ мубориза мебаранд.

Чӣ тавре, ки дар боло ишора гардид, бо терроризм ва экстремизм на танҳо бояд мубориза бурд, балки ташкили муқовимати дастаҷамъона тақозои замон мебошад.

---

[40] Ниг.: *Антонян Ю.М.* Терроризм. Криминологическое и уголовно-правовое исследование. - М., 2001. - С.294.

[41] Ниг.: *Джалилов К.* Исламский фактор и внешняя политика Таджикистана. // Вестник. Таджикистан и современный мир.№2(15)-2007. –С.564; *Салимов К.Н.* Современные проблемы терроризма. Издательство «Щит-М», М.,2000, -С.26; *Трайнин А.Н.* Защита мира и уголовный закон //Изб. Произв. С.357-362; Курс международного права. М., 1969.Т.5, -С430; *Терехов В.Д.* Международный терроризм и борьба с ним // Новое время.1974.№11. -С.22; *Жданов Н.В., Игнатенко. А.А.* Ислам на пороге ХХ1 века. М., Политиздат, 1989. -С.169 и т.д.

Новобаста ба он, ки мубориза бар зидди терроризм ва экстремизмро қонунҳои алоҳида ба танзим медароранд ва дар Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта ҳамчун таркибҳои алоҳида мустақар гардидаанд, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ангеза ва мақсади содир кардани ин ҷиноятҳо маъмулан ҳамшабеҳ буда, сабаб ва шароитҳои руҷӯъ ёфтани онҳо низ маншаи ягона доранд. Аз ин лиҳоз, ташкили муқовимати дастаҷамъона бо онҳо барои ноил шудан ба ҳадафи асосӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Барои тақвияти афкори худ мо ақидаи муҳаққиқ Ф.С.Фридинскийро тарафдорӣ менамоем, ки таносуби мафҳумҳои «терроризм» ва «экстремизм»-ро баррасӣ намуда, мегӯяд, ки мафҳуми экстремизм нисбат ба мафҳуми терроризм васеътар мебошад, барои он ки ташкилотҳои экстремистӣ бо роҳи террор ба ҳадафҳои сиёсии худ ноил мегарданд. Экстремизм маъмулан идеологияи амалисозии кувваи зӯровариро барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ, диннӣ, миллатгароӣ, маҳалчигӣ ва ғ. бо таври назариявӣ дар бар мегирад. Терроризм бошад, асосан аз системаи амалҳои бераҳмонае иборат мебошад, ки одатан аз идеологияи экстремистӣ сарчашма гирифтаанд[42]. Ин афкорро дигар муҳаққиқон низ тарафдорӣ менамоянд[43].

Аз мазмуни Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм низ бармеояд, ки муқовимат бар зидди ин зуҳурот чораҳои муштарак ва комплексии тамоми мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатиро талаб менамоянд.

Оид ба аҳамияти ин масъала Президенти кишвар, Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ қайд менамояд, ки якбора барҳамзадани терроризми байналмилалӣ ғайриимкон мебошад. Мубориза бо терроризм вақти дурудароз ва чораҳои комплекисро тақозо дорад.

Бояд махсус тазаккур дод, ки яке аз проблемаҳои муҳими мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ин ташкили самараноки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, макомоти ҳокимияти иҷроя, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва мақомоти ғайридавлатӣ мебошанд. Ҳадаф аз он иборат мебошад, ки муқовимат бо терроризм бояд бо таври мунтазам ба роҳ монда шуда, хусусияти системавӣ касб намояд.

Ба андешаи мо муқовимат бо терроризм бояд дар се самти асосӣ ба роҳ монда шавад:

а) ташкили муқовимат бо терроризм (пешгирии умумииҷтимоӣ);

б) ташкили мубориза бо терроризм (ошкор сохтан, тафтишот бурдан, пешгирӣ намудан);

в) барқарор сохтан ва ё безарар гардонидани оқибатҳои амалҳои террористӣ;

**Самти аввали** муқовимат бо терроризмро фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар бар мегирад, ки асосан барои суст намудани сабаб ва шароитҳои бавуҷудоии терроризм ва экстремизм бояд равона карда шавад.

Ба фикри мо ин самт яке аз афзалиятноктарин самтҳо ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама ташкил ва муайян намудани **мақомоти ҳамоҳангсози**[44] давлатиро тақозо менамояд, зеро ташкил намудани чораҳои умуми иҷтимоии мубориза бо терроризм ва экстремизм (дар соҳаи иҷтимоиёт, иқтисодиёт, сиёсат, ҳукуқ, маданият, дин, маориф ва ғ) ҷалб намудани тамоми табақаҳои ҷомеа ва сохторҳои давлатиро хоҳон аст.

Айни замон ҳар як мақомот дар доираи ваколатҳои худ амал намуда, ҳамоҳангии фаъолияти якҷояи онҳо хусусияти стихиявӣ ва номукаммал касб кардааст, зеро асосҳои ҳуқуқии ташкили чунин фаъолияти муштараки вазорату

---

[42]Ниг.: *Фридинский С.Н.* Борьба с экстремизмом: уголовно-правовой и криминологический аспекты. Автореферат. Ростов-на-Дону. 2006.С15.

[43] Ниг.: *Назарова Е.С.* Политический экстремизм и его роль в современных конфликтах. Ставрополь. 2001. С.24-25; *Вассерман Р.* Безопасность или выхолащивание правового государства /Пер.с нем.//Сб. переводов №3/29-186. –М.,1978. С.29 и др.

[44] Масалан, ташкил намудани Комиссияи доимамалкунандаи давлатӣ дар самти муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар қонунгузории имрӯза бо таври мушаххас муайян карда нашудаанд.

Ба фикри мо, ба қонунгузории ҷорӣ, ки фаъолияти мақомоти давлатиро дар мубориза бар зидди терроизм ва экстремизм муайян менамоянд, тағийру иловаҳо ворида карда шуда, дар он вазифаҳои ҳар як мақомот дар пешгирии терроризм ва экстремизм бояд мушаххасан дарҷ карда шуда, барои иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро намудани ин гуна чораҳо ҷавобгарии маъмурию ҷиноятӣ пешбинӣ карда шаванд (Вазорати маориф, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати фарҳанг, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроя, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ғайра).

**Самти дуюмро** фаъолияти бевоситаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бар мегирад ва чӣ тавре ки дар боло ишора шуд, ин самт дар доираи қонунгузории мавҷуда ба танзим дароварда шудааст ва ҳар як мақомот дар доираи ваколатҳои худ бо терроризм ва экстремизм мубориза мебаранд..

Терроризми байналмилалӣ, ки хусусияти трансмиллӣ ва глобалӣ касб карда, ташкилотҳои террористӣ дорои маблағҳои калони пулӣ ва яроқу аслиҳаи замонавӣ мебошанд, бевосита ба амнияти на танҳо Тоҷикистон, балки мамолики абарқудрати дунё таҳдид мекунанд. Аз ин лиҳоз, дар мавриди пешгирӣ ва барҳам задани гурӯҳҳои террористӣ, ки ҷузъу томҳои ҳарбии якчанд вазорату кумитаҳо ба он ҷалб карда мешаванд, таиноти ин сохторҳо бояд мувофиқи аҳамияти давлатӣ ва касбидоштанашон бояд муайян карда шавад.

Ҳадаф аз он иборат мебошад, ки ҳар як мақомот дар доираи салоҳиятҳои худ метавонанд ба ошкор сохтан, тафтишот бурдан, пешгирӣ намудани кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ мустақилона амал намоянд, аммо ҳангоми бо **таври муштарак ташкил намудани ҳамоҳангии** фаъолияти мақомоти қудратии давлат дар мубориза бо терроризм ва экстремизм, ҳар як мақомот бояд вобаста ба таиноти фунсионалӣ, қудрати касбӣ, базаи моддӣ-техникӣ ва кадрии худ фаъолияти худро амалӣ созад.

Дар **самти сеюми** муқовимат бо терроризм Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мақоми ҳамоҳангсозиро ба ӯҳда дошта бошад ва фаъолияти Сарраёсати сӯхторнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони соҳаи тандурустӣ ва дигар мутахассисони масъули мақомоти давлатиро дар самти барқарор сохтан ва ё безарар гардонидани оқибатҳои амалҳои террористӣ ба танзим дарорад.

Боиси қайд мебошад, ки тамоми мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ бояд бо таврӣ мунтазам ва доимӣ дар якҷоягӣ фаъолият намоянд, зеро ҳар як самти номбурда бе алоқамандии доимӣ ва якҷоя хусусияти системавиро аз даст дода, боиси паст гардидани сатҳи муқовимат бо терроризм ва экстремизм мегардад.

Ҳамин тариқ, системаи таъмини амнияти ҷамиятӣ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм маҷмӯӣ қувва ва воситаи субъектҳои таъминкунандаи амнияти ҷамъиятиро, ки аз чораҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва ғ. иборат мебошанд ва барои таъмини ҳолати муътадили амнияти ҷамъиятӣ равона карда шудаанд, дар бар мегирад[45].

## Основные направления организации борьбы с терроризмом и экстремизмом в Республики Таджикистан

[45] Ниг.: *Мелюхин А.В.* Проблемы чрезвычайного законодательства Российской Федерации. М., 2005. – С. 46 – 47

***Ключевые слова:*** *борьба с терроризмом и экстремизмом, специальная операция, безопасность, государство, преступник, система обеспечения общественной безопасности, идеология*

В статье рассматриваются актуальные вопросы борьбы с терроризмом и экстремизмом в Республике Таджикистан. Исследования показывают, что борьба с терроризмом и экстремизмом является актуальной проблемой не только для Таджикистана, но и для других стран Центральной Азии, приобретая, по мнению авторов, все более транснациональный и глобальный характер. В последние годы преступления террористического и экстремистского направления идут рука об руку с преступлениями, связанными с незаконным оборотом наркотических средств, незаконным оборотом оружия, захватом заложников, торговлей людьми, незаконной миграцией.

## THE MAIN DIRECTIONS OF THE ORGANIZATION TO COMBAT TERRORISM AND EXTREMISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Keywords***: *fight against terrorism and extremism, the special operation, security, government, criminal, public security system, ideology*

The article deals with current issues of combating terrorism and extremism in Tajikistan. Studies show that the fight against terrorism and extremism is the actual problem, not only for Tajikistan but also for other countries of Central Asia, acquiring, according to the authors, the increasingly transnational and global. In recent years, the crime of terrorist and extremist trends go hand in hand with crimes related to drug trafficking, arms trafficking, hostage-taking, human trafficking and illegal migration.

# Механизмы и опыт предотвращения домашнего насилия в деятельности органов внутренних дел

**Отабоева Л.О.***

*«Насилие – наиболее опасная форма преступной деятельности, так как ставит под угрозу самые значимые для человека ценности – жизнь и здоровье».*

***Ключевые слова:*** *насилие, преступление, права женщин, жизнь, здоровье, Декларация, семья, правоохранительные органы*

Декларация об искоренении насилия в отношении женщин, Принятая резолюцией 48/104 Генеральной Ассамблеи от 20 декабря 1993 года, определяет термин «насилие в отношении женщин», как любой акт насилия, совершенный на основании полового признака, который причиняет или может причинить физический, половой или психологический ущерб или страдания женщинам, а также угрозы совершения таких актов, принуждение или произвольное лишение свободы, будь то в общественной или личной жизни»[46]. Насилие над женщинами имеет свою специфику, а значит, требует особых мер защиты и профилактики.

Проблема насилия в отношении женщин до сих пор не получила ни должной оценки, ни необходимого разрешения. Важно отметить, что насилие в отношении женщин имеет место во всех сферах жизнедеятельности, включая работу и семью. Наиболее ярко насилие в отношении женщин выражается в таких формах, как бытовое насилие, убийство на почве алкоголизма, принуждение к сожительству и проституции, изнасилование, садизм, систематическое избиение, а также психологическое насилие. Большинство исследователей данной проблемы считают, что корни насилия лежат в повседневной жизни, в «обыкновенных» тяжких условиях человеческого существования, а длительная конфликтная ситуация в семье является причиной особо жестоких бытовых убийств.

До сих пор к бытовому насилию мало кто относится как с социальной проблеме, большинство относятся к нему как к какому-то постыдному действию, о котором и говорить-то неловко, особенно пострадавшей. Между тем, эта проблема затрагивает практически все государства мира, независимо от уровня их развития и культуры. Республика Таджикистан в этом не исключение.

Однако, опровергая существующие в обществе мифы и стереотипы, оправдывающие бытовое насилие, в последние годы данная проблема в Таджикистане стала подниматься и признана как общегосударственная проблема. Доказательством тому является ратификация Республикой Таджикистан основных международных правозащитных конвенций и деклараций ООН, Совета Европы, тем самым взяв на себя обязательства обеспечить законодательную защиту женщин от насилия, основанного на гендерных различиях.

---

* *Отабоева Л.О.* - советник Министра внутренних дел Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, полковник милиции.

[46] Ст.1 Декларации об искоренении насилия в отношении женщин. Принята резолюцией 48/104 Генеральной Ассамблеи 20 декабря 1993 года.

Вопросы насилия – это актуальная проблема, ведь насилие является основным препятствием в развитии общества. В частности, насилие в отношении женщин тормозит прогресс в достижении целей развития современного общества. Главная наша задача - довести до общества тот факт, что домашнее насилие есть уголовное действие, так как насилие в семье является нарушением прав человека и преступлением, которое правоохранительные органы могут предотвратить.

По данным американских исследователей, нападение супруга (партнера) более распространено, чем автомобильные катастрофы, хулиганские нападения и онкологические заболевания вместе взятые. Данные криминальной статистики показывают, что одна треть потерпевших от убийств – родственники, при этом чаще всего жертвами домашнего насилия становятся женщины, и поэтому большая часть программ как у нас в стране, так в других государствах ориентирована на помощь именно женщинам и детям, так как исследования специалистов показывают, что не менее страдающими от домашнего насилия членами семьи являются дети.

Если мы говорим о домашнем насилии, значит, в первую очередь, подразумеваем семейные взаимоотношения. А семья – это союз двух личностей, которые перед государством берут на себя взаимные обязанности по совместному ведению хозяйства, воспитанию детей и решению других жизненно важных вопросов, а также, что немаловажно, это взаимное уважение. Но, как свидетельствует общественная практика и личное наблюдение, в семье уже после 2-5 лет нормального и размеренного образа жизни, начинается предъявление взаимных претензий. Любой жизненно важный вопрос решается с большими усилиями и трудностями, порой не обходится без вмешательства третьих лиц, родственников, друзей, знакомых, сослуживцев и т.д. К великому сожалению, дом и семья не всегда остаются для женщин островком безопасности. В семьях, где в отношении женщины применяется насилие, первыми свидетелями проявления жестокости, прежде всего, становятся дети. Будущее таких детей определено практически сразу: по мнению психиатров, насильники получают это ремесло в семье, будучи постоянными свидетелями тяжелых взаимоотношений среди родителей.

В чем же основа проблемы насилия в семье? По выводу исследователей она коренится не в поведении супружеской пары в целом или женщины в частности, а в мужском поведении, подкрепляемом всей системой общественных взглядов, норм и культурных ценностных ориентиров. По этим причинам бытовое насилие происходит регулярно, годами, оставаясь скрытым и безнаказанным.

Определенную общественную опасность таит в себе насилие в семье, которое приводит к ее разрушению, оказывает травмирующее воздействие на детскую психику, наносит непоправимый ущерб нравственности. Дети, воспитанные в таких условиях, нередко в дальнейшем сами совершают насильственные действия.

Коль мы говорим о домашнем насилии, давайте рассматривать понятие насилие относительно семьи. На наш взгляд, домашнее насилие, будь то психическое или физическое, может касаться любого члена семьи, любого из супругов, родителей и детей. Виновным и потерпевшим могут быть муж или жена, сын или дочь, а также престарелые родители. Однако нам будет легче еще сузить рамки этого понятия до женщины и детей, именно эти члены семьи наиболее часто подвергаются насилию.

Вряд ли кто вступит в полемику относительно отсутствия факта насилия, когда родители выдаю замуж свою несовершеннолетнюю дочь в возрасте 15 лет не только вопреки закону, но и ее воле. И как можно расценивать отношение, скажем, той же сварливой свекрови, пытающейся на свой лад перевоспитать молодую невестку, желая подчинить ее своей воле?

В условиях семейно-бытовых отношений очень важно, но, к сожалению и очень сложно обнаружить перерастание аморальных действий кого-либо из членов семьи в преступление или административное правонарушение. Восприятие таких действий людьми весьма субъективно, т. е. для одних это может послужить поводом для

немедленного обращения в милицию, другие длительное время скрывают факты даже глубокого насилия, оскорбления, унижения чести и достоинства личности по разным причинам, не усматривая в этом противоправного поведения (поскольку все происходит между родственниками), не желая наступления для виновных ответственности и т.д. В этом кроется одна из трудностей и сложностей в организации реагирования, ибо сотрудники милиции часто, к сожалению, узнают о конфликте в семье не в момент его возникновения, а в период уже развития, или кульминации.

Как показывает следственно – судебная практика большинство семейно-бытовых правонарушений совершается по вышеизложенным причинам, то есть 73% от общего количества.

Официальная статистика не отражает реальной картины преступлений в отношении женщин. В силу различных причин пострадавшие зачастую воздерживаются от обращения в правоохранительные органы. Зарегистрированное число осужденных за принуждение женщин к вступлению в половую связь с лицом, в отношении которого женщина являлась зависимой материально или по службе, а также за принуждение женщины к вступлению в брак ежегодно не превышает двух – трех десятков человек (хотя в реальной жизни число таких случае больше). Девушки и молодые женщины все чаще становятся объектами похищений и перепродажи в притоны разврата, жертвами сексуальных домогательств на рабочих местах.

До недавнего времени роль правоохранительных органов к данной проблеме была значительно ослаблена, так как с большим опозданием ответственные сотрудники реагировали на сообщения и заявления граждан о возникновении конфликтной ситуации в конкретной семье, что приводит к совершению тяжких преступлений против личности.

Министерство внутренних дел призвано вести практическую борьбу с такими негативными явлениями. Значительное место среди них занимают хулиганство, нанесение побоев, истязания, умышленные тяжкие, средней тяжести и легкие телесные повреждения, самоубийство, доведение до самоубийства, убийство и другие виды преступлений против личности и свободы граждан.

Поэтому, на первое место в борьбе правоохранительных органов и общественности с преступлениями против личности и общественного порядка выдвигается общая и индивидуальная профилактика предупреждения и пресечения правонарушений и преступлений, совершаемых на почве семейно-бытовых отношений.

Специфика работы милиции по профилактике преступлений, совершаемых на почве бытовых отношений, заключается не только в организации эффективной системы реагирования на сигналы уже совершенных правонарушениях, но и проведении профилактических мероприятий по выявлению «проблемных» семей, острых бытовых конфликтов, чреватых трагическими последствиями, наконец, в осуществлении воспитательной работы с лицами, в отношении которых прогнозируется возможность преступного поведения в быту.

Общепрофилактические мероприятия планируются и проводятся на базе анализа состояния, динамики и структуры бытовых правонарушений, их распространенности в тех или иных микрорайонах или домах, а также оценки эффективности осуществляемых там воспитательных или иных мер. Профилактические мероприятия могут быть предусмотрены как в планах органа внутренних дел, его служб или отдельных сотрудников, так и в комплексных планах с участием общественности, чего категорически исключать нельзя.

Формы реагирования милиции на бытовые конфликты избираются с учетом поведения и характеристик личности их участников.

Сотрудники милиции обязаны вмешаться не только тогда, когда реальна вероятность преступного исхода, но и когда совершаются мелкие правонарушения. В связи с чем, уместно сказать не только о проблемах специальной и правовой подготовки сотрудников, но и подготовки криминологической и психологической, которая помогает

прогнозировать события: в частности, развитие конфликта от спора, от столкновения интересов, от различных форм противоречий до агрессивного поведения его участников.

В практике работы милиции, как показали исследования, проведенные на протяжении нескольких лет, заявления и жалобы на недостойное, антиобщественное поведение в быту ежегодно составляли к числу всех поступавших от 70-80% (из них в семьях 50-55%).

Основными недостатками в этой работе является формальное отношение к разрешению жалоб и заявлений о семейных неурядицах, отсутствие должной, криминологической оценки конфликтов, волокита при разбирательстве, применение недейственных средств реагирования. Поводом для последнего служит и поведение человека в целом, и его отдельные поступки в быту, о которых становится известно милиции или общественности (вызов дежурного наряда, жалобы и заявления граждан, сообщения должностных лиц, непосредственное обращение тех, кто подвергается противоправному воздействию).

Чтобы изменить имеющиеся стереотипы и практику не обращения в органы внутренних дел жертв насилия в семье, в 2010 году начал реализовываться совместный проект МВД Республики Таджикистан и ОБСЕ «Гендерно-чувствительная деятельность правоохранительных органов по надлежащему расследованию и судебному преследованию домашнего насилия и защиты жертв». Приказом Министра внутренних дел, всесторонне поддержавшего реализацию данного проекта, в 2010 году были введены должности инспекторов по противодействию насилию в семье, для обучения которых был проведен семинар-тренинг на тему: «Специализированное обучение сотрудников по домашнему насилию и гендерно – чувствительной деятельности». При назначении на данную должность руководством МВД предпочтение было отдано женщинам.

Также, в рамках данного проекта, были оборудованы и открыты 5 специализированных кабинетов, специально оборудованных для приема женщин и других членов семьи, где они могут получить различные консультации, подать заявление, ну и куда они могут просто придти и высказаться о своих насущных проблемах.

Важно отметить, что с момента открытия данных кабинетов, обращаемость жертв насилия в семье, особенно женщин, повысилась. За полгода после открытия к инспекторам обратились более 200 женщин с различными семейно-бытовыми проблемами, около трехсот неблагополучных семей взяты на учет, с которыми ведется постоянная профилактическая работа.

В ходе проведенных опросов среди женщин махалинских советов, комитетов по делам женщин, была дана положительная оценка работе вновь назначенных инспекторов. Было высказано общее пожелание об открытии аналогичных кабинетов по всем районам республики.

Важно отметить, что в законодательстве Республики Таджикистан не предусмотрена уголовная ответственность за совершение домашнего насилия, соответственно статистический учет по данному вопросу в МВД не ведется[47].

Министерство и его подразделения для предотвращения насилия в семье в отношении женщин осуществляют ряд профилактических мероприятий, в частности:

- в 2010 и 2011 году руководством МВД было подготовлено и направлено для исполнения в УВД и ОВД 2 специальных указаний;

- были разработаны образцы статистических данных по данной проблеме и были направлены для анализа и обобщения в УВД и ОВД, которые в свою очередь ежемесячно подводят итоги и направляют отчеты в УООП МВД РТ.

В этом направлении со стороны инспекторов по противодействию насилия в семье в УВД г.Душанбе, Хатлонской и Согдийской областях проводится профилактическая работа, в частности: было проведено более 400 бесед, выступлений и встреч среди

---

[47] Хотя на основании отдельного Приказа Министра внутренних дел от 2011 года, данный вид преступления, согласно утвержденной формы, стал выделяться в отдельную категорию.

населения, учащихся средних школ и студентов ВУЗов в городах и районах республики; было раскрыто 55 фактов насилия в семье по месту жительства, на 35 из которых были подготовлены материалы и направлены в судебные органы. Кроме того, с их стороны 124 (2010 – 100) гражданам было предложено для разрешения споров и семейных разборок (рукоприкладство, унижения личного достоинства, издевательства, разделения имущества, определения пенсии и выселения с места жительства) обратиться в судебные органы в частном порядке. Также со стороны этих инспекторов было выявлено 14 преступлений (кража, хулиганство, двоеженство) и были направлены в следственные органы и органы дознания.

По данным ГИАЦ МВД, за первое полугодие 2012 года в стране было зарегистрировано 176 преступлений с применением насилия против женщин по таким статьям, как 130 (Похищение человека), $130^1$ (Торговля людьми), 167 (Торговля несовершеннолетними), 116 (Побои), 117 (Истязания), 138 (Изнасилование), 141 (Половое сношение и иные действия сексуального характера с лицом, не достигшим шестнадцати лет), 238 (Вовлечение в занятие проституцией), 239 (Организация или содержание притонов, сводничество или сутенерство) УК Республики Таджикистан.

За этот же период в республике со стороны подразделений УООП, участковых инспекторов милиции и инспекторов по противодействию насилию в семье *1075* неблагополучных семей были взяты на профилактический учет, в отношении которых заведено наблюдательное дело и проводится индивидуально-профилактическая работа. В этом же году, по результатам индивидуальной работы, *213* аналогичных семей были сняты с профилактического учета.

На основании отмеченных выше отдельных указаний в УВД и ОВД работа в этом направлении, по сравнению с прошлыми годами, организована лучше. Также, были созданы рабочие группы из числа сотрудников Службы профилактики среди несовершеннолетних и молодежи (СППНМ), Уголовного розыска и подразделений ООП для проведения просветительской работы среди населения, в частности женщин, молодежи, несовершеннолетних, студентов ВУЗов и школьников.

Основными темами этих встреч и бесед были вопросы предотвращения насилия в семье в отношении женщин и несовершеннолетних, ведения здорового образа жизни в семье, воспитание молодого поколения, профилактика употребления наркотиков и спиртных напитков, и инфекционных заболеваний, в том числе тиф, малярия и ВИЧ/СПИД.

Как показала практика, проводимые беседы имеют положительную оценку среди населения, особенно среди молодежи.

Не только служебный долг, но и долг чести обязывает сотрудника правоохранительных органов поддержать женщину и защитить ее право на жизнь, безопасность и физическую неприкосновенность.

Мы не должны забывать, что женщина – источник жизни. Она в себе носит ребенка, она его рожает, кормит грудью, она более ответственна за рост и воспитание малолетних детей. В период беременности она находится в особом психо-физиологическом состоянии, представляя единое биологическое и социальное целое со своим будущим ребенком. И посягательство в эти периоды на телесную или психическую неприкосновенность женщины, должно органически увязываться с посягательством на здоровье ее самой и ее ребенка. Но всегда ли учитывается это обстоятельство? Следует признать, что не всегда. Потому что в общественном сознании за много веков существования человечества, доминирует ложная тенденция о второстепенной роли женщины в человеческом обществе. Фактор женского бесправия или второстепенности и есть основной источник домашнего насилия.

В связи с чем, необходимы существенные реформы в структуре правоохранительных органов, также нужно ввести специальные обучающие курсы для всех ведомств и заведений для повышения уровня знаний людей в этом направлении. И самое главное, парламент, правительство РТ должны прислушиваться к сообществам, которые

занимаются данной проблемой, и принять отдельный закон по предотвращению домашнего насилия. Только сообща можно искоренить нежелательное явление, как домашнее насилие. Еще одним главным аспектом в работе по снижению домашнего насилия – это распространение правильной и точной информации о правах женщин. Не секрет, что женщина села сегодня малограмотна, у нее низкая самооценка. Она терпит беды и унижения, не зная, что ее права нарушены. Из-за этого страдает не только она, а в большинстве случаев страдают и ее дети. Какие они вырастут, если всегда оказываются под гнетом своих отцов, других родственников, становятся свидетелями избиения своих матерей и сестер? Стоит призадуматься об этом.

Терпимость общества ко всякому роду насилия и особенно к насилию, проявляемому по отношению к женщине, - это, по сути, отказ от создания цивилизованного общества.

## МЕХАНИЗМ ВА ТАҶРИБАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ПЕШГИРИИ ЗӮОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

***Вожаҳои калидӣ:*** *зӯроварӣ, ҷиноят, ҳуқуқи зан, ҳаёт, саломатӣ, деклоратсия, оила, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.*

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи проблемаҳои зӯроварӣ дар оила овардааст, ки ин проблема актуалист ва монеъаи асосии тараққиёти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи муаллиф то айни ҳол ба зӯроварии маишӣ ҳамчун проблемаи иҷтимоӣ аҳмият намедиҳанд. Лекин ин проблема ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст ва мутаасифона, ин проблема ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири манфии худро расонидааст.

## MECHANISMS AND EXPERIENCE THE PREVENTION OF DOMESTIC VIOLENCE OF THE INTERIOR

***Keywords**: violence, crime, women's rights, life, health, the declaration, the family, the police*

The article focuses on the problem of domestic violence, because violence - this is actually a problem, as the main obstacle to the development of society. According to the author is still a few domestic violence is both a social problem, however, this problem affects almost all countries of the world, regardless of their level of development and culture. The Republic of Tajikistan is no exception in this.

## НИГОҲИ ИЛМИИ БА БАЪЗЕ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲОЕ, КИ БА ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН ВОРИД КАРДА ШУДАНД

**Нозиров Н.А.**[*]
**Бобоҷонов Н.М.**[**]

***Вожаҳои калидӣ***: *илм, қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятӣ, истиқлолият, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ*

Истиқлолият рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ, нишонаи пойдориву бақои он мебошад. Истиқлолият барои ҳар як миллату давлат неъмати бебаҳост. Дар Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолият ғояҳои давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, волоияти қонун ва қонунҳои ҳуқуқӣ тавлид ёфт, ки дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории нав, таъмини амнияту оромии ҷомеа ба мушкилоту монеаҳои сангин рӯ ба рӯ гардид. Вале ба ин мушкилот нигоҳ накарда, бо гузашти муддати начандон тӯлонӣ, дар Тоҷикистон фарҳанги сиёсӣ-ҳуқуқӣ шакли нав ва низоми давлатдории ҷавобгӯ ба ормонҳои деринаи миллӣ ба вуҷуд оварда шуд. Дар навбати худ ба ҳамаи системаи ҳуқуқии мамлакат бо шиддат ислоҳот сар шуд, дар алоҳидагӣ роҳҳои мукаммалгардонии системаи ҳуқуқӣ ва ислоҳоти судӣ ба нақша гирифта шуд.

Асоси аз нав ташаккулёбии ҳуқуқ ва конститутсия дар Тоҷикистон, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон»[48] аз соли 1994 инҷониб оғоз гардид, ки мақсади соҳибистиқлолии Тоҷикистонро, ҳамчун ташаккули давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд эълон намуд ва мавқеи Тоҷикистонро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мустаҳкам кард.

Минбаъд муҳимтарин давраи ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ин бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол (аз 06.11.1194) буд. Конститутсия асоси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро бо ҳама ҷузъҳояш дар мамлакат мустаҳкам кард. Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамаи шаҳрвандон озод ва комилҳуқуқ мебошанд. Дар Конститутсияи Тоҷикистон низ оид ба ин масъала як боби алоҳида (боби II) бахшида шудааст, ки ҳуқуқу озодии инсонро дар ҳама паҳлӯҳои ҳаёт ва соҳаҳои муносибати ҷамъиятӣ кафолат медиҳад. Хусусан дар самти ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ якчанд моддаҳои аниқ, ба мисли м.м.5, 14, 16, 17-23, 32 ва ғайра, доимо дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ бояд риоя ва кафолат дода шаванд.

Имрӯз, ки дар Тоҷикистон барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ татбиқ мешавад, метавонем ба таври возеҳ аз дастовардҳо ва камбудиҳои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ низ сухан ронем.

Агар ба таърихи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон назар афканем, аз даврони шӯравӣ то ҳол ба мо ҳафт кодексҳои мурофиавӣ-ҷиноятии (дар оянд КМҶ) расман қабулгардида омада расидааст. Кодексҳои мурофиавӣ-ҷиноятии

---

[*] *Нозиров Н.А.* - сардори кафедраи Назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия.
[**] *Бобоҷонов Н.М.* - муаллими кафедраи Мурофиаи ҷиноятии Академияи ВКД Тоҷикистон, майори милитсия.

[48] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994, №13, мод.194.

соли 1922 ва соли 1923-и РШСФР, Кодексҳои мурофиавӣ-ҷиноятии РШС Ӯзбекистон аз соли 1926 ва соли 1929, аввалин КМҶ дар РШС Тоҷикистон бошад, соли 1935 қабул гардида буд, баъдтар соли 1961 ва дар солҳои соҳибистиқлолиятии Тоҷикистон аввалин КМҶ ҶТ аз 03.12.2009 қабул гардид, ки аз 01.04.2010 мавриди амал қарор дорад.

Дар Тоҷикистон масъалаи муайян намудани сифатнокии КМҶ ба пуррагӣ то ба ҳол аз лиҳози илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ мавриди тадқиқот қарор нагирифтааст.

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш менамоем сараввал тағйироту иловаҳое, ки дар солҳои соҳибистиқлолиятии Тоҷикистон ба КМҶ аз соли 1961 ворид шуда буданд, таҳлил намуда, сипас каме паҳлӯҳои мусбӣ ва манфии КМҶ-и нави (аз соли 2009) амалкунандаро таҳлил намоем.

Аз рӯзи эълон гардидани Истиқлолияти давлатӣ, яъне аз 9-уми сентябри соли 1991 то 01.04.2010, дар Тоҷикистон қонунгузории мурофиавии ҷиноятии дар соли 1961 қабул гардида амал мекард, ки дар давоми қариб чор даҳсолаи татбиқ кардани он Кодекс бо 17 Фармонҳои Шӯрои Олӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 500 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст, ҳатто баъзе меъёрҳо якчанд маротиба мавриди тағйирот ва илова қарор гирифтаанд.

Нахустин маротиба дар солҳои соҳибистиқлолияти Тоҷикистон ба ин Кодекс баъд аз ташкили мақомоти давлатии гумрук, яъне соли 1992, тағйирот ба моддаи 113 КМҶ ворид карда шуд, ки ба салоҳияти мақомоти навтаъсис пешбурди таҳқиқ вогузор карда шуд. Мақомоти гумруки ҶТ ваколатдор шуд, ки тафтишоти пешакиро дар шакли таҳқиқ, оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба вайрон намудани муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ, ки метавонанд ба иқтисодиёти Тоҷикистон, ҳаёт ва саломатии шаҳвандон зарар расонад, амали кунад.

Сипас, соли 1993 ба моддаи 122-юми ин Кодекс (тобеияти тафтиши пешакии мақомоти тафтишотро ба танзим медаровард), ки мақомоти прокуратура тафтиши пешакиро бо моддаи 74 (Бандитизм) Кодекси Ҷиноятии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) анҷом медод, тағйирот ворид карда шуд. Пас аз ворид намудани чунин тағйирот тобеияти тафтиши пешакии чунин парвандаҳо ба дигар дастгоҳҳои тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ вогузор карда шуд, яъне кадом мақомоте, ки бо моддаи номбурдаи КҶ парвандаи ҷиноятиро оғоз менамуд, ҳуқуқ пайдо кард, ки пешбурди тафтиши пешакиро то ба анҷом гузаронад.

Боз дар ҳамин сол ба моддаи 10 КМҶ ҶТ дар бораи ҳайати суд тағйирот ворид карда шуд. Баъд аз ворид намудани чунин тағйирот, судяи суди марҳилаи якум ҳуқуқ пайдо кард ҳамаи парвандаҳои ҷиноятиро, ҷинояти аз беэҳтиётӣ содир шуда ва дар баробари ин, ҷиноятҳои ба таври қасдона содиршудае, ки қонун (КҶ ҶТ) ҷазои ҷиноятии аз озоди маҳрум намуданро то 10 сол пешбинӣ намудааст, танҳо баррасӣ намояд. Пеш аз ин тағйирот ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳои марҳилаи якум ба таври истисноӣ дастҷамъона, дар ҳайати судя ва ду машваратчии халқӣ, баррасӣ карда мешуд. Баррасии парвандаҳои ҷиноятие, ки қасдона содир шудаанду тибқи муқаррароти КҶ ҷазои ҷиноятии аз озодӣ маҳрум карданро аз 10 сол зиёд пешбинӣ намудааст, дар судҳои марҳилаи якум дастҷамъона баррасӣ мешуданд[49].

Баъдтар, соли 1995, ба моддаи 32 КМҶ низ тағйирот ворид карда шуд[50], ки ин тағйирот доираи тобеияти судии якчанд ҷиноятҳоро оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ ва суди шаҳри Душанберо ҳамчун суди марҳалаи якум васеъ намуд.

Дар соли 1998 ба КМҶ бо сабаби қабули Кодекси ҷиноятии нави ҶТ зиёда аз 36 банд тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Ин тағйироту иловаҳо бошанд, асосан бо иловаи ду моддаи нав «дар бораи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ», ба тағйир додани тобеияти судӣ ва тафтишоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва иваз намудани

---

[49] Фармони Шӯрои Олии ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» / АМО ҶТ, №19-20. 1993.

[50] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории ҶТ» аз 04.11.1995 / АШО ҶТ, №23-24. 1995.

рақами моддаҳои КҶ-и кӯҳна (аз соли 1961) ба КҶ-и нав, ки дар моддаҳои алоҳидаи КМҶ дарҷ гардида буданд, сурат гирифт.

Ҳамин тавр, солҳои 1999, 2000, 2002, 2004, 2005, 2007, 2008 ва 2009 ҳам ба КМҶ-и соли 1961 тағйироту иловаҳои зиёд ворид карда шуд, ки онҳо асосан ба модаҳои 10, 23, 32, 33, 44, 329, 330, 339, 378, ва ба моддаҳои 113 (мақомоти таҳқиқ) ва 122 КМҶ (мақомоти тафтиши пешакӣ ва тобеияти тафтишӣ) бошад бештар тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Тағйироти воридгардида бевосита барои ҳифз, таъмин ва риояи ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ кам дахолат карда, бештар барои ба танзим даровардани тобеияти тафтишӣ ва судӣ равона шуда буданду халос.

Аз ин тағйироту иловаҳои воридшуда, тағйироти ба қисми панҷуми моддаи 329, қисми якуми моддаи 339 аз соли 2002 ва иловаи ба моддаи 62 воридшударо назаррас шуморидан мумкин аст. Барои он ки қисми панҷуми моддаи 329 КМҶ то соли 2001 ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқи аз болои ҳукми баровардаи Суди Олии ҶТ-ро ҳамчун суди марҳилаи якум, шикояти кассатсионӣ оварданро манъ мекард. Баъди қабули қарори Суди Конститутсионии ҶТ аз 12-уми июни соли 2001[51] дар бораи ғайриконститусионӣ ҳисобидани қ.5 моддаи 329 ва қ.2 моддаи 339 КМҶ ба қабули Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба КМҶ ҶТ» аз 10-уми майи соли 2002 мусоидат намуд. Хориҷ намудани қисми 5 моддаи дар боло номбаршуда ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ шароит фароҳам овард, ҳуқуқи шикоят оварданро ба тариқи кассатсинӣ аз болои ҳукми баровардаи Суди Олии ҶТ, баҳри адолатнокӣ ва ислоҳи хатогиҳои судӣ ба Коллегияи кассатсионии СО ҶТ бевосита ё бо ёрии ҳимоятгар амалӣ намоянд.

Аҳамияти тағйироту иловаҳои ба қисми якуми моддаи 339 вориднамуда дар он буд, ки баъди ворид намудани чунин тағйирот иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки дар моддаи 329 КМҶ номбар шудаанд (маҳкумшуда ва намояндаи қонунии ӯ, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо ва шахси сафедкардашуда), шароит пайдо намуданд, ки дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи кассатсионӣ иштирок намоянд ва агар зарур шуморанд, метавонанд, далел пешниҳод кунанд. То ворид намудани чунин тағйирот ба моддаи 339 КМҶ дар вақти баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи кассатсионӣ прокурор оид ба қонунӣ ва асоснок будани ҳукми суди марҳилаи якум хулоса медод ва танҳо ҳимотгар ҳуқуқи иштирок карданро дошту халос. Тағйироти ба КМҶ ворид шуда бевосита барои амалӣ кардани кафолати конститутсионии ҳуқуқи инсон оид ба ҳимояи судӣ равона шуда буд. Доираи кафолати конституционии амали гардонидани ҳуқуқ ба ҳимояи судии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ васеъ гардид.

Боз иловаи ба моддаи 62 КМҶ воридшударо назаррас шуморидан мумкин аст. Барои он, ки қаблан ҳам дар меъёрҳои КМҶ истифодабарии зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдид, азобу шиканҷа рафтори бераҳмона ва ё дигар усулҳои ғайриқонунӣ дар пегшбурди парвандаи ҷиноятӣ манъ карда шуда буд. Соли 2008 ба моддаи 62 КМҶ иловае ворид карда шуд, ки талаботи ҷамъи меъёрҳои КМҶ-ро дар як банд мутаҳид намуда, беэътибор донистани далелҳое, ки бо чунин роҳҳо ҷамъ оварда мешуданд муқаррар намуд. Лекин боз ин илова бо худ масъалаҳои баҳсталабро ба миён овард, ки дар татбиқи ин муқаррарот талабу тартиби ягона набуд. Мисол, далел бо кадом тартибу талабот, бо дархости кӣ, аз кадом вақт то кадом вақт ва аз тарафи кӣ беэътибор донистанро ҳамчун муаммо боқӣ гузошт. Ин масъалаи баҳсталаб чанд сол қабл дар КМҶ давлатҳои ба мо ҳамсояю наздик - Россия ва Қазоқистон ҳалли худро ёфта буд.

Хулоса, ҳаминро қайд кардaниам, ки КМҶ-и соли 1961 дигар наметавонист, муносибатҳои нави мурофиавиро, ки дар Тоҷикистон ба миён омада буданд, ба танзим дароварда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба пуррагӣ вобаста ба ӯҳдадории

---

[51] Қарори Суди Конститутсионии ҶТ аз 12-уми июни соли 2001//Маҷмӯаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ доир ба Суди Конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои он. Душанбе 2002. С.81-91.

Тоҷикистон дар назди созмонҳои байналмилалӣ ҳифз намояд. Чи хеле аз таҳлил бармеояд, он тағйироту иловаҳое, ки дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба ин кодекс ворид карда шудаанд, баҳри ҳимоя ва таъмини ҳуқуқи инсон кам равона шуда буданд. Аз ин лиҳоз, хуб мешуд, то ки дар оянд он камбудиҳои дар КМҶ-и соли 1961 вориднамударо такрор накунем. Тағйироту иловаҳоро вобаста ба талаботи замон илман асоснок карда баҳри таъмини амалӣ гардонидани ҳуқуқи инсон ва сабукии татбиқи КМҶ дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ равона шавад. Дар ин ҷода А. Нашиц дуруст қайд намудааст, ки дуруст истифода кардани таъиноти калимаҳо дар қонун мазмуни матнро фаҳмо, соҳаи танзимро аниқ, табиати падидаҳои ҳуқуқиро муайян мекунад ва бо ин восита таъсирнокии онро таъмин менамояд[52].

Бо ҳамин мақсад КМҶ нави Тоҷикистон 3-юми декабри соли 2009 аз тарафи Президенти кишвар ба имзо расида, 1-уми апрели соли 2010 мавриди амал қарор гирифт[53], ки алакай то имрӯз ба ин кодекс низ 5 маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Тағйироту иловаҳои воридшуда бештар характери таҳрирӣ дошта ваколати ин ё он мақомотро дар пешбурди парванда мушаххас гардонид. Тағйиротҳои аз 2 августи соли 2011 ва 16 апрели соли 2012 каме бошад ҳам норасоиҳои кодексро ислоҳ карда ба иштирокчиёни мурофиа оид ба амалӣ кардани ҳуқуқи худ шароити мусоидро муқаррар кард.

Инак, ба таҳлили баъзе навовариҳо ва камбудиҳои КМҶ-и нави Тоҷикистон шурӯъ мекунем. Дар ҳақиқат ҳамаи он бурду бохти КМҶ-и навро дар ҳаҷми як мақола илман таҳлил кардан ғайриимкон аст, лекин мо барои ҳалли яке аз масъалаҳои муҳимми таъмини ҳуқуқи инсон дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ кӯшиш менамоем андешаҳои хешро баён созем.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии нави Тоҷикистон муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавиро ба таври қатъӣ дигаргун кард. Сохти КМҶ-и нав асосан вобаста ба мазмун ва пайдарҳамии амалҳое, ки дар ҷараёни пешшбурди парвандаи ҷиноятӣ бояд риоя карда шавад, ба танзим медарорад. Ҳамаи маълумотҳои меъёрӣ дар 3 қисм, 12 фасл, 50 боб ва 486 моддаи он муттаҳид карда шудаанд. Мувофиқи муқаррароти Конститутсияи Тоҷикистон[54] ин кодекс ҳам, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои онро ҳамчун арзиши олӣ дар мадди аввал гузошта, суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбарандаро вазифадор менамояд, ки муқаррароти Конститутсияи ҶТ-ро ба таври дақиқ ва якхела риоя намуда[55], ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ҳимоя кунанд ва ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оваранд[56].

Таъмини ҳуқуқу озодии инсон дар пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ бо таври возеҳ якҷоя кардани ҳамаи системаи ҳуқуқии Тоҷикистонро бо системаи паймонҳою конвенсияҳои байналмилалии асосӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва илм бо амалия, аниқ менамояд. Барои ҳамин, аломати асосии ҷомеаи демократӣ ва инсонпарвар ин мавҷуд будани механизмҳои пурсамари кафолати ҳуқуқи инсон дар ҷараёни татбиқи таъқиби ҷиноятӣ мебошад.

Мувофиқи талаботи Конститутсияи Тоҷикистон, дар КМҶ-и нав принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ҷойгир карда шудааст; бори аввал мафҳуми тарафҳо ва иштирокчиёни онро дар мурофиаи ҷиноятӣ аниқ намуд; масъалаҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шахс оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии касбӣ аз лаҳзаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нибати шахсро муқаррар кард. Инчунин, дар КМҶ-и нав роҳҳои таъмини дахлнопазирии махрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухорибот, сирри шахсӣ ва оилавӣ, шахсият ва

[52] *Нашиц А.* Правотворчество. Теория и законодательная техника. - М., 1974.- С. 194.

[53] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №12, мод. 816.

[54] Ниг. ба: Моддаи 5 Конститутсияи Тоҷикистон аз 6 ноября 1994, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда, дар оянда ба ҳамин роҳ аз 26-уми сентябри соли 1999 ва 22-юми июни соли 2003 тағйироту иловаҳо ворид карда шуд.

[55] Қисми 1 моддаи 9 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон.

[56] Қисми 1 моддаи 12 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон.

манзил ва маҳдуд намудани озодӣ танҳо дар асоси иҷозати суд (судя), ба ғайр аз ҳолатҳои истисноии дар КМҶ пешбинишуда, амалӣ карда мешавад. Доираи ваколатҳои судиро оид ба кафолати ҳуқуқи инсон ва назорат дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ васеъ кард. Ҳамчунин механизми таъмини ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба қадри имкон васеъ карда шудаанд.

Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон ташаккули муносибатҳои нави давлатдориро дар ҳудуди Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва берун аз он ба назар гирифта, тартиби ҳамкории мутақобилаи судҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқи Тоҷикистонро бо мақомот ва шахсони мансабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ, дар тартиби расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятиро нахустин шуда ба танзим даровард. Ҳамчунин, ин кодекс хусусиятҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятии категорияҳои алоҳидаро (тартиби пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ, ноболиғон ва рӯёнидани товони зарар), ки кодексҳои пешин ба таври умум ба танзим медароварданд, дар бобҳои алоҳида пешбинӣ намуд, ки татбиқи онро дар амал сабук гардонд.

Дар баробари ин, дар оянда механизми танзими ҳуқуқии ҳуқуқи инсон, восита ва роҳҳои ба таври пурарзиш амалӣ кардани онҳо дар доираи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба беҳтар ва аниқ кардан зарурият доранд.

Яке аз ин норасоиҳое, ки дар мадди аввал ба чашм мерасад, ин мухолифати меъёрҳои КМҶ мебошанд. Масъалаи мухолифати меъёрҳои КМҶ аз давраи якуми (давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ) мурофиаи ҷиноятӣ, ба назар мерасад. Гарчанде аз саршавии ин давра лаҳзаи саршавии кафолати мурофиавӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ ба миён меояд. Ҳақ бар ҷониби Т.Н. Москалькова мебошад, ки фармудааст: «Мавҷуд будани ин давра худ кафолат аз худсарӣ ва сӯиистифодаи шахсони мансабдор мебошад»[57].

Дар умум қисми махсуси КМҶ-и Тоҷикистон аз давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ сар мешавад. Дар Кодексҳои мурофиавӣ-ҷиноятии дигар давлатҳои ба мо наздик ҳам[58] чунин аст. Вале дар КМҶ нави Тоҷикистон бошад, аз ин давраи мурофиавӣ дар таъмини татбиқи ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ нофаҳмиҳо ҷой дода шудааст.

Боби 17 ва моддаи 140 КМҶ Тоҷикистон, сабаб ва асоси оғози парвандаи ҷиноятиро мебоист ба танзим медаровард. Номи боб, сабаб ва асосҳои оғози парвандаи ҷиноятиро пешбинӣ менамояд, аммо моддаи 140 ба ҷойи сабабҳо ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ, асосҳои оғози парвандаи ҷиноятиро муқаррар мекунаду халос, мазмуни ин мода бошад, сабабҳои оғоз кардани парвандаро муқаррар мекунад. Вале ягон калима дар бораи асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ ҷой наёфтааст. Чи хеле аз КМҶ-и ҶТ соли 1961, КМҶ-и дигар давлатҳо ва илми мурофиаи ҷиноятӣ ба мо маълум аст, сабаби оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ин сарчашмаҳои иттилооте мебошанд, ки дар қонун дарҷ гардида, аз он мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор дар бораи аломатҳои таркиби ҷиноят маълумот гирифта, ӯҳдадории қабули қарори мурофиавиро пайдо мекунанд[59]. Асоси оғоз кардани парвандаи ҷиноятиро мақомоти қонунбарор ба ваколати татбиқкунандагони кодекс ҳавола кардааст, ки дар амал метавонад сабаби ғайриқонунӣ ва беасос маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон гардад. Дар асл асоси оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ин

---

[57] *Москалькова Т.Н.* Возбуждение уголовного дела // Уголовный процесс: Учебник/ Под ред. В.П.Божьева. - М.: Спарк. 2002. - С. 290.

[58] Ниг.: Ба боби 19 КМҶ Федератсияи Россия; боби 23 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон; боби 41 КМҶ Ҷумҳурии Узбекистон ва ғайра.

[59] Ниг: Ба модаи 103 КМҶ ҶТ соли 1961; ба модаи 140 КМҶ Федератсияи Россия; модаи 177 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон; *Раҳматҷонов А., Оқилова М.* Мурофиаи ҷиноятӣ: Курси лексия. Қисми махсус. - Хуҷанд, 2008. - С. 14; Уголвный процесс: Учебник / Под ред. К.Ф. Гуценко. - М: Зерцало, 2005. - С. 281; Курс уголовного судопроизводства: Учебник В 3 т. / Под ред. В.А.Михайлова. – Т.2 Досудебное и судебное производство. - М.: МОДЭК. 2006. - С. 14.

мавҷуд будани маъулумоти кофӣ оид ба аломатҳои таркиби ҷиноят, ки дар қонун пешбини шудаанд[60]. Асоси оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ бо аломатҳои ба ҳам алоқаманд, яъне мавҷуд будани маълумоти кофӣ ва аломатҳои таркиби ҷиноят, мебошад. Ин аломатҳо алоқамандии зич доштани ҳуқуқи ҷиноятиро бо ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳангоми ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ низ ба назар мерасад. Ана барои чӣ шахси мансабдори мақомоти давлатие, ки ваколати оғоз кардани парвандаи ҷиноятиро дорад, дар ҷараёни баррасии иттилоот дар бораи ҷиноят, пеш аз ҳама, бояд аломати таркиби ҷиноятро муқаррар намояд. Дар ҳолати рӯякӣ таҳлил кардани маводди ибтидоии воридшуда, метавонад ба қабули қарори ғайриқонунӣ ва беасоси оғоз ва ё рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ оварда расонад, ки ин дар ҳар ду ҳолат ҳам ба поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон шароит фароҳам меорад.

Боз як мухолифати меъёрҳои КМҶ баръало ба назар мерасад. Масалан, дар қисми 3 модаи 28 КМҶ дарҷ гардидааст, ки дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ ё қатъ кардани пешбурди он ба ҷабрдида хабар дода, фаҳмонида мешавад, ки ӯ ҳуқуқ дорад дар давоми *панҷ шабонарӯз* аз таъиноти суд ё қарори прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда нисбат ба масъалаи зикршуда мувофиқан ба суди болоӣ ё прокурори болоӣ арз намояд.  Вале меъёре, ки тартиб ва масъалаи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятиро муқаррар менамояд (қисми 4-и моддаи 149 КМҶ)  чунин ҳуқуқро ба иштирокчиёни мурофиа дар давоми *чордаҳ шабонарӯз* муқаррар намудааст. Ҳангоми қатъи парвандаи ҷиноятӣ бошад, ин мӯҳлат дар қисми якуми модаи 237 КМҶ *ҳафт шабонарӯз* муқаррар шудааст. Шояд саволе ба миён ояд, кадоме аз ин муқарраротӣ КМҶ-ро роҳбарӣ намудан лозим? Таҷриба нишон медиҳад, ки бисёрии корманди мақомоти татбиқкунандаи КМҶ на муқаррароти модаи 28,  на талаботи модаи 149-ро дар ҳолати рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва на муқаррароти модаи 237-ро дар ҳолати қатъи пешбурди парванда, ба назар намегиранд. Дар қарорҳои қабулкардаи худ дарҷ менамоянд, ки иштирокчиён ҳуқуқ доранд мувофиқи қонунгузорӣ аз болои қарор шикоят намоянд. Боз савол ба миён меояд, мувофиқи кадом меъёри қонунгузорӣ? Ба кадом мақомот? Дар кадом мӯҳлат? ва ғайра....  Гарчанде оид ба ин масъала солҳои тӯлонӣ байни олимони ҳуқуқшинос баҳсҳои беохир давом ёфта истодааст. Зеро ки норавшании ин масъала ба манфиатҳои қонунии ҳар як фард (дар алоҳидагӣ) ва ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад ва татбиқи он аз тарафи мақомоти давлатӣ нодуруст ба роҳ монда мешавад.

Яке аз мақсади ислоҳоти ҳуқуқӣ ҳам дар Тоҷикистон ин кафолати таъмини амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд мебошад. То дараҷае, ки матни меъёри ҳуқуқӣ мухтасар баён ёфта бошад, иҷрокунанда онро ҳамон қадар беҳтар дарк карда дуруст татбиқ менамояд. Аз ин нуқтаи назар, мухолифати меъёрҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба инкишофи ҷомеа ва тартиби мувозинатии мақомоти давлатии дахлдор халал ворид карда, зарари он бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои қонунии шахс мерасад. Оид ба масъалаҳои баёнгардида И.В. Ростовщиков дуруст қайд намудааст, ки таъсирнокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бевосита аз муқаррароти қонунгузорӣ вобаста мебошад. Меъёрҳои мурофиавӣ бошанд, бояд талаботи қонунро аниқу равшан дар бар гирифта, пурра ва ҳаматарафа амалӣ намудани онро ба танзим доранд[61]. Зеро ҳар чи қадар қонун босифат бошад, ҳамон қадар волоияти он таъмин гардида, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон бештар таъмин мегардад. Қонун бояд на танҳо навишта, қабул ва расман нашр карда шавад, балки ба иҷрокунандагони он фаҳмо бошад ва аз ҷониби онҳо дуруст дарк ва татбиқ карда шавад.

---

[60] Қисми 2 моддаи 103 КМҶ ҶТ соли 1961; қисми 2 моддаи 140 КМҶ Федератсияи Россия; қисми 2 моддаи 177 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон ва ғайра.

[61] *Ростовщиков И.В.* Права личности в России: их обеспечение и защита органами внутренних дел. - Волгоград, 1997. - С.122.

КМҶ-и нави Тоҷикистон боз дорои якчанд мухолифатҳост, ки мо наметавонем дар ҳаҷми як мақола ҳамаи онро равшанӣ андозем. Ин мухолифатҳо ба мақомоти татбиққунандаи қонун ва шахсоне, ки бо ягон роҳ ба мурофиаи ҷиноятӣ ҷалб карда мешаванд, мушкилиҳои зиёдеро ба миён меорад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карданием, ки КМЧ-и нави ҶТ аз тарафи олимони ин соҳа ба қадри имкон, дар ҳайати комиссияи босалоҳият тадқиқ карда, ба он тағйироту иловаҳои илман асоснок ворид карда шавад. Барои он ки, КМҶ пеш аз ҳама, баёнгар ва кафолатдиҳандаи таъмин ва риояи ҳуқуқи инсон дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ мебошад.

### Научный взгляд на некоторые изменения и дополнения, вносимые в уголовно-процессуальное законодательство в годы независимости Республики Таджикистан

***Ключевые слова***: *наука, уголовно-процессуальное законодательство, независимость, участники уголоаного процесса*

Авторы статьи попытались проанализировать и выразить свою точку зрения относительно актуальности и научной обоснованности внесенных изменений и дополнений в уголовно-процессуальное законодательство Республики Таджикистан в годы независимости. Авторами высказано мнение о положительных и отрицательных сторонах нового уоголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан, принчтого в 2009 году.

### Scientific views on some changes and amendments to the legislation on criminal procedure in the years of independence Tajikistan

***Keywords***: *science, criminal procedure law, the independence of the participants of criminal proceedings*

The authors have tried to analyze and express their views on the relevance and scientific validity of the changes and the complement to the penal laws of the Republic of Tajikistan's independence. The authors suggested the positive and negative aspects of the new Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan, adopted in 2009.

---

## Исботнамоӣ дар доираи амали принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ

🗁

**Раҳматулоев А.Э.***
**Ҳусейнов С.Ҳ.****

***Вожаҳои калидӣ:*** *принсип, пурра, ҳамаҷониба, холисона, исбот, далелҳо, парвандаи ҷиноятӣ, ҷамъоварӣ, санҷидан, баҳодиҳӣ, ҳолатҳо, мақомот,таъқиб, мурофиа,адолат, суд*

* *Раҳматуллоев А.Э.* - профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи ДДБҲСТ.
** *Ҳусейнов Ҳ.С.* - сардори Қисми таълими факултети № 4 Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ.

Мурофиаи ҷиноятӣ маҷмӯъи амалҳоеро дарбар мегирад, ки дар асоси принсипҳо-қоидаҳои умумиҳатмӣ ба амал бароварда мешаванд[62]. Дар байни амалҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст, амалҳои бо мақсади ҷамъоварӣ, санҷидан, ва баҳодиҳӣ ба далелҳо гузаронида шаванда, ҷойи марказиро ишғол менамоянд. Принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ аз маҷмӯъи қоидаҳои умумиҳатмие иборат мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда таҳкурсии мурофиаи ҷиноятиро ташкил медиҳанд ва дар амал иҷроиши вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро, ки дар моддаи 2 КМҶ ҶТ нишон дода шудааст, таъмин менамоянд. Дар доираи амали принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ исботнамоӣ низ ҷараён мегирад.

Принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар ҳама зинаҳои исботнамоӣ бевосита амал мекунанд. Принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ мазмуни мустақил ва аҳамияти хоси мурофиавӣ доранд, онҳо бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта танҳо дар ягонагӣ моҳияти мурофиаи ҷиноятиро ифода ва инъикос карда метавонанд. Принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ кафолати таъмини амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд. Бинобар ин, ба мазмун ва доираи амали бевоситаи принсипҳо дар ҷараёни исботнамоӣ диққат медиҳем.

Азбаски масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, то имрӯз, дар маркази диққати муҳаққиқон қарор доранд[63], аз моҳиятан муҳим будани ҳалли масъалаҳои бо он вобаста шаҳодат медиҳад, яъне аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани натиҷаи тадқиқотҳо дар ин соҳа аз байн нарафтааст. Ба роҳбарӣ гирифта шудани талаботҳои принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳалли дурусти масъалаҳои баҳснок, ки дар доираи амали бевоситаи принсипҳо дар ҷараёни исботнамоӣ ба миён меоянд, мусоидат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар аксар мавридҳо нодуруст фаҳмидан ва шарҳ додани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки бевосита ба исботнамоӣ дахл доранд, боиси баҳсҳои гуногун мешаванд. Масалан, моддаҳои 86-88 КМҶ ҶТ исботнамоиро ҳамчун фаъолият оиди ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳо додан ба далелҳо бо мақсади муқаррар кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта, пешбинӣ мекунад. Дар ин меъёрҳо пешбинӣ шудани исботнамоӣ **ҳамчун фаъолияти** даркнамоии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд, судя оид ба муқаррар кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта, дар муқоиса бо талаботҳои принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, эҳтимолияти бегуноҳӣ, мустақилияти суд ва қоидаҳо оиди ӯҳдадории исботнамоӣ хулосаҳои ба ҳам зидро ба миён меоранд. Барои бартараф кардани ин гуна ихтилофҳо масъаларо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медиҳем.

Кӯшишҳои баъзе аз муаллифон[64] доир ба ҷудо карда шудани мазмун ва самти исботнамоӣ ба амалҳое, ки хусусияти ҷустуҷӯӣ-даркнамоӣ (ҷамъоварии далелҳо дар назар дошта мешавад) доранд ва амалҳое, ки хусусияти тасдиқнамоӣ, асоснoккунӣ (санҷидан ва баҳо додан ба далелҳо) доранд, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ дастгирӣ наёфтааст. Чунки, муаллифони номбаршуда мазмуни унсурҳои исботнамоиро ҳамчун а) фаъолияти даркнамоии ҳодисаи гузашта; б) ҳамчун фаъолияти тасдиқнамоӣ ва асосноккунии хулосаҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки гӯё аз ҳамдигар вобастагӣ надоранд ва бо навбати муайян амалӣ мешаванд, шарҳ додаанд.

---

[62] *Принсип* аз калимаи лотинӣ (principium) бармеояд, ки маъноаш асос, қоида, усул, бунёд, таькурсӣ ё замина мебошад // Словарь иностранных слов.- М.,1987.- С.400.

[63] *Раҳматулоев А.Э, Сангинов А.Б.* Низом ва шакли мурофиавӣ-ҷиноятии амалҳои тафтишотӣ.- Хуҷанд., 2011.- 172 с.; *Салимов Ё.* Криминалистика: китоби дарсӣ. – Душанбе. 2008. – 699 с.; *Лазарева В.А.* Доказывание в уголовном процессе.- М., 2009. - 344 с.; Состязательность и доказывание в уголовном процессе. // Уголовное право., 2007.№ 3; Алиев Т.Т.Уголовно-процессуальное доказывание.- М., 2002; *Шейфер С.А.* Следственные действия: система и процессуальная форма.- М., 2001; *Хмыров А.А.* Косвенные доказательства .- М.,2005; *Петрухин И.Л.*Теоретические основы реформы уголовного процесса в России.-М.,2004,2005 ва дигарон.

[64] *Лузгин И.М.* Расследование как процесс познания. - М.: ВШ МВД СССР.,1969.- С.21-22; *Домбровский Р.Г.* Оптимизация расследования преступлений. - Иркутск.,1982.- С.18.

Ҳарчанд ин ду хулосаи пешниҳодшуда баҳснок бошанд ҳам, назарияи исбот ин гуна ақидаҳоро инкор намекунад. Ҳар ду тарафи ҷараёни исботнамоӣ ногузир ва ягона буда, танҳо ба тариқи назариявӣ ҷудо шуданашон мумкин аст. Дар амалия унсурҳои исботнамоӣ ба се зина ҷудо мешаванд: ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳӣ ба далелҳо. Ҳатто, дар ҷараёни мурофиаи граҷданӣ, мурофиаи судии иқтисодӣ, ки вазифаи исботнамоӣ ба зиммаи тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ вогузор шудааст, тарафҳо ӯҳдадоранд амалӣ гаштани унсури **ҷамъоварии далелҳоро** (ҷустуҷӯӣ –даркнамоӣ) таъмин намоянд. Дар баррасии аризаи даъвогӣ дар маҷлиси судӣ бошад, тарафҳо дар санҷидан ва баҳодиҳӣ (асосноккунӣ ва тасдиқнамоӣ) иштирок мекунанд. Дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ бошад **вазифаи исботнамоӣ** ба зиммаи шахсони ваколатдори мақомотҳои давлатӣ (тарафи айбдоркунанда) вогузор шудааст, ки иҷроиши ин вазифа дар доираи амали принсиҳои мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ мегардад. Яъне, мақомотҳои давлатӣ иҷроиши ҳамаи унсурҳои исботнамоиро ҳамчун вазифаи расмӣ-давлатӣ таъмин менамояд. Дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ (тарафи ҳимоя) вазифадор нестанд, лекин ҳуқуқ доранд дар ҷараёни исбонамоӣ **иштирок** намоянд. Яъне, мақомотҳои ваколатдори давлатӣ исботнамоиро, бо назардошти хусусиятҳои хоси он (ҷустуҷӯ, ошкор кардан, гирифтан, тасдиқ намудан, асосноккунӣ, баҳодиҳӣ, хулосабарорӣ ва ғайраҳо) дар доираи амали принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, бо тартиби муқарраркардаи қонун, **дар ягонагии унсурҳои (зинаҳои) он**, аз номи давлат, ба амал мебароранд. Бинобар ин, исботнамоӣ аз рӯи **принсипи умумӣ-расмӣ** будани мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамчун шакли фаъолият расмӣ, аз номи давлат новобаста аз хоҳиш ё иродаи шахсони алоҳида, тарафҳо ё мақомотҳо амалӣ мегардад. Исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, барои аз номи давлат амалӣ гаштани адолати судӣ замина тайёр мекунад. Новобаста аз ин хулосаҳо, исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, на танҳо фаъолияти мақомотҳои ваколатдори давлатӣ, балки шакли ҳуқуқии иштироки дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ аст, ки барои муайян карда шудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро ба амал мебароранд.

Қисми 4 м.86 КМҶ ҶТ ба айбдоршаванда ва гумонбаршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунандаи хусусӣ, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари граҷданӣ, ҷавобгари граҷданӣ ва намояндагони онҳо, шаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона, ташкилоту муассиса имконият додааст, ки маълумотҳоро доир ба парвандаи ҷиноятӣ ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳоеро, ки далел шуда метавонанд, дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, пешниҳод карда метавонанд. Лекин, ин иштирокчиён бо маҷмӯъи имкониятҳои ҳуқуқӣ оиди ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳӣ, ки мақомотҳои таъқиби ҷиноятӣ доранд (анҷом додани амалҳои тафтишӣ, таъмин нашудаанд. Аз рӯи ин хулоса, имконияти дигар иштирокчиёнро доир ба исботнамоӣ маҳдудшуда шуморидан ҳам нодуруст аст. Аввал ин, ки дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ имконияти ташкилӣ- моддӣ, таъҷилӣ ва ҳуқуқӣ, қобилияти касбии анҷом додани амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро надоранд. Меъёрҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ нисбати ҳолати ҳуқуқии дигар иштирокчиёни фаъолияти исботнамоӣ қоидаҳоеро пешбинӣ мекунад, ки бевосита бартарияти манфиат ва ҳуқуқу озодиҳои онҳоро нишон медиҳанд. Масалан, айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳо бояд исбот карда шавад, бегуноҳии шахс бошад ба исбот ҳоҷат надорад; ҳама гуна **шубҳаҳои** гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи қонун бартараф карда намешаванд, **ба фоидаи айбдоршаванда** маънидод карда мешавад ва ғайраҳо.

Бинобар ин, исботнамоиро ҳамчун шакли фаъолият, **танҳо бо ӯҳдадории исбот, даркнамоӣ ё тасдиқнамоӣ** маҳдуд ва аз ҳамдигар ҷудо донистан, иштибоҳ мебошад. Исботнамоӣ на танҳо шакли фаъолияти мақомотҳои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, балки (аз рӯи мазмуни қ.4 м.86 КМҶ ҶТ) шакли иштироки дигар субъектон дар мурофиаи ҷиноятӣ низ мебошад, ки дар доираи талаботҳои принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ мегардад.

Аз мазмуни меъёрҳои номбаршуда (м.м.86-88 КМҶ ҶТ) ба хулосаи мантиқан нодуруст ва нисбатан маҳдуд ҳам омадан мункин аст, ки тибқи он исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ – агар фаъолияти танҳо мақомоти ваколатдори давлатӣ бошад, пас он **танҳо бо мақсади** муқаррар ва асоснок кардани айби шахс дар содир кардани ҷиноят анҷом дода мешавад. Яъне, ӯҳдадории мақомотҳои таъқиби ҷиноятӣ оиди исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят пеш аз ҳама ба муқаррар карда шудани айби шахс дар содир кардани ҷиноят, ба асоснок ва тасдиқ кардани айби шахс дар содир кардани ҷиноят равона мешавад. Дар ин маврид, исботи дигар ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, сарфи назар шуда истодааст. Албатта, аз нуқтаи назари **принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ**, ба амалбарории таиноти (функсияи) айбдоркунӣ ва ҳимоя ба зиммаи як тарафи баҳси ҳуқуқӣ вогузор намешавад. Дар ҳамин раванд, агар мо ба мавқеи суд дар ҷараёни исбот назар намоем, суд - мақомоти давлатӣ аст, лекин мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд мавқеъи холисона ва беғаразиро ишғол намуда, дар таҳқиқи пурраи ҳолатҳои парванда, барои амали намудани ҳуқуқи тарафҳо шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Суд айби судшаванда ё беайбии ӯро фош намекунад, чунки суд субъекти исботнамоии айби шахс дар содир кардани ҷиноят нест. Ба зиммаи суд ӯҳдадории исботи айби шахс ё беайбии вай вогузор нашудааст. Агар айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳо тасдиқи худро ёбад, пас суд шахсро дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мекунад. Агар айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳо тасдиқи худро наёбад, пас суд шахсро дар содир кардани ҷиноят бегуноҳ эътироф мекунад. Ин қоидаҳо аз талаботи принсипҳои мубоҳиса, адолати судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ ва принсипи мустақилияти судҳо ва танҳо ба қонун итоат кардани онҳо бармеоянд.

Ваколати суд доир ба таҳқиқи далелҳо аз ваколатҳои муфаттиш, прокурор ва таҳқиқбаранда низ оиди ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба далелҳо мувофиқат намекунад. Суд мустақилона, бе дахолат ва новобаста аз мақеъи тарафҳо ба далелҳо аз нуқтаи назари **кифоя буданашон барои ҳалли масъала**и гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда баҳо медиҳад. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба далелҳо аз нуқтаи назари **кифоя будан барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс** баҳо медиҳанд. Таиноти (функсия) суд ба амалбарории адолати судӣ оиди парвандаи ҷиноятӣ аст, яъне суд парвандаи ҷиноятиро дида баромада муайян мекунад, ки айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳои пешниҳодшуда тасдиқи худро ёфтааст ё не. Ҳамин тариқ, **принсипҳои мубоҳиса ва мустақилияти суд** – муҳимтарин принсипҳои адолати судӣ мебошанд, ки дар ҷараёни баҳодиҳӣ ба далелҳои ба суд пешниҳодшуда ва ҳалли масъалаи гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят, дар ягонагӣ амал намуда, риоя ва амалӣ гаштани дигар принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро низ таъмин менамоянд. Дигар принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳам, ин гуна хусусиятҳоро доранд.

Масъалаи дигаре, ки аз матни м.15 КМҶ ҶТ (аз мазмуни принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ) бармеояд, бевосита мавзӯъи исботнамоиро маҳдудтар нишон додааст, ки тибқи он ҳукми айбдоркуниро **бо тахмин** асоснок кардан мумкин нест. Ҳукми айбдоркунанда танҳо ба шарте бароварда мешавад, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳгор будани судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо маҷмӯъи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ гардидааст (м.339 КМҶ ҶТ). Аз мазмуни ин меъёрҳо бармеояд, ки танҳо дар сурати **исботи худро ёфтани айби судшаванда** ҳукми айбдоркунанда бароварда мешавад. Лекин, ин гуна талабот нисбати ҳукми сафедкунанда дар шакли дигар пешбинӣ шудааст, ки тибқи он, **на ин ки исбот шудани беайбӣ**, балки исбот нашудани иштироки судшаванда дар содир намудани ҷиноят барои баровардани ҳукми сафедкунанда асос мегардад. Яъне, исботи **беайбии шахс** дар содир кардани ҷиноят ҳатмӣ нест ё **беайбии шахс ба исбот эҳтиёҷ надорад.** Эҳтимолият, шубҳа нисбати айбдор донистан не, балки нисбати беайбӣ, бегуноҳӣ тадбиқшаванда эътироф шудааст.

**Презумпсия** (эҳтимолият) - қоидаи дар қонун пешбинӣ шуда мебошад, ки мувофиқи он мавҷуд будан ё набудани ҳолати воқеа, ҳодиса, то мавриди бо далелҳо

тасдиқ ё рад нашудани онҳо, аз рӯи хулосаи эҳтимолӣ ба эътибор гирифта мешавад. Масалан, тибқи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ (м.15 КМҶ ҶТ), шахс дар содир кардани ҷиноят бегуноҳ аст, агар айби вай бо тартиби пешбиникардаи қонун, бо далелҳо исбот нашуда бошад. Дар сурати нокифоя будани далелҳое, ки иштироки айбдоршавандаро дар содир кардани ҷиноят муқаррар мекунанд ва ғайриимкон будани ҷамъоварии далелҳои тасдиққкунандаи айби шахс дар содир кардани ҷиноят, пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қатъ мегардад ё ҳукми сафекунанда бароварда мешавад.

Мувофиқи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, ӯҳдадории исботи айб дар содир кардани ҷиноят ба зиммаи шахси ваколатдоре гузошта мешавад, ки айб эълон мекунад. Дар ҷараёни мурофиаи судӣ бошад, ӯҳдадории исботи гунаҳгории шахс дар содир кардани ҷиноят ба зиммаи айбдоркунандаи давлатӣ - прокурор вогузор карда шудааст. Яъне, шахсе, ки айбдор мекунад, ӯҳдадор аст онро исбот намояд, на балки шахсе, ки айбро инкор мекунад. Гумонбаршуда ва айбдоршаванда то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд ва бо тартиби муқарраркардаи қонун исботу тасдиқи худро ёфтани айби онҳо дар содир кардани ҷиноят, гунаҳгор дониста намешаванд. Бинобар ин, шахсони номбаршуда ӯҳдадор нестанд беайбии худро исбот намоянд.

Мувофиқи КМҶ ҶТ (м.21) яке аз принсипҳои асосии фаъолияти исботнамоӣ таъғир наёфтааст. Ҳамаҷониба, пурра ва холисона муқаррар кардани ҳама ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, на танҳо вазифаи асосии мақомотҳои ваколатдори давлатӣ дар ҷараёни исботнамоӣ ба шумор меравад, балки ҳамчун асоси роҳбарикунанда дар ҳама зинаҳои исботнамоӣ амал мекунад.

Ҳамаҷониба, пурра ва холисона муқаррар кардани ҳама ҳолатҳои содир шудани ҷиноят вазифаи асосии мақомотҳои ваколатдори давлатӣ дар ҷараёни исботнамоӣ ба шумор меравад, ки бо воситаи амалҳои тафтишӣ таъмин шуда метавонад. Аҳамияти амалҳои тафтишӣ дар он зоҳир мешавад, ки бо ёрии онҳо ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта исбот карда мешаванд, инчунин натиҷаи амалҳои тафтишӣ, ҳалли одилона, қонунӣ ва асосноки масъалаҳои парвандаи ҷиноятиро таъмин менамоянд. Агар ба мазмуни талаботҳои ин принсип диққат диҳем, зарурият ва аҳамияти он дар ҷараёни исбот баръало зоҳир мешавад. Чунки, талаботи ҳамаҷониба – ин муқаррар карда шудани ҳам ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳам ҳолатҳои сабуккунанда, ҳам ҳолатҳои айбдоркунанда ва ҳам ҳолатҳои сафедкунандаро доир ба парвандаи ҷиноятӣ ифода мекунад. Талаботи пурра – ин муқаррар карда шудани ҳама ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, ки предмети (мавзӯъи) исботнамоиро (м.85 КМҶ ҶТ) ва ҳама ҳолатҳои ба ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро (м.72 КМҶ ҶТ) ифода мекунад. Талаботи холисона – ин беғаразона, бе зоҳир намудани манфиатдорӣ, новобаста аз мавқеъи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, новобаста аз дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда ва оқибатҳои он, новобаста аз шахсият (ҳолатҳое, ки шахсиятро тавсиф медиҳанд) ва шакли айби вай (қасд, беэҳтиётӣ) дар содир кардани ҷиноят, бе фишороаврии беруна муайян карда шудани ҳолатҳои ҳодисаи ҷиноят ва ҳалли масъалаҳои мурофиавиро ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, ба роҳбарӣ гирифта шудани талаботҳои принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомотҳои ваколатдори давлатӣ ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ба фаҳмиши дурусти мазмун ва аҳамияти онҳо, таъмини риоя ва иҷрои онҳо, хусусан дар раванди исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта, аз як тараф, ба ҳалли баҳсҳои назариявӣ, аз тарафи дигар, ба ҳалли одилони парвандаи ҷиноятӣ мусоидат мекунанд. Дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳӣ ба далелҳо - ҳамчун унсурҳои сохтори дохилии исботнамоӣ, маҷмӯъи ба ҳам пайвастаи амалҳои мурофиавиро ташкил медиҳанд, ки дар доираи амали асосҳои роҳбарикунандаи мурофиаи ҷиноятӣ анҷом дода мешаванд. Ин унсурҳо дар алоҳидагӣ, ҷудо аз ҳамдигар, мақсади ниҳоии исботнамоиро ифода карда наметавонад, ба майли айбдоркунӣ ё сафедкуниро гирифтани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ монеа шуда

наметавонанд, инчунин иҷроиши вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро таъмин карда наметавонанд.

Бинобар ин, принсипҳои мурофиваии ҷиноятӣ ба ҳам пайвастагӣ, ягонагӣ ва ба ҳам вобастагии унсурҳои исботро дар амал таъмин менамоянд. Дар зинаҳои алоҳидаи ҷараёни исботнамоӣ принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бевосита амал мекунанд, вайрон шудан, риоя нагаштани талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, боиси бекор шудан ё беэътибор дониста шудани натиҷаи амалҳои мурофиавӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, таъмини самаранокии ба амалбарории адолати судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ ва иҷроиши вазифаҳои хоси мурофиаи ҷиноятӣ - пурра, ҳамаҷониба ва холисона муайян карда шудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, инчунин риоя ва иҷроиши бемайлони талаботҳои присипҳои мурофиавии ҷиноятиро тақозо мекунад.

### ПРЕДЕЛЫ ДЕЙСТВИЯ ПРИНЦИПОВ УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА В ХОДЕ ДОКАЗЫВАНИЯ

***Ключевые слова:*** *доказывание, преступление, судебно-правовая реформа, принципы уголовного процессса, уголовное дело*

В статье рассматриваются вопросы доказывания обстоятельств совершения преступления в условиях судебно-правовой реформы в Республике Таджикистан. Авторами исследованы пределы действия принципов уголовного процесса в ходе доказывания и расследования уголовного дела.

### THE LIMITS OF THE PRINCIPLES OF CRIMINAL PROCEDURE IN EVIDENCE

***Keywords****: proof, crime, judicial reform, the principles of working processes of the criminal, the criminal case*

The questions to prove the circumstances of the crime in the judicial and legal reform in the Republic of Tajikistan. Re-sult to explore the limits of the principles of due process in the course of proof and the criminal investigation.

# ФОРМЫ ПРОКУРОРСКОГО НАДЗОРА НА ПРЕДВАРИТЕЛЬНОМ СЛЕДСТВИИ

🗁

**Арипов А.Л.***
**Бободжонов Н.М.****

***Ключевые слова:*** *прокурорский надзор; следователь; предварительное следствие; уголовное дело; следственные действия; прокурор*

Статья 5 Конституционного Закона РТ «Об органах прокуратуры» устанавливает прокурорский надзор за исполнением и соблюдением законов органами, осуществляющими дознание и предварительное следствие. В обеспечении этой деятельности, уголовно-процессуальный закон наделил прокурора весьма широкими полномочиями (ст. 168 УПК РТ), обеспечивающими осуществление эффективного надзора за деятельностью следователя. Властно-распорядительные полномочия, которыми наделен прокурор в этой деятельности, присущи только ему.

Согласно ст.168 УПК РТ, осуществляя надзор за деятельностью следователя на предварительном следствии, прокурор в пределах своей компетенции:

1) требует от следователя для проверки уголовные дела;

2) отменяет незаконные и необоснованные постановления следователя;

3) дает письменные указания о расследовании преступлений, избрании, изменении или отмене меры пресечения, квалификации преступления, производстве отдельных следственных действий по уголовному делу;

4) участвует в производстве предварительного следствия и в необходимых случаях лично производит отдельные следственные действия или расследования в полном объеме по любому делу;

7) возвращает уголовное дело следователю со своими указаниями о производстве дополнительного расследования;

8) отстраняет следователя от дальнейшего ведения расследования, если ими допущено нарушение закона при расследовании дела;

9) возбуждает уголовные дела или отказывает в их возбуждении; прекращает либо приостанавливает производство по уголовным делам; дает согласие на прекращение уголовного дела следователем в тех случаях, когда это предусмотрено законом; утверждает обвинительные заключения (постановления); направляет уголовные дела в суд[65].

По мнению И.Л.Петрухина, прокурор является «хозяином» процесса на предварительном следствии ввиду того, что он не только уполномочен осуществлять уголовное преследование и процессуальное руководство следствием, но и осуществлять надзор[66].

Высказывания И.Л.Петрухина вполне обоснованы и справедливы. В действительности, с момента возбуждения уголовного дела и до его передачи в суд за всеми действиями и решениями по нему прокурор осуществляет надзор. Он вправе давать

---

* *Арипов А.Л.* – преподаватель кафедры уголовного процесса Академии МВД Таджикистана, кандидат юридических наук, майор милиции.

** *Бободжонов Н.М.* - преподаватель кафедры уголовного процесса Академии МВД Таджикистана, майор милиции.

[65] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2009 г., №12, ст.816;2010г., №7, ст. 551;2011;г., №3, ст. 159; №7-8, ст. 609; ЗРТ от 03.07.2012г., №864 ЗРТ от 01.08.2012г., №878.

[66] *Петрухин И.Л.* Прокурорский надзор и судебный контроль за следствием // Российская юстиция. 1998. №9. - С. 12–14.

указания по находящимся в производстве следователя делам, дальнейшее движение уголовного дела (кроме передачи его от одного следователя к другому в рамках одного органа) также согласуется с прокурором. Достаточно взглянуть на объем полномочий следователя, которые предусмотрены ст. 39 УПК РТ, и на полномочия прокурора, которые содержатся в ст. 168 УПК РТ, где в последнем случае замечается значительный перевес.

Возложение функций надзора за деятельностью следователя на предварительном следствии прокурору, обусловлено его функциональным назначением и особыми полномочиями как органа, осуществляющего надзор за точным и единообразным исполнением законов на всей территории государства. Таковыми полномочиями он наделен Конституцией и Конституционным законом об органах прокуратуры Республики Таджикистан[67].

Для осуществления надзора и выявления нарушений в деятельности следователя, а также причин, порождающих их, и условий, способствующих им, прокурор использует широкий круг своих полномочий. Основными из них являются:

1. истребование для проверки уголовных дел, находящихся в производстве следователя;
2. участие в производстве предварительного следствия (производстве отдельных следственных действий), а в необходимых случаях - личное производство отдельных следственных действий;
3. продление срока предварительного расследования по уголовному делу;
4. дача согласия на прекращение уголовного дела следователем в случаях, предусмотренных уголовно-процессуальным законом;
5. утверждение обвинительного заключения и других итоговых решений следователя по уголовному делу, а также проверка законности и обоснованности других (промежуточных) решений следователя по уголовному делу;
6. изъятие от органа дознания и передача следователю уголовного дела, передача дела от одного органа предварительного следствия другому, а также от одного следователя другому в целях обеспечения наиболее полного и объективного расследования (за исключением уголовных дел о преступлениях имеющих коррупционный характер ч. 12 ст. 161 УПК РТ).

Каждое из названных выше обстоятельств предоставляет прокурору возможность ознакомиться с материалами уголовного дела, тем самым выявить допущенные нарушения и осуществить свои надзорные функции и отреагировать на имеющиеся нарушения и недостатки.

В каждом из названных случаев прокурор лично изучает материалы уголовного дела, исследует полученные следователем доказательства, анализирует, проверяет законность и обоснованность способов, посредством которых они получены. Основным источником информации в данном случае является уголовное дело. Ознакомление прокурора с материалами уголовного дело дает ему не только возможность выявить и отреагировать на допущенные нарушения требований норм УПК, но и иметь представление о квалификации и опытности следователя в деле правильного сохранения информации в протоколах следственных действий и ее наглядности. Однако, не во всех случаях изучение материалов уголовного дела происходит по личной инициативе прокурора. В ряде случаев уголовно-процессуальным законом ему предписывается до принятия решения тщательным образом изучить уголовное дело, при необходимости лично исследовать и проверить имеющиеся в нем сведения (ст. 247 УПК РТ).

---

[67] Конституция Республики Таджикистан 06 ноября 1994г. (в редакции законов 22 июня 2003); Конституционный закон Республики Таджикистан «Об органах прокуратуры РТ» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2005 год, №7, ст. 398; 2006 год, №3, ст. 141; 2007год, №5, ст.350; №7, ст. 652; 2008г, №12, часть 1, ст.981; 2009 год, № 5, ст.314; 2011г, №3, ст.150; №6, ст.428;Закон РТ от 01.08.2012г,№876.

Следует отметить, что, изучая материалы уголовного дела, прокурор осведомляется обо всех обстоятельствах дела, из сведений, которые содержатся в уголовном деле. Первоначальные же источники (лица, от которых, исходили показания, местность, где был произведен осмотр, и т.п.) остаются для него недоступными. Тем самым изучение материалов уголовного дела, а также заслушивание доклада следователя об обстоятельствах дела способствует осуществлению надзора за результатом произведенных процессуальных действий, что в свою очередь оставляет в «тени» процесс их получения.

Учитывая сложившиеся на практике правила, когда уголовное дело подшивается и составляется опись находящихся в нем документов только по окончании предварительного следствия, несложно представить себе, что надзор, ограниченный всего лишь изучением материалов уголовного дела, будет малоэффективным.

Среди перечисленных форм прокурорского надзора особое место занимает его участие на предварительном следствии, в частности, в производстве отдельных следственных действий, а также личное производство прокурором отдельных следственных действий, однако, на наш взгляд, последнее, оказывает наглядное впечатление. Именно в ходе участия в производстве отдельных действий, прокурор имеет возможность лично воспринимать процесс собирания доказательств, осуществляемый следователем, а на этой основе дать оценку эффективности её производства. Личное участие помогает выявить, какие нарушения допускаются, как в установленных законом правилах, так и в разрешении организационно тактических вопросов, насколько полно была сохранена исходящая информация от источника, и насколько она относится к расследуемому делу.

Рассматриваемая форма надзора позволяет более детально уяснить конкретные обстоятельства дела, проникнуть в его детали. В данном случае прокурор непосредственно воспринимает действия других участников следственного действия - обвиняемого, потерпевшего, свидетеля, их поведение, подробность в изложении показаний, уверенность в ответах. Этим обеспечивается восприятие тех обстоятельств, которые не отражаются в протоколе следственного действия. Несмотря на то, что указанные обстоятельства не имеют самостоятельного доказательственного значения, они помогают правильно оценить показания этих лиц, ускоряют формирование убеждения, а также способствуют устранению возникших вопросов и сомнений. Условия и обстановка, при которой производится следственное действие, действия следователя, его обращение к участникам, создают у прокурора представление об опытности следователя извлечь максимум информации, соблюдению при этом установленных законом правил и объективности в целом в расследовании по делу. На основании этого прокурору по результатам участия в производстве следственных действий легче определить дальнейшие формы надзора по обеспечению законности. В последующем это будет способствовать правильному решению таких частных задач, как дача согласия на производства ряда следственных действий и решений, а также расследования в целом, - отстранение следователя от дальнейшего производства по делу, отмена промежуточных решений по делу, дача письменных указаний о производстве ряда следственных действий и т.д.

Решение об участии в производстве того или иного следственного действия, производимого следователем, прокурор принимает самостоятельно в зависимости от обстоятельств дела. Обычно этому способствует истребование и дальнейшее ознакомление прокурора с материалами уголовного дела. В ходе ознакомления (изучения) с материалами уголовного дела прокурор, во-первых, проверяет произведенную работу по делу; во-вторых, дает оценку законности и обоснованности произведенных следственных действий, после чего, если в этом есть необходимость, принимает решение об участии в том или ином следственном действии. Предшествовавшее этому изучение материалов дела делает более эффективным и результативным не только производство следственного действия, в котором будет принимать участие прокурор или которое будет проводить

лично, но и дает представление об обстоятельствах дела выяснить, какие данные необходимо будет получить, поможет сформулировать вопросы и т.п.

Необходимо учитывать то обстоятельство, что участие прокурора в проведении следственных действий наряду с указаниями следователю – это самая острая форма надзора, неумелое использование которой способно неблагоприятно отразиться на процессуальной самостоятельности следователя. Осуществляя данную форму надзора, прокурору необходимо действовать умело и проводить грань между надзорной деятельностью и излишней опекой над следователями. Нам представляется, что прокурору необходимо прибегать к участию в производстве отдельных следственных действий, направленных на получение важных доказательств при проведении таких следственных действий, в ходе которых чаще наблюдаются нарушения, которые сложно наблюдать (выявить) по протоколам следственных действий. При этом прокурор не должен подменять следователя ввиду того, что расследование – это основная прерогатива следователя. Личное участие прокурора на предварительном следствии, в частности, личное производство им отдельных следственных действий лишает его самостоятельности в данном случае. Прибегать к непосредственному участию при производстве отдельных следственных действий, прокурору необходимо в тех случаях, когда он полагает, что нет другой возможности, и иными средствами, обеспечить надлежащий уровень надзора. Следует заметить, что при всем этом данная форма надзора является более эффективной и результативной. Используя эту форму надзора, прокурор непосредственно воспринимает  информацию и участников предварительного следствия, что дает ему возможность правильно оценить другие доказательства по делу, проверить объективность и законность расследования, производства следователем отдельных следственных действий.

Однако, на наш взгляд, нежелательно чрезмерное использование данной формы надзора, оно в некоторой степени ограничивает самостоятельность следователя. Участие прокурора при производстве следственных действий  практике сложилось в достаточной мере приемлемым. Оно определяется, исходя из доказательственной значимости сведений, которые могут быть получены в ходе проведения конкретных следственных действий, сложности их проведения или допускаемых нарушений следователем в их производстве. Причем происходит это, как правило, при расследовании тяжких и особо тяжких преступлений или в случаях, когда результаты производства отдельных следственных действий имеют существенное доказательственное значение для дела.

### ШАКЛҲОИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОР ДАР РАФТИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

***Вожаҳои калидӣ:*** *назорати прокурорӣ, муфаттиш, тафтишоти пешакӣ, парвандаи ҷиноятӣ, ҳаракатҳои тафтишотӣ, прокурор*

Дар мақолаи мазкур шаклҳои назорати прокурор дар рафти тафтишоти пешакӣ оиди риояи дақики қонунҳо дида баромада шудааст. Инчунин, шарҳи ҳар як шаклҳои назорат ба монанди омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ, шитироки прокурор дар гузаронидани ҳаракатҳои тафтишӣ ва шахсан гузаронидани ҳаракатҳои тафтишии алоҳида.

### FORM PROSECUTORIAL SUPERVISION IN THE PRELIMINARY INVESTIGATION

***Keywords:*** *public prosecutor's supervision, the investigator, the preliminary investigation, criminal investigation, investigations, the prosecutor.*

In the article form the prosecutor supervising investigator in the preliminary investigation in the strict observance of the law in criminal cases. Reveals the form of supervision by the prosecutor, such as the study of the criminal case, the investigator

involved in the production of investigative actions, as well as a private investigative activities.

## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ СУДЕБНОЙ СИСТЕМЫ ТАДЖИКСКОЙ АССР

🗁

**Шодиев И.Р.***

***Ключевые слова:*** *казийские суды, специальный народный судья по трудовым спорам, Главный суд, специальные суды, окружные суды, Таджикское отделение Верховного суда Узбекской ССР, народные суды.*

Таджикская АССР была образована в составе вилоятов Восточной Бухары - Душанбинского, Гармского, Кулябского, Курган-Тюбинского и Сары-Ассийского и ряда районов Туркестана (12 волостей Самаркандской области с городами Пенджикент, Ура-Тюбе)[68]. Кроме того, по решению Президиума ЦИК СССР от 2 января 1925 г. в состав Таджикской АССР была включена территория Памира, составившая Горно-Бадахшанскую автономную область[69]. Ходжентский уезд, а также Исфаринский, Канибадамский и Аштский районы Кокандского уезда при национальном размежевании Средней Азии отошли непосредственно к Узбекской ССР, а в 1926 г. эти таджикские районы были объединены в Ходжентский округ, который на основе волеизъявления его населения в августе 1929 г. влился в состав Таджикистана[70].

К моменту организации Народный Комиссариат Юстиции (далее – НКЮ) на территории Таджикистана (бывшей Восточной Бухары) существовал только один окружной суд с уголовным отделом и прокуратурой при нем. НКЮ начал функционировать с 22 декабря 1924 г., а с 12 февраля 1925 г. его органы приступили к работе в шести вилоятах (областях) - Душанбе, Кулябе, Гарме, Курган-Тюбе, Ура-Тюбе, Пенджикенте[71].

Постановлением малого Президиума ЦИКа Советов Узбекской ССР от 23 марта 1925 г. в Таджикской АССР было создано отделение Верховного суда Узбекской ССР. Тогда же было утверждено «Временное Положение о Таджикском отделении Верховного суда Узбекской ССР»[72].

В этот период Таджикское отделение Верховного суда Узбекской ССР являлось высшим судебным органом Таджикской АССР и действовало в составе президиума отделения, кассационной коллегии по уголовным делам и судебной коллегии по уголовным делам[73].

Таджикское отделение Верховного суда состояло из председателя, заместителя председателя и 9 членов коллегии. Состав отделения Верховного суда назначался Президиумом ЦИК ТАССР. Президиум Таджикского отделения Верховного суда ведал в основном организационными вопросами (распределением обязанностей между членами отделения, назначением специальных составов суда для рассмотрения дел, просмотром и утверждением отчетов коллегии, назначением ревизии окружных судов и т.д.). Члены

---

* *Шодиев И.Р.* - заместитель декана юридического факультета ТНУ, доцент кафедры теории и истории государства и права, кандидат юридических наук.

[68] *Раджабов С.А.* Таджикская ССР – суверенное советское государство. - Душанбе, 1960. - С.18.

[69] *Дегтяренко Н.Д.* Развитие советской государственности в Таджикистане. - Душанбе, 1960. - С. 71.

[70] *Назаршоев М.* Партийная организация Памира в борьбе за социализм и коммунизм (1918 – 1968 гг.). - Душанбе, 1970. - С. 80.

[71] ЦГА РТ. ф.9, оп.1, д.1, л.1.

[72] Там же. ф.9, оп.1, д.186, л.204

[73] Там же. ф.9, оп.1, д.141, л.36; д.90, л.245.

отделения Верховного суда Узбекской ССР назначались Революционным комитетом Таджикской АССР (Постановление Ревкома от 11 марта 1925 г.) [74].

Кассационная коллегия отделения Верховного суда по уголовным делам рассматривала кассационные жалобы и протесты на приговоры окружных судов в составе трех членов. Судебная коллегия по уголовным делам в порядке первой инстанции разбирала отнесенные к подсудности отделения Верховного суда уголовные дела в составе председательствующего члена коллегии и двух народных заседателей.

Таджикское отделение Верховного суда не имело гражданской коллегии. Все рассмотренные окружными судами гражданские дела по жалобам или протестам направлялись в Верховный суд Узбекской ССР.

Окружные суды состояли из председателя, заместителя председателя и членов. Они избирались вилоятскими исполкомами сроком на один год по представлению Наркомата юстиции[75]. Окружные суды действовали в качестве кассационной инстанции для рассмотрения дел по жалобам и протестам на приговоры и решения подведомственных им народных судов и в качестве суда первой инстанции по делам, отнесенным законом к их ведению.

Основным звеном единой судебной системы является народный суд, Утверждение и отзыв народных судей по представлению Наркомата юстиции осуществлялись вилоятскими исполкомами. Работа отделения в 1925-1926 гг. сводилась исключительно к выездным сессиям в районы сопротивления повстанческих сил[76].

В Истравшанском и Пенджикентском вилоятах функционировали 3 камеры народных судов и столько же следователей. В кассационном и надзорном порядке они относились к Верховному суду Узбекской ССР[77].

Революционный комитет Таджикской АССР 31 марта 1925 г. постановил предложить Наркомату юстиции немедленно приступить к организации народных судов и следственных участков[4].

По отчетам НКЮ, советская судебная сеть в Таджикской АССР на 1 ноября 1925 г. была представлена (кроме отделения Верховного суда Узбекской ССР):

I. Душанбинским окружным судом (чаще называется Гиссарский окружной суд).

II. Шестью народными судами (в Кулябе, Курган-Тюбе, Гарме, Душанбе, Истравшане и Пенджикенте)[78].

В декабре 1925 г. Революционный комитет Таджикской АССР, заслушав доклад НКЮ и Таджикского отделения Верховного суда Узбекской ССР, признал их работу по оформлению аппарата в условиях борьбы с контрреволюцией удовлетворительной[79]. Одновременно Революционный комитет постановил утвердить проект организации 4-х окружных судов, организовав в первую очередь Кулябский окружной суд с введением в округ Курган-Тюбинского вилоята[80].

В городе Душанбе к 1927 г. была одна камера народного суда со штатом, состоящим из народного судьи, следователя и секретаря. Кроме суда, имелся один казий.[81]

Таким образом, в течение 1925-1926гг. на территории Таджикской АССР были созданы следующие советские судебные учреждения:

1) Таджикское отделение Верховного суда Узбекской ССР;

---

[74] Там же. Ф..9, оп.1, д.15, л. 28.

[75] ЦГА РТ. ф.9, оп.1 ,д.13, лл.66-86.

[76] Там же. ф.386, оп.1, д.196, л.131.

[77] Там же. ф.9, оп.1, д.3, л.48

[78] Там же. ф.9,оп.1, д.48, л.77

[79] ЦГА РТ. ф.386, оп.1, д.196, л.1.

[80] Там же. ф.9, оп.1, д.27, л.91

[81] Там же. ф.10, оп.1, д.230.

2) 3 окружных суда (Гиссарский - он же Душанбинский, Кулябский и Истравшанский - в городе Ура-Тюбе, обслуживавший 2 вилоята - Истаравшанский и Пенджикентский);

3) 13 камер народных судов;

4) трудовая сессия при народном суде в г. Душанбе[82].

29 сентября 1926 г. ЦИК Советов Узбекской ССР принимает Положение о судоустройстве Узбекской ССР, которое было введено в действие с 15 февраля 1927 г. В его основу были положены Конституция СССР 1927 г. и Основные начала судоустройства СССР и союзных республик 1927 г.[83]

Положение закрепляло принципы выборности судей, коллегиальности суда, гласность судебного разбирательства, право обвиняемого на защиту и т.д.

Положение регламентировало деятельность публичных (государствениых) судов. 19 июня 1927 г. постановлением ЦИК Таджикской АССР были упразднены Таджикское отделение Верховного суда Узбекской ССР и все окружные суды на территории Таджикской АССР. Вместо окружных судов был организован Главный суд Таджикской АССР, а в вилоятах - уполномоченные Главного суда[84].

Главный суд действовал на правах окружного суда, распространяя свою деятельность на всю территорию Таджикистана. Председатель, заместители председателя и члены Главного суда избирались сроком на 1 год ЦИКом ТАССР, которому принадлежало и право их досрочного отзыва[85].

Главный суд осуществлял руководство и надзор над народными судами ТАССР. Он был кассационной инстанцией по делам, рассмотренным народными судами республики; судом 1-й инстанции в отношении дел, отнесенных законом к ведению окружных судов.

Главный суд Таджикской АССР действовал в следующем составе: Пленум, Президиум, Судебная и кассационная коллегия по уголовным и гражданским делам[86].

В июне 1927 г., в связи с организацией Главного суда, отдел судоуст-ройства НКЮ был упразднен, а его функции были переданы Главному суду.[87]

По отношению к судам ТАССР надзорной инстанцией, а по гражданским делам и кассационной инстанцией выступал Верховный суд Узбекской ССР.

Передача Главному суду всех дел, подсудных окружным судам, позволяла проводить на всей территории Таджикской АССР единую судебную практику.[88]

Таким образом, в этот период появляюгся упоминания о правовоустановительной функции судов, что само по себе является положительным моментом. До этого суды рассматривались как карательные органы.

В то же время на территории Таджикской АССР распространялась юрисдикция Верховного суда Узбекской ССР, так как полномочия его Таджикского отделения были переданы не Главному суду, а Верховному суду Узбекистана.[89]Тем самым Верховный суд Узбекской ССР продолжал оставаться высшей судебной инстанцией по отношению к судам Таджикской АССР.

В 1927 г. в каждом вилояте учреждается по одному уполномоченному Главного суда Таджикской АССР на правах члена Главного суда по назначению его пленума из числа народных судей вилоята, одновременно является народным судьей одного участка. Он пользовался техническим аппаратом Народного суда, где являл народным судьей[90].

---

[82] Там же. ф.386, оп.1, д.145, л. 13-14.

[83] Собрание кодексов УзССР. Самарканд, 1928.

[84] ЦГА РТ. ф.10, оп.2, д.24, п.34.

[85] Кахаров А.А. Указ. раб. С.84.

[86] ЦГА РТ. ф.10, оп.1, д.36, л.106.

[87] Там же. ф.386, оп. 1, д .89, л.260.

[88] Там же. ф.386, оп. 1, д. 196, л. 181 -182.

[89] ЦГА РТ. ф.386, оп.1 д.196, л.185.

[90] Там же.

В целях учета пропускаемых и слушаемых дел и во избежание нарушения процессуальных норм, уполномоченные слушали дела только после пропуска через распорядительные заседания Главного суда г. Душанбе. Главный суд при получении дел от вилоятского прокурора в срочном порядке рассматривал таковые в распорядительном заседании. По делам, имевшим большое общественное значение и серьезный характер, высылал в вилояты выездную сессию, по всем остальным делам давали лишь санкцию уполномоченному на право разбора назначенной группы дел.

На уполномоченного Главного суда также была возложена обязанность общеадминистративного финансового надзора в вилояте (скорее всего за судами).[91]

Постановлением ЦИКа Советов Таджикской АССР от 30 декабря 1927 г. институт уполномоченных Главного суда был упразднен и взамен их были создаются по-стоянные сессии Главсуда в вилоятах[92].

Постоянные сессии Главсуда в вилоятах рассматривали уголовные дела, подсудные Главсуду по I инстанции.

В отличие от уполномоченных Главного суда, Постоянные сессии сами проводили распорядительные заседания.

Обязанности председателя постоянной сессии возлагались на одного из членов коллегии Главсуда по постановлению Президиума Главсуда.

Постоянные члены сессий Главсуда представлялись НКЮ и утверждались Президиумом ЦИКа ТАССР.

Судебные заседания Постоянной сессии проводились с участием председателя Постоянной сессии и двух народных заседателей.[93]

После реорганизации, проведенной в мае - июне 1927 г., судебная система Таджикской ССР выглядела следующим образом:

I. Главный суд со штатом 30 ед.

II. Территориальные (туменские) народные суды (16 судов со штатом 64 ед.).[94]

На 1 января 1928 г. существовал Главный суд с 6 постоянными сессиями и 21 народный суд.[95]

В декабре 1927 г. была учреждена Постоянная сессия Главного суда ТАССР по автономной Горно-Бадахшанской области. При сессии имелась камера старшего следователя, куда ежемесячно поступали 25-30 дел. По области к указанному времени были функционировали 2 камеры народного суда - в г. Хороге и Мургабе.[96]

Такая судебная система в Таджикской АССР существовала до 1929 г., т.е. до вхождения Таджикистана в состав СССР в качестве союзной республики[97].

В первые годы существования Таджикской АССР, наряду с создаваемыми советскими судами, сохранялись и казийские суды[98]. Для этой цели Постановлением Революционного Комитета Таджикской АССР от 17 июня 1925 г. за № 15 было введено в действие "Положение о шариатских судах казиев Таджикской республики"[99]. Согласно Положению, казийские суды могли быть учреждены только по желанию большинства населения (ст.1). Казии избирались местным населением данного участка сроком на 1 год и утверждались ЦИКом Таджикской АССР по представлению Народного Комиссариата Юстиции. Последнему предоставлено было право отвода (ст 4).

К этим мероприятиям, в первую очередь относится принятие Революционным Комитетом Таджикской АССР 2 апреля 1926 г. нового Положення "О судах казиев

---

[91] Там же. л.л.57-58, 60.
[92] Там же.
[93] Там же, д. 196, л. 205.
[94] Там же, д.196, л.54.
[95] Там же, д.195, л.31.
[96] Там же, д.195, л.л.3,5-6, 188, д.206, л.9.
[97] Разыков Ш. Указ. раб. С. 105.
[98] Там же. С. 106.
[99] *Разыков Ш.* Указ. раб. С.180.

Таджикской АССР"[100], которым было отменено Положение о казийских судах от 17 июня 1925 г. Эти мероприятия были направлены на вытеснение казийских судов.

Согласно положения о казийских судах от 2 апреля 1926 г., ут-вержденного Ревкомом Таджикской АССР, из ведения казийских судов полностью были изъяты уголовные дела. И были подсудны гражданские дела по искам, не превышающим 500 рублей, и дела брачного, опекунского и наследственного права[101].

К началу 1927 г. в Таджикской АССР действовали 15 казийских (шариатских) судов[102], но и в это время процесс вытеснения казийских судов продолжался

В докладе НКЮ за 1 полугодие 1927 г. отмечается, что к началу года в Таджикской АССР было 15 казийских судов, к 1 апреля 1927 г. осталось 13, а после 1 апреля 1927 г. - 5 на всю ТАССР.[103]

По нашему мнению, также темпы упразднения свидительствовали о принудительных мерах, применямых в процессе ликвидации казийских судов, о репрессиях.

Так, в этот период два казия Кулябской области были отданы под суд за совершение преступлений.[104]

Говоря о совместимости казийских судов с советской властью, нужно отметить объективную необходимость их функционирования по следующим причинам:

- население, вопреки пропагандируемому мнению, положительно от-носилось к нормам шариата, особенно в областях имущественных, наслед-ственных и семейно-брачных отношений, и в силу существовавшего уклада жизни воспринимало эти нормы как справедливые;[105]

- как показывают материалы, советские судьи, в силу ограниченности своей квалификации, плохо ориентировалось в цивилистике. Другое дело казийские судьи которые сами, да и население неплохо ориентировались в нормах мусульманского права;

- в области уголовно-процессуальной деятельности, с одной стороны, казийским судам было запрещено выполнять эти функции: эта деятельность стала публичной, приобрела ярко выраженный классово-политический характер, карательная сила была направлена на подавление главным образом политического сопротивления, что вызывало одобрение неимущих людей, которых было абсолютное большинство.

В виду фактически прекратившегося обращения населения к казийским судам, ЦИК и СНК Таджикской АССР постановлением от 30 июля 1928 г. упразднили суды казиев[106]. Что же касается казийских судов на территории северных районов нынешнего Таджикистана, в то время находившихся непосредственно в составе Узбекской ССР под названием Ходжентского округа, то они находились в аналогичном положении. Председатель окружного суда 17 марта 1927 г. сообщил, что "по Ходжентскому округу в настоящее время имеется один казийский суд; камера суда находится в г. Ходженте"[107].

Ходжентский казийский суд, как и все существовавшие на территории Узбекской ССР казийские суды, ввиду прекращения обращаемости к нему населения был упразднен Постановлением ЦИК и СНК Узбекской ССР от 18 февраля 1928 г.[108].

В деятельности судов существенное значение придавалось разрешению трудовых споров, т.к. в этот период еще применялся наемный труд. До мая 1927 г. трудовые споры находились в ведении окружных судов. В Гиссарском окружном суде в апреле 1927 г.

---

[100] *Кахаров А.А.* Указ. раб. С.88.
[101] Там же.
[102] ЦГА РТ. ф.9, оп.1, д.179, л.22. -
[103] Там же, ф.18, д.80.
[104] Там же. д.196, л.59.
[105] Там же. д.89, л.86-92.
[106] Там же, ф.10, оп.1, д.35, л.9; Систематическое собрание дсйствующих законов Таджикской ССР. - Сталинабад, 1932. - С.791.
[107] Систематическое собрание действующих законов Таджикской ССР. - С.791.

имелись в производстве 130 дел о трудовых спорах[109]. В декабре 1926 г. в народном суде г. Душанбе был введен специальный народный судья по трудовым спорам[110]. Однако в связи с большой загруженностью, судьи не успевали своевременно разрешать дела о трудовых спорах. В октябре 1927 г. НКЮ поставил вопрос о создании примирительных камер по трудовым спорам при джамоатских советах.

## Хусусияти таъсисёбии низоми судии Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон

***Вожаҳои калидӣ:*** *судҳои қозигӣ, судяҳои махсуси халқӣ оид ба баҳсҳои меҳнатӣ, Суди асосӣ, судҳои махсусгардонидашуда, судҳои округӣ, Шӯъбаи Судии олии тоҷикии ҶШС Узбекистон.*

Дар мақолаи мазкур масъалаи таъсисёбии низоми суди шӯравӣ дар Тоҷикистон аз солҳои 1924 то солҳои 1929 таҳқиқ шудааст. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии зинаҳои гуногуни низоми судии он даврахо, ки Суди олии ҶШС Узбекистон тобеъ буд, таҳлил шудааст.

## Features Of The Judiciary Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic

***Keywords*: *Qazi courts, a special national judge of the Labour Court, the Chief Court, special courts, the district courts, the Supreme Court Tajik branch of the Uzbek Soviet Socialist Republic, the People's Courts.***

The questions of the formation of the Soviet judicial system in Tajikistan from 1924 to 1929. The theoretical and practical aspects of the various parts of the judicial system, which at the time were subject to the Supreme Court of Uzbekistan.

## Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқӣ - иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ

🗁

**Сафаров И.Д.**[*]

***Вожаҳои калидӣ:*** *мафҳум, ҷомеаи шаҳрвандӣ, конститутсия, президент, таърихи инкишоф*

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди қабули Конститутсияи соли 1994 самти тараққиёти демократикунонии ҷомеа ва бунёди давлати ҳуқуқбунёдро, ки таҳкурсии онро ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ташкил медиҳад, интихоб намудааст. Сарвари давлат борҳо дар баромаду маърӯзаҳояш аз тарзу усулҳои бунёди давлати ҳуқуқӣ ва моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити ҳозираи рушди Давлатдорӣ сухан кардааст. Чунончӣ, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 30 апрели соли 2007 оид ба роҳҳои таҳкими қонуният дар

---

[109] ЦГА РТ. ф.386, оп.1, д.89, л.192.

[110] Там же. д.196, л.68.

[*] *Сафаров И.Д.* - дотсенти кафедраи Ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳукуки факултети № 1 Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмхои ҳуқуқ.

давлати хукукбунёд ибрози назар намуда, қайд кардаанд, ки «таҳкурсии чунин давлатро ҷомеаи мутамадцини шаҳрвандӣ ташкил медиҳад, ки он аз одамони озод, баробарҳуқук, соҳибмаърифат ва эҷодгару ташаббускор иборат аст.»[111] Сарвари давлат дар ин ишораи мухтасар таркиби ҷомеаи шаҳрвандиро хотирнишон кардаанд, ки он аз шаҳрвандони ба маънои томаш фаъол иборат мебошад.Ин ҷо як масъалае ҳаст, ки дарҳол зикр кардан зарур аст.Ҷомеаи ғайришаҳрвандӣ дар асл вуҷуд надорад, ҳама гуна ҷомеаҳо дар ҳама манотиқи олам аз шаҳрвандон таркиб меёбад.Яъне мафхуми ҷомеаи шаҳрвандӣ хусусияти шартию рамзӣ гирифтааст.

Мафхуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ" бори аввал дар асри XVII аз ҷониби олимони файласуф Т. Гротсий ва Т. Гоббс истифода шудааст. Онҳо ин мафҳумро барои ифодаи инкишофи таърихии ҷомеаи инсонӣ, гузариши инсон аз ҳолати табиӣ ба ҳолати мутамаддин истифода бурдаанд. Баъдтар бисёр донишмандон тавассути он мазмунҳои гуногунро фаҳмонида, онро инкишоф додаанд. Дар аввал мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ аз мафхумҳои "давлат" ё "ҷомеаи сиёсӣ" чандон тафовут надошт. Аммо дар ягон макону замоне "ҷомеаи шаҳрвандӣ"-ро ба маънии "давлат" истифода набурдаанд. Асосан ин ду мафҳум дар муқобили якдигар истифода шудаанд.

Мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ"-ро аслан, мутафаккироне мавриди истифода қарор додаанд, ки ҷонибдори таълимоти "шартномаи ҷамъиятӣ" ва "ҳуқуқи табиӣ" буданд. Асоси онро озодии ирода ташкил мед од. Одамон иттиҳодияи сиёсиро бо хоҳиши худ таъсис дода, ба он итоат менамоянд. Мутафаккирони пешин бар андешае буданд, ки ҳар гуна мутлақгардонии ҳокимият маънои инкори ҷомеаи шах,рвандиро дорад, чунки он ба зӯрӣ асос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, истифодаи мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ" таърихи тӯлонӣ дорад. Ҳарчанд ки чандон хосияти мушаххасро пайдо накарда бошад ҳам, дар идроки ҳозиразамони мафҳум ва моҳияту хусусиятҳои он кӯмак намудааст.

Ташаккули таълимот ва тарҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки маҳсули афкори мутафаккирони замонҳои гуногун аст, ба анъанаи бузурги инкишофи ақлонӣ такя менамояд. Дар ташаккули афкору таълимоти ҷомеаи шахрвандӣ халқҳо, кншварҳо ва минтақаҳои гуногун саҳм гирифтаанд.

Таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ба анъанаи аврупоию баҳримиёназаминӣ асос ёфтааст. Он аз Юнони қадим оғоз ёфта, дар даврони Интибоҳ (Ренессанс) комил мегардад.

Яке аз мутафаккироне, ки дар дунёи қадим ба масъалаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дахл намудааст, Афлотун буд. Ӯ дар рисолаи "Давлат" оид ба моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ андеша баён намудааст. Ба назари Афлотун асоси ҷомеаи шаҳрвандиро қонеъ гардониданй талаботу манфиатҳои одамон ташкил медиҳад. Ӯ ҷомеаи шаҳрвандиро ба масъалаи дигар - тақсими меҳнат дар байни аъзоёни иттиҳодияи муташаккили сиёсӣ пайваст менамояд. Тақсими меҳнат, ки Принсипи асосии ташаккули давлат аст, дар тақсими аҳли ҷомеа ба 3 табақа: ҳокимон-файласуфон, ҷанговарон ва хунармандон мушахасс гардонида мешавад.

Ба табакаҳои иҷтимой чудо намудани одамон ва ба меҳнате, ки талаботро қонеъ мегардонад, Афлотун соҳаеро чудо месозад ва он баъдтар "ҷомеаи шаҳрвандӣ" ном гирифтааст.

Дар Юнон ва Рими қадим инчунин оид ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, моҳияту хусусиятҳои он дар идеяҳо роҷеъ ба полиси Арасту, ҷомеаи шаҳрваидии Ситсерон ва ғояҳои хукуқи табиӣ намудор мгарданд. Онҳо мафҳумҳои "ҷомеаи шаҳрвандӣ" ва "ҷомеаи сиёсӣ" (давлат)-ро ҳаммаъно меҳисобиданд. Кулли муҳаққиқони наэарияи сиёсии давраи қадим бар он ақидаанд, ки мутафаккирон мафхуми "сиёсӣ"-ро нисбати ҳамаи соҳаҳои ҳаёт истифода менамоянд. Мафхуми "сиёсат" оила, дин, маориф,

---

[111] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 30 апрели соли 2007 // Садои мардум. – 2007.- 1 май.

маданият ва ғайраро фаро мегирад. Аъзои ҷомеаи сиёсӣ будан маънои шаҳрванд - аъзои давлатро дорад. Шахс новобаста аз хоҳишаш тамоми қоидаҳо ва низоми мавҷударо риоя менамояд.

Баъдтар анъанаи замони Юнони бостонро дар сатҳи комилтаре Н. Макиавелли инкишоф додааст. Таълимоти Н. Макиавелли аз сохтор ва муносибатҳои шаҳр - ҷумхуриҳои итолиёвии замони Эҳё маншаъ мегирад.

Н. Макиаввели се арзишн пурқимати ҷомеаи шаҳрвандиро ошкор месозад: сулҳ ва амнияти шаҳрвандон; истифода ва роҳат ёфтан аз маводҳо ва боигариҳои хеш: ҳуқуқи ҳар кас ба эътиқод ва ҳимояи он.

Решаҳои таьрихӣ, анъанаи аврупоиву баҳримиёназаминӣ ба анъанаи хоси аврупоӣ, ки аслан дар зери таъсири тамаддуни немисӣ инкишоф ёфтаанд, пайваст мегардад. Шаҳрванди озод ташаккул ёфт. Аз бисер ҷиҳат онро ба пайдоиши гилдияҳо, ки яке аз шаклҳои аввалини иттиҳодияҳои ҳунармандон ва савдогарон аст, вобаста медонанд. Гилдияхо шакли аввалини ассотсиатсияҳое мебошанд, ки дар идораи шаҳрҳо бештар таъсир доштанд.

Дар тамаддуни немисӣ дар «ҷомеаи шаҳрвандй» омӯзиши Гумболдт назаррас аст. Ӯ оид ба паҳлӯҳои мухталифи масъала ибрози андеша намудааст. Аммо хулосаҳои ӯ бештар нисбати муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қобили таваҷҷӯҳанд. Ӯ диққати асосиро ба тафовути байни онҳо ҷалб менамоянд. Дар асараш "Таҷрибаи таъсиси ҳудуди фаъолияти давлат" мутафаккир ба таносуби инсон, шахсият ва муносибаташон ба давлат андешаҳои пурқимат бае'н менамояд. Ба андешаи Гумболдт тафовути асосии байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро 3 ҷиҳат ташкил медиҳанд: системаи муассисаҳои миллӣ ва ҷамъиятӣ, ки аз поён тавассути фаъолияти одамон ташаккул меёбанд ва инчунин системаи институтҳои давлатй; ҳуқуқи табиӣ, умумӣ ва ҳуқуқи позитивӣ, ки давлат интишор менамояд; низоме, ки "инсон" ва "шаҳрванд"-ро фаро мегирад.

Гумболдт ба андешаи муҳим меояд, ки таълимоти сиёсию ҳуқуқии онро ташкил медиҳад: "сохти давлатӣ мақсади асосӣ набуда, фақат воситаест барои инкишофи инсон". Мутафаккир талаботу манфиатҳои инсонро дар мадди аввал мегузарад. Давлат фақат воситаест, ки дар қонеъ гардонидани галаботи инсон нақши асосӣ дорад.

Гумболдт моҳияту хусусиятҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ба пуррагӣ нишон надодааст. Аммо саҳми ӯ дар омӯзиши масъала ҷиддист. Гузориши масъала маҳсули афкори ӯст ва вақте ки масъала ба миён гузошта шудааст, дер ё зуд ҳалли худро меёбад. Ҳамф тавр, ҳам рух дод. Мутафаккирони баъдӣ тавонистанд, ки масъаларо то ба сатҳи зарурӣ омӯзанд ва асрори онро ошкор созанд.

Дар омузиши ҷомеаи шаҳрвандӣ олими бузурги олмонӣ Гегел саҳми босазое гузоштааст. Барои мутафаккир ҷомеаи шаҳрвандӣ шароити моддии ҳаёт ва маҳсули зарурати табиӣ ба ҳисоб меравад. Одамон тавассути манфиатҳои моддиашон пайваст мегарданд. Гегел ҷомеаи шаҳрвандиро бештар дар асараш «Фалсафаи ҳуқуқ» мавриди таҳлил қарор дода, онро бо давлат вобаста мегардонад. Ӯ ҳам оила ва ҳам ҷомеаи шаҳрваидиро аз давлат афзалтар медонад. Воқеан, Гегел давлатро афзалтар ҳисобида, қайд менамояд, ки давлат фақат дар доираи оила, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишоф меёбад, амал менамояд.[112]

Дарвоқеъ, Гегел яке аз аввалинҳо шуда ҷомеаи шаҳрвандиро аз давлат ҷудо ҳисобида, мустақилияти ҷомеаи шаҳрвандиро эътироф менамояд. Аз ҷониби дигар, ақида дорад, ки ҷудоии байни онҳо шартӣ буда, дар ҳар сурат ҷомеаи шаҳрвандӣ қисми таркибии давлат боқӣ мемонад. Чунин муносибат бештар ба он ақидаи мутафаккир вобастааст, ки давлатро «иродаи худо» медонад. Хама чизи дигарро

[112] Ниг.: *Гегел Ф.* Философия права. – М: Л., 1934. – С. 262

вобаста ба мақоми давлат шарҳу эзоҳ медиҳад. Яъне дар ҳар сурат давлатро нисбати ҷомеаи шаҳрвандӣ авлотар меҳисобад.

Гегел ҳатто давлатро «ҷисми сиёсӣ» номида, онро ба ҷомеаи шаҳрвандӣ муқобил мегузорад. Аммо дар баробари ин фаҳми маҳдуди «давлатӣ сиёсӣ» низ дар фалсафаи ҳуқуқ вомехӯрад. Давлати сиёсӣ ба мақомоти қонунбарор, ҳокимиятӣ иҷроия ва ҳокимияти подшоҳ тақсим мегардад. Дар чунин сурат муносибатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва институтҳои он ҳамчун «контрагентҳои» давлат амал менамоянд. Аз ин ҷост, ки ба ҳам муқобил гузоштани давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби Гегель дастгирӣ намеёбад. Гегель ҷомеаи шаҳрвандиро домани фаррохи муборизаҳои манфиатҳои инфиродӣ ва хусусӣ медонад. ҷомеаи шаҳрвандӣ заминай асосие ба ҳисоб меравад, ки одамон ба таври воқеӣ вуҷуд доранд. Ин алоқамандии шахсони мушаххас буда, хосияти феълӣ дораду халос. Ҷиҳати мазкурро Гегел ба сифати принсипи ҷомеаи шаҳрвандӣ медонист.

Ба андешаи мутафаккир, чомеаи шаҳрвандӣ аз мухолифатҳо ва зиддиятҳо холӣ нест. Дар «ҷомеаи шаҳрвандӣ"-и Гегел муносибатҳои моликияти хусусӣ ҳукмфармост ва он аз рӯи зарурат аст.. Нобарории одамон хосияти табиӣ дорад. Ӯ озодии моликияти хусусиро шарти зарурии рушду нумӯи ҷомеаи шаҳрвандӣ медонад. Агар моликияти хусусӣ мавҷуд набошад, оиди озодии шахе низ ҳоҷати андеша нест. Яъне моликияти хусусӣ меъёр ва кафили озодии одамон аст.

Гегел мавҷудияти моликияти хусусиро шарти зарурӣ ва яке аз принсиҳои чомеаи шаҳрвандӣ медонад. Инчунин саҳми ӯ дар мушаххас гардонидани дарки принсипҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ кам нест. Аз ҷумла, Гегел озодии шахсӣ; расмият ва бохабарии умумӣ; озодона ташаккул ёфтани афкори чамъиятӣ; риоян одилона ва қатъии қонунҳоро принсипҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ медонист.

Гегел ба мақоми корлоратсияҳо дар ҳаёти ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳамияти хоса додааст. Корпоратсияҳо институтҳое мебошанд, ки бештар диққатро ҷалб намудаанд ва онҳоро мутафаккир амиқ ва ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор додааст. Корпоратсияҳоро ячейкаи асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ меномад.

Аз ҷониби дигар, Гегел ба масъалаҳои муҳими ҷомеаии шаҳрвандӣ, аз чумла ба нақщи ҳизбҳои сиёсӣ ва намояндагии ҳизбӣ дар мақомоти ҳокимият чандон диққат надодааст. ӯ намояндагии ҳизбӣ дар ҳокимиятро ҳодисаи тасодуфӣ шуморида, дар амал ҷонибдори намояндагии корпоративӣ баромад намуда, онро асоси муносибатҳои байниҳамдигарии чомеа ва давлат медонад.

Дар таълимоти Гегел нақши инсон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ барҷаста намоён гаштааст. Инсон, ки аъзои ҷомеаи шаҳрвандист, иисбати он дар муносибати мутақобила қарор дорад. Нисбати ҷомеа масъулият ва ӯҳдадориҳои зиёде дорад ва дар паи иҷрои он аст. Аз ҷониби дигар, ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар назди шахе масъулияти зиёд бар душ мегирад. Пеш аз ҳама бояд ҳуқуқҳои инсон эътироф ва эҳтиром карда шаванд.

Назариётчиён - саромадони таълимоти диалектикаи материалистӣ дар боби ҷомеаи шаҳрвандӣ андешаҳои зиёд иброз доштаанд. Онҳо масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандиро бо масъалаҳои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи навин пайваст менамуданд. Карл Маркс амиқ дарк намуда буд, ки тадқиқоти масъалаҳои мухталифи давлат бояд дар заминай таҳлили ҷомеаи шаҳрвандӣ ба амал оянд. Зеро на давлат ҷомеаро, балки чомеа давлатро ташаккул ва инкишоф медиҳад. Назари Маркс дар асосҳои муносибати синфӣ нисбати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд омадааст. Ӯ ҷомеаи шаҳрвандиро ҷомеаи ҳимояи манфиатҳои хусусӣ, ҷомеае, ки ба манфиатҳои соҳибони моликият ва синфи доро хизмат менамоянд, маънидод кардааст. Яъне назари Маркс ба ҷомеаи шаҳрвандӣ инъикоси ҳамон моҳияту хусусиятҳои давлатест, ки дар заминай он ташаккул ва инкишоф ёфтааст. Ин маъниро Фридрих Энгельс дар мақолаи «Карл Маркс» равшан нишон медиҳад. Ба андешаи Ф. Энгельс, К. Маркс «Фалсафаи ҳуқуқ» -и Гегелро мутолиа ва таҳлил намуда, ба хулосае омад, ки на

давлат, балки «ҷомеаи шаҳрвандӣ» соҳаест, ки дар он сирри инкишофи таърихии инсоният ниҳон аст[113].

Ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле васеъ аст. Он аз соҳаҳои гуногун таркиб меёбад ва унсурҳои гуногун, аз ҷумла, иқтисодиёт, фарҳанг, идеология ва харакатҳо (иттиҳодияҳо) -и ҷамъиятиро фаро мегирад. Давлати сармоядориро Маркс воситаи ҳимояи манфиатҳои синфи ҳукмрон ва табақаҳои доро медонист. Дар чунин давлат ба сифати шаҳрванд синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии доро мақом доранд. Беҳуда нест, ки дар забони олмонӣ мафҳумҳои «сармоядор» ва «шаҳрванд» муродифи якдигаранд. Давлати сармоядорӣ монеаи рушди шахе гашта, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат фақат дар ҷамъияти коммунистӣ, ҷомеае, ки дар он инкишофи озодонаи ҳар шахе ҳамчун шароити инкишофи ҳама гуна ҷомеа дониста мешавад, имконпазир аст.

Масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандиро марксистони баъдина низ мавриди тадқиқот қарор додаанд. Бештар андешаҳои А. Грамши диққатҷалбкунандаанд. Ӯ бештар ба 3 қисмати асосии ҷомеаи шаҳрвандй таваҷҷӯҳ эоҳир менамояд: иқтисодӣ, сиёсӣ ва шаҳрвандӣ. Он қисматҳое, ки дар маҷмӯъ вазифаҳои зӯроварӣ ва ҳукмфармоии бевоситаро ташкил менамоянд, ҷомеаи сиёсй меномад. Ба он мақомоти ҳарбӣ, ҳуқуқӣ ва корҳои дохиларо ворид месозад. У иқрор аст, «ҷомеае, ки фақат аз ҳифзи низоми ҷамъиятй ва риояи қонунҳо» таркиб ёфтааст, дар амал вуҷуд надорад.

Анъанаи либералии англо-амрикой ба сифати манбаи ташаккули таълимоти ҷомеаи шаҳраандӣ аз ҷониби зумрае аз мутафаккирони тамаддуни мазкур баён ёфтаанд. Ҷ. Локк, А.Смит, Т.Пейн дар ташаккулу инкишофи таълимоти ҷомеаи шаҳрвандй саҳми босазо доранд. Андешаҳои Ҷ. Локк бахусус арзиши муҳим доранд. Ӯ тавонистааст, ки ба таври барҷаста хосият ва асосҳои ҷомеаи шаҳрвандиро нишон диҳад. Зеро мутафаккир, ки ба сифати асосгузори ҷараёни либерализм эътироф гардидааст, бори аввал мақоми шахсро аз ҷомеа ва давлат боло гузоштааст. Озодиро арзиши олй меҳисобад. Озодиро ба маънии дахолат накардан ба ҳаёти шахе аз берун ва махсусан, аз ҷониби давлат дар назар дошта буд. Одамон, ки соҳибақланд, байни худ ба муоҳида меоянд, яъне ҷомеаи шаҳрвандиро бунёд месозанд. Дар навбати худ ҷомеаи шаҳрвандӣ таркиботи муайянро байни шахе ва давлат ташаккул медиҳад, ки мураттаб ва ба низом овардани муносибатҳои ҷамъиятй ба фаъолияти онҳо пайвастааст. Дар саромади озодии инсон ва кафили мустақилияти сиёсии он моликияти хусусй қарор дорад.

А.Смит бошад, моҳият ва хусусиятҳои ҷомеаи шаҳрвандиро тафсир намуда, диққатро бештар ба равандҳои модернизатсионӣ ва худмувофиқшавӣ дода, онҳоро унсурҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ донистааст. Андешаҳои А.Смит дар бораи зарурати бартараф намудани дахолати давлат ба соҳибкории хусусй, оэодӣ ба ташаббуси хусусй, норавоии ҳар гуна наэорати давлат аз рӯи озодии иқтисодии инфирод ва ғайраҳо дар инкишофи муносибатҳои бозории молию пулӣ нақши асосӣ бозиданд. Онҳо инчунин заминай ҷомеаи шаҳрвандие гаштанд, ки моликияти хусусй, иқтисодиёти бозаргонӣ ва мустақилияти иқтисодии одамон талабҳои асосии онанд.

Т. Пейн таълимоти давлати ақаллиятро пеш гузоштааст, ки ба маънии ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода гардидааст. Мавҷудият ва инкишофи мутассили ҷомеаи шаҳрвандӣ нақш ва мақоми давлатро дар ҷомеаи инсонй паст мезанад. Давлат ба сифати института иртиҷоии системаи сиёсй ё худ бадии зарурй дониста мешавад.

Дар замон ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷомеаи сармоядорӣ пайдо шудааст. Пайдоиш ва инкишофи он ба ташаккули шаҳрванд пайваст аст. Яъне симои маркаэии ҷомеаи шаҳрвандиро шахсе ташкил медиҳад, ки хешро аъзои комили ҷомеа шуморида, аз маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳо бархурдор буда, дар назди ҷомеа барои рафтору кирдор ва фаъолияташ масъул аст. Шахсияти аз ҷиҳати ҳуқуқй озод фақат дар ҳолати ҷудо гаштани ҷомеаи шаҳрвандӣ аз давлат ташаккул мeёбад. Чунин ҳолат бошад, дар

---

113 Ниг: *Маркс К., Энгельс Ф.* Соч. Т. 16. – М., 1974. – С. 378-379.

раваиди аз байн рафтани нобаробариҳои табақавӣ ва ғайридавлатӣ гардонидани муносибатҳои ҷамъиятӣ муяссар гардидааст. Раванди мазкурро ташаккули мақомоти намояндагии давлат ифтитоҳ бахшид. Зарурати ба таври қонунӣ эътирофи баробарии одамон бо бархӯрд аз ҳуқуқу озодӣҳо ба миён омад. Чунин зарурат боиси ба ҳолати сифатан нав расидани аҳволи иҷтимоии шахе гардид.

Дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсиси иттиҳодияҳои мустақили одамон дар шаклҳои гуногун нақши асосӣ бозиданд. Иттиҳодияҳои мухталиф баҳри ҳимояи манфиатҳои одамон омода буданд. Амали воқеии ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқӣ, аз қабили Билл дар бораи ҳуқуқҳо дар Англия ва ИМА ва ҳуҷҷати барномавии Инқилоби бузурги франсавӣ - «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд» оғоз гардида буд. Ғояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Эъломияи истиқлолияти ИМА (1776) ба таври муфассал ва барҷаста таҷассум ёфтаанд. Дар он нақши муайянкунандагии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба тариқи зайл нишон дода шуда буд: ҳамаи одамон аз азал қуқуқи баробар ба ҳастӣ, озодӣ, мустақилият, моликият, ба хушбахтӣ ва амният доранд; халқ - манбаи ҳокимият мебошад ва истиқлолият ба он таалluқ дорад, ҳукумат бошад, изматгори халқ аст; тамоми ҳокимияти давлатӣ бояд дар асоси манфиатҳои халқ амал намояд, агар Ианфиатҳоро халалдор намояд, дар он сурат халқ ҳақ дорад ҳукумати ба ӯ номувофиқро нобуд созад.

Ҳарчанд ки раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ муддати зиёде идома дошт, аммо тарҳи классикии он дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX бунёд гардид. Асоси онро либерализм ташкил медод, ки ғояҳои асосӣ аз чунин андешаҳо таркиб ёфта буданд:

- ҳамаи. одамон соҳиби ҳуқуқу озодиҳои табиӣ буда, ба ҳам баробаранд. Ҳеҷ гуна мансубиятҳо ҳуқуқу озодиҳои онҳоро халалдор карда наметавонад. Табиати инсон тағйирнопазир аст. Одамон ба ақл такя намуда, ҷомеаи мавзуне бунёд месозанд, ки ба адолат асос ёфта, ба ҳам ба ризоият омада тавонанд.

- давлайфафили ҳуқуқҳои табиии инсон, воситаи амалнгардии ҳуқуқҳои он мегардад ва ба ҳаёти шахсии шаҳрванд ба ҳеҷ баҳонае дахолат наменамояд. Давлат ва инсон дар муносибат ба якдигар масъуланд ва салоҳияти хоса доранд.

Ҳамин тавр, таърифи муфассали ҷомеаи шаҳрвандиро олими маъруфи сиёсатшинос Г.Н. Зокиров додаст, ки ба тариқи зайл мебошад: *«Ҷомеаи шаҳрвандӣ - ин маҷмӯи муносибатҳо ва таркиботи байнишахсӣ, оилавӣ ҷамъиятию щтисодӣ, маданӣ, динӣ ва гайра буда, берун аз тобеияти давлат ва бе дахолати давлат инкишоф ёфта, барои худамалишавии одамон шароит муҳайё менамояд.»*[114]

Ба сифати манбаи мустақили таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ назария ва амалияи сотсиал - демократа баромад менамояд.

Дар рафти инкишофи таърихӣ тарҳи классикии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси ғояҳои либералӣ боиси ба вуқӯъ омадани силсилаи бузурги тағйироти ҳаёт ва муносибатҳои ҷамъиятӣ гардид. Афзалиятҳои табақавӣ аз байн бардошта шуданд, тақсимоти ҳокимияти давлати ба шохаҳои мақомоти қонунбарор, иҷроия ва адолати судӣ ба амал омад. Тадриҷан кафолати ҳуқуқии озодии сухан, озодии виҷдон, маҷлисҳо ва иттиҳодияҳо ташаккул ёфта, ба рукни зарурии ҷомеаи мутамаддин табдил ёфтанд. Баробарии шаҳрвандон дар назди қонун амри воқеӣ гардиданд. Ташаккулу инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асосҳои либералӣ фақат аз амалҳои мусбату самарабахш таркиб наёфтаанд. Инчунин як қатор раванду ҳодисаҳое низ воқеӣ гаштанд, ки аслан хосияти иртиҷоии онҳо дар инкишофи таърихӣ чандон пӯшида нестанд. Инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ боиси ба ду қисмати бузург -дороён ва камбағалон чудо гаштани одамон гардид. Аҳволи моддии заҳматкашон тадриҷан бад гардид. Ҳуқуқу озодиҳои одамон бештар хосияти

---

[114] *Зокиров Г. Н.* Ҷомеаи шаҳрвандӣ. – Душанбе : Андеша, 2001. – С .12

феълӣ пайдо намуданд, Раванди бегонашавии мардум аз ҳокимият авҷ гирифт. Ҳокимияти воқей бошад, дар дасти қисми бою начандон калони ҷомеа ҷамъ омад.

Тадриҷан доираҳои ҳукмрони Аврупои Ғарбӣ аз ғояҳои соҳибихтиёрӣ халқӣ, тантанаи хирад ва муносибатҳои мавзуни ҷомеа дур шуданд. Акнун ғояи баробарии иҷтимоӣ ҳамчун «баробарии имкониятҳо» маънидод карда мешуд. Кӯшишҳои шахсият барои боигарии номаҳдуд ҳақ бароварда мешуд.

Дар натиҷаи тазодҳо ва муқовиматҳо, ки оқибати бархӯрди манфиатҳоянд, дар инкишофи ҷомеа таъсири унсурони мухталифи системаи сиёсӣ, аз қабили институтҳои сиёсӣ ба вуқӯъ омаданд. Иттиҳодияҳои ихтиёрии ҷамъиятию сиёсии хосияти чапдошта ташаккул ёфтанд. Яке аз зуҳуроти он таъсису инкишофи ҳаракати сотсиал-демократӣ ба ҳисоб меравад. Ҳаракати мазкур, ки аксари кишварҳои аврупоиро фаро гирифта буд, ҳоло ҳам дар кулли кишварҳои мутамаддини олам таъсиру эътибори хосае касб намудааст. Чунин аҳвол исботи он аст, ки ташаккулу инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ғояҳо, таълимот ва воқеияти сотсиал-демократӣ баҳра мебардорад. Беҳуда нест, ки аксари муҳаққиқон асосҳои ғоявии инкишофи ҷомеаи шаҳрвандии муосирро дар таълимоти либералӣ ва сотсиал-демократии муосир меҷӯянд.

Ҳаракати сотсиал-демократӣ мақсади бунёди ҷомеаеро дорад, ки ба принсипҳои баробарии иҷтимоӣ, озодии инфиродӣ, адолатнокӣ ва ҳамраъӣ асос ёфтааст.Тағйироти қатъии эволютсионӣ, ки сотсиал-демократҳо онро ҷонибдоранд ва воситаю тарзи ҳалли масъалаҳост, тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегаранд. Тагйироти куллӣ асосҳои иқтисодии тарзи классикии ҷомеаи шаҳрвандиро низ фаро гирифтаанд. На танҳо инкишофи моликияти хусусӣ, балки рушду нумӯи шаклҳои мухталифи моликияти дастаҷамъӣ хосияти асосии иқтисодиёти кишварҳои мутамаддини оламро ташкил медиҳанд.

Дар аксарияти кишварҳои олам шаклҳои гуногуну омехтаи моликият мавҷуданд. Зарурати ҷамъиятӣ инҳисори мутлақи шакли муайяни моликиятро истисно менамояд. Бисёрукладии истеҳсолот ва гуногуншаклии моликият таҷассуми муносибатҳои ҳукмрони ҷамъиятист.

Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929-1933 ғояҳои либерализмро дар бораи нораво будани дахолати давлат ба фаъолияти соҳибкории хусусӣ барбод дод. Беҳуда набуд, ки баьдтар Ҷон Кейнс гояи зарурати батартибандозии давлатӣ ва қисман маҳдуд намудани соҳибкории хусусиро ба миён гузошт.

Афкори сотсиал - демократӣ дар мазмуни ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши сиёсатро фаъол мешуморад. Сиёсат тавассути муносибатҳои ҳокимият вориди ҳаёти ҷамъиятӣ мегардад ва ба он муттассилӣ муҳайё сохта, чеҳраи ҷомеаи шаҳрвандиро мураттаб мегардонад.

Яке аз намояндагони барҷастаи ҳаракати сотсиал-демократӣ И. Шумпетер бар андешаест, ки давлат бояд дар таъмини фаъолияти институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пайваста зухур дошта бошад. Давлат кафили идораи демократа гашта, нагузорад, ки қисме аз унсурони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба нерӯи иртиҷоӣ табдил ёбанд. Аз ин хотир, сотсиал-демократҳо ҷонибдори батартибандозии ҳатмии давлатии равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мавҷудияти сатҳи ақалли кафолатнокии рӯзгузаронӣ, суғуртаи одамон, молу амвол ва ғайра мебошанд.

Дар бораи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таърихи афкори сиёсӣ андешаҳои зиёд мавҷуданд. Ғояҳои таълимоти гуногун қариб тамоми масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандиро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Онҳо гуногунмазмун буда, хосиятҳои асосии зеринро ба худ касб намудаанд:

-ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замон бо бартараф намудани ҳудудҳои қатъии сохти табақавӣ баробар аст. Ё худ ташаккулу инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо раванди ташаккули муносибатҳои истеҳсолии сармоядорӣ ҳамзамон аст. Ба таври махсус қайд намудани ҳолатҳои мазкур ба он маънист, ки бунёди

ҷомеаи шаҳрвандиро аз ҷомеаи сармоядорӣ ибтидо медонанд ва моли тамаддуни сармоядорй меҳисобанд;

- ҷомеаи шаҳрвандӣ бо давлат дар пайвастагии ногусастанӣ арзи ҳастӣ дорад ва дар зиддияти доимӣ қарор гирифтааст. Ё худ ягонагии диалектикии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз хосиятҳои асосии гаълнмот ё ғояҳои марбути ҷомеаи шаҳрвандӣ дониста мешавад;

- шаклҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиягӣ аз ба низом овардани қоидаҳои сиёсӣ дар канор мондаанд. Ҳар он чи ки аз доираи нуфузи давлат берун аст, хоси ҷомеаи шаҳрвандист. Аз ҷумла, шаклҳои мухталифи умумиятҳои иҷтимоӣ; синфҳо, табақаҳо ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои мухталифу зиёди ҷамъияпӣ, харакатҳои мардумӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, оила, мактаб, дин, санъат ва ғайра;

-ҳаёти хусусии одамон. Аслан он ҷиҳатҳоеро фаро мегирад, ки рафтору ||ирдори одамон ҳоло хосияти ҷамъиятӣ пайдо накардаанд. Ҳар амале ба вуқӯъ мепайвандад, ки аслан хосияти инфиродӣ дошта, ба доираи васеи муносибатҳо кашида нашудаанд;

- ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шаклҳои мухталифи моликият, моликияти хусусӣ, дастаҷамъӣ ва иқтисодиёти бисёрукладӣ асос меебад. Ҳолати мазкур бунёди иқтисодии онро мураттаб мегардонад. Вазъияти иқтисодии ҷомеаи шаҳрвандиро давлат тавассути методҳои иқтисодӣ, ки дар низоми сиёсию ҳукуқӣ таҷассум гардидааст, ба тартиб меорад;

- идораи ғайрисиёсӣ, худидорӣ. Раванди худидорӣ аҳамияти хоса пайдо менамояд. Он фақат доираи поёнии ҷомеаро фаро нагирифта, ҳолатҳои мухталифи инкишофи ҷомеа, аз ҷумла мақомоти болоиро низ дар бар мегирад;

- дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз рӯи зарурат, шахсияти инсон аҳамияти бештар пайдо менамояд. Инсон аз шахси фурӯтану ғуломтабиат ба шахси озоду боҳуқуқ ба шаҳрванд табдил меёбад. Он сатҳи баланду зарурии комилияти шахе ба ҳисоб меравад. Шахе на танҳо соҳиби ҳукуку озодиҳои комил, балки дорой масъулиияти баланд аст;

- ҷомеаи шаҳрнандӣ тавассути низому ҳокимият ва бештар шакли сиесӣ ва иқтисодии ҳокимият ва таркиби шуури ҷамъиятӣ воситаи иловагии ҳокимият ва дар баъзе ҳолатҳо воситаи маҷбурнамоию фишороварӣ ба шахс мегардад.

## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ СОЦИАЛЬНО-ПРАВОВОГО ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА

***Ключевые слова:*** *понятие, гражданское общество, конституция, президент, история развития*

В статье предпринята попытка раскрыть сущность положений, связанных с формированием гражданского общества в Республики Таджикистан, в частности, возможность решения социально-политических вопросов.

## THE CONCEPT AND ESSENCE OF SOCIO-LEGAL CIVIL SOCIETY

***Keywords:*** *concept, civil society, the constitution, the president, the history of the society*

The paper attempts to reveal the essence of the provisions related to the formation of civil society in the Republic of Tajikistan, in particular, the ability to address socio-political issues.

**О НЕОБХОДИМОСТИ СОТРУДНИЧЕСТВА С МЕЖДУНАРОДНЫМИ И НЕПРАВИТЕЛЬСТВЕННЫМИ ОРГАНИЗАЦИЯМИ В БОРЬБЕ С ТОРГОВЛЕЙ ЛЮДЬМИ**

**Насуров П.А.***

***Ключевые слова:*** *торговля людьми, организованная преступность, конвенция, кодекс, международные организации, неправительственные организации*

> *«За 400 лет более 12 миллионов человек были насильственно переправлены через океан для рабства в обеих частях Американского континента. Если верна сегодняшняя статистика, согласно которой ежегодно 700 000 человек незаконно перемещаются через границы и продаются в рабство, то нам понадобится всего лишь 20 лет для того, чтобы сравняться с этим показателем»[115].*

Одной из глобальных проблем XXI века, вызывающей растущее беспокойство мирового сообщества несомненно является проблема торговли людьми. Торговля людьми - это проявление рабства в современных условиях. На теневом рынке данное преступление занимает третье место по прибыльности после наркобизнеса и незаконного оборота оружия. Как правило, она осуществляется в целях различных форм эксплуатации и сопровождается грубейшими нарушениями основных прав человека. Осознавая опасность, которую несёт в себе торговля людьми, мировое сообщество в целом и отдельные страны предпринимают серьезное шаги, направленные на решение этой проблемы.

Огромные изменения, которые произошли в Республике Таджикистан после приобретения ею независимости, привели с одной стороны, к возможности пользоваться большей свободой и открытостью в обществе, а с другой стороны, эти изменения привели к гражданской войне, миграции населения, незаконному обороту наркотиков и сопровождающими их криминальными, социальными, и прочими негативными последствиями. Одним из таких последствий стала торговля людьми. Это потребовало принятия своевременных и адекватных, в том числе уголовно-правовых мер противодействия данному общественно опасному явлению.

Знаменательным событием в этом плане явилось введение в Уголовный кодекс Республики Таджикистан статьи $130^1$ , которая прямо предусматривает ответственность за торговлю людьми.

Введение данной статьи в Уголовный кодекс Республики Таджикистан вызвано тем, что нашей республикой были взяты на себя обязательства криминализировать данное деяние в силу подписанных международных актов, среди которых , в частности, Конвенция против транснациональной организованной преступности и дополняющий ее Протокол о предупреждении, пресечении и наказании за торговлю людьми, особенно женщинами и детьми. Этот документ на высшем международном уровне определил обязанности государств по противодействию торговле людьми.

Указанная Конвенция и дополняющие протоколы к ней 15 декабря 2000 года была подписана и в 2002 году ратифицированы Республикой Таджикистан.

Республика Таджикистан осознаёт транснациональный характер преступлений, связанных с торговлей людьми. В связи с этим, в главе 6 Закона Республики Таджикистан

---

* *Насуров П.А* – начальник кафедры Административного права и административной деятельности Академии МВД Таджикистана, кандидат юридических наук, подполковник милиции.

[115] *Г-жа Ндиоро Ндиайе Заместитель Генерального директора Международной организации по миграции.*

«О борьбе против торговли людьми» законодатель предусматривает международное сотрудничество  Республики в этом направлении[116]. Согласно ст. 21 данного закона «Республика Таджикистан и ее компетентные органы в соответствии с нормами и принципами международного права сотрудничают в вопросах борьбы против торговли людьми с иностранными государствами и их компетентными органами, а также с международными организациями, осуществляющими борьбу против торговли людьми и содействуют защите прав жертв торговли людьми».

Значительный вклад в деле противодействия торговле людьми, на ряду с государственными органами, вносят международные и неправительственные организации. Большое количество проектов по противодействию торговле людьми (информационные компании в средствах массовой информации, тренинги, конференции, буклеты т.г.д.) были реализованы данными организациями, что соответственно повысило осведомленность населения.

Одной из таких международных организаций, которая занимается данной проблемой является Бюро Организации по Безопасности и Сотрудничеству в Европе (далее ОБСЕ) в Таджикистане. Данной организацией в этом направлении была проведена колоссальная работа. В частности, одним из таких масштабных проектов явилось включение в учебную программу Академии МВД Республики Таджикистан отдельного спецкурса  по «Противодействию торговле людьми». Координаторами ОБСЕ в течении года несколько раз были  приглашены международные специалисты (тренеры и эксперты), занимающиеся проблемами торговли людьми. За это время они вплотную занимались с преподавателями Академии МВД РТ для подготовки их к преподаванию этого курса. Занятия проводились по новейшей интерактивной методике преподнесения материала, которая до сих пор не практиковалась в Академии МВД РТ. В результате этих занятий были подготовлены профессиональные инструктора - преподаватели Академии. С уверенностью можно сказать, что обучение данного курса позволит будущим «борцам» данного криминального явления повысить свои знания  улучшить умение и изменить  свое отношении данной проблеме, в особенности вооружится особенностями новейших методик раскрытия и расследования торговли людьми, ознакомиться с международным и национальным законодательством в данной области, также поможет приобрести навыки идентификации жертв торговли людьми, о способах и методах проведения бесед с жертвами торговли людьми. В свою очередь, курсанты приобретут знания  о методиках ведения предупредительных работ по  уменьшению роста данного вида преступлений.

Однако полученные знания в этой области курсанты могут реализовать только в будущем, то есть,  по окончанию учебного заведения. Соответственно можно сказать, что какие-то шаги по противодействию торговле людьми для будущего сделаны. Однако проблема торговли людьми в Республике Таджикистан на сегодняшний день является актуальной и требует безотлагательных мер, с целью обеспечения защиты конституционных прав и свобод граждан.

Поэтому среди действий, которые необходимо предпринять государственным органам как самостоятельно, так и во взаимодействии с международными организациями для решения проблем в данной сфере,  и в особенности успешной работы в деле противодействия торговле людьми можно выделить следующее:

- в региональных органах внутренних дел регулярно с сотрудниками милиции проводить курсы по противодействию торговле людьми. Следует подчеркнуть, что данные занятия должны проводиться именно по интерактивной методики преподнесения материала в целях того, чтобы сотрудники милиции приобрели знания о  новейших способах совершения преступлений, связанных с торговлей людьми, о современных способах идентификации жертв торговли людьми и соответственно, прогрессивных методах расследования данной категории преступлений.

---

[2] См.: Закон Республики Таджикистан «О борьбе против торговли людьми» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2004 год, №7, ст.454; 2007 год№7, ст. 658; 2008 год, №1 часть1,ст.2)

- так как страна в ближайшем и в ближайшем будущем остается пока еще страной, поставляющей мигрантов, а поскольку известно, что мигранты - это категория лиц, которые входят в группу риска, считаем целесообразным проводить такие занятия также в старших классах средних школ и со студентами колледжей, так как эта возрастная категория населения республики частично может пополнить ряды армии мигрантов.

- проводить мониторинги в целях того, чтобы оценить эффективность (результативность) программ по противодействию торговле людьми.

- координировать деятельность НПО на национальном уровне, обмен опытом, и упорядочивание взаимодействия НПО и государственных органов.

- необходимо усилить работу в области информационно-просветительского направления. При помощи международных организаций необходимо регулярно проводить мероприятия, направленные на информирование населения о преступных схемах торговли людьми и путях противодействия данному криминальному явлению.

- регулярно по республиканским и региональным каналам телевидения показывать ролики по данной тематике.

- разработать в республике единую информационную систему учета по преступлениям, связанным с торговлей людьми.

- предпринимать меры по уменьшению латентности данных преступлений. Вся информация по подобным фактам должна тщательно проверяться.

- содействовать ученым республики, занимающимися научными разработками в данной области. Результаты их научных поисков могут положительно повлиять на предупреждение торговле людьми.

- развивать программы по трудоустройству молодых людей, в частности, девушек и в особенности в сельской местности.

- пропагандировать гендерное равенство.

- пропагандировать здоровый образ жизни молодых людей, особенно вопросов, касающихся половых отношений.

- противодействие вовлечение женщин и детей в занятие проституции.

Общепризнано, что для борьбы с торговлей людьми требуется применение широкого спектра мер различного характера. Е.В. Тюрюканова считает, что проблема торговли людьми «имеет «выход» на такие глобальные противоречия современности, решить которые в рамках господствующей либерально-демократической традиции человечество пока не в силах»[117]. Но решать их надо именно в рамках правового поля. Это непростая задача, которую всему мировому сообществу предстоит решать вместе с другими глобальными проблемами.

## Оид ба зарурияти ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон

***Вожаҳои калидӣ:*** *хариду фурӯши одамон, ҷинояткории муташаккилона, конвенсия, кодекс, ташкилотҳои байналмиллалӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ.*

Дар мақолаи мазкур муаллифон хусусиятҳои хос ва зарурияти ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатиро дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон дида баромадаанд. Дар мақола диққати махсус ба ҳамкории дуҷониба байни мақомоти корҳои дохилӣ ва САҲА, ба хусус, ҷиҳати омода намудани кадрҳо барои милитсия зоҳир карда шудааст.

---

[117] Торговля людьми: Социокриминологический анализ / Под общей редакцией Е.В Тюрюкановой и Л.Д Ерохиной. - М. Academia, 2002. - С 9.

## THE NEED FOR COOPERATION WITH INTERNATIONAL AND NON-GOVERNMENTAL ORGANIZATIONS IN THE FIGHT AGAINST HUMAN TRAFFICKING

***Keywords**: human trafficking, organized crime, the Convention, the Code, international organizations, non-governmental organizations*

The paper discusses the features and the need to cooperate with law-enforcement bodies and international non-governmental organizations in combating trafficking in human beings would. Special attention is paid to cooperation between the bodies of the Interior and the OSCE, in particular, training for the police.

## МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАЪЙИНОТИ ШӮЪБАИ (ШӮЪБАЧАИ) НАЗОРАТӢ-МЕТОДӢ ДАР ВОҲИДҲОИ ТАФТИШОТИ СОХТОРИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

🗁

**Қосимов О.А.***
**Рӯзиқулов Ҷ.Р.****

***Вожаҳои калидӣ:** Воҳидҳои тафтишотӣ, шӯъбачаи назоратӣ-методӣ, шӯъбаи корҳои дохилӣ, муфаттиш, ваколат*

Дар сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон институти муфаттиш (воҳидҳои тафтишотӣ) зери таъсири пурқуввати қонунгузории империяи Русия, инчунин ҶШФС Русия ва ИҶШС-и собиқ ташаккул ёфтааст.

Вазифаи муфаттиш ва дастгоҳи тафтишотӣ дар ҳамаи марҳилаҳои мавҷудияти худ ба таври умум роҳи дуру дароз ва мушкили ислоҳоти гуногунро тай намудаанд: аз бекоршавӣ, аз нав эҳёшавӣ то ташаккул дар сохторҳои гуногун[118].

Дар адабиёти илмӣ нуқтаи асосии барпоёбии ташкилӣ ва инкишофи дастгоҳи тафтишотии мақомоти корҳои дохилиро бо Фармони Президиуми Совети Олии ИҶШС аз 6 апрели соли 1963 «Дар бораи додани ҳуқуқи гузаронидани тафтишоти пешакӣ ба мақомоти тартиботи ҷамъиятӣ»[119] алоқаманд мекунанд. Дар натиҷа он, аз лаҳзаи амали фармони мазкур аз 1 июни соли 1963 дар ВМТҶ (МООП) (ВКД)-и ҶШСС дар сохтори мақомоти корҳои дохилӣ дастгоҳи тафтишотӣ ташкил карда шуд, ки он то ҳол амал мекунад.

Дастгоҳи тафтишотӣ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки бар зидди ҷинояткорӣ мубориза мебаранд, дорои ҷойи махсус мебошад, чунки шумораи асосии ҷиноятҳои содиршуда дар кишвар маҳз аз тарафи дастгоҳи тафтишотии ин идора тафтиш карда мешавад. Таҳлили парвандаҳои ҷиноятии ба анҷом расонидашуда дар панҷ соли охир нишон медиҳад, ки онҳо (дастгоҳҳои тафтишотии ШКД – К.О.) зиёда аз 73% -и ҳамаи парвандаҳои ҷиноятии дар кишвар ба анҷомрасидаро[120] тафтиш менамоянд.

---

* *Қосимов О.А.* - муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети № 4 Академияи ВКД Тоҷикистон, подполковники милитсия.
** *Рӯзиқулов Ҷ.Р.* - муаллими кафедраи давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 4 Академияи ВКД Тоҷикистон.
[118] Ниг.: *Мухитдинов А.А.* Процессуальное положение следователя по уголовно-процессуальному законодательству Республики Таджикистан. Дисс…. канд. юрид. наук. – Ташкент, 2009. – С. 17.
[119] Ниг.: Ведомости Верховного Совета СССР, 1963. - № 17. – С. 181.
[120] Ниг.: Ҳисоботи статистикӣ оид ба кори тафтишотӣ, шакли 1-Е барои солҳои 2005–2009. Бойгонии ШТ РКД вилояти Суғд. Парвандаи № 3\7. – С.3-5.

Дар давраи 49 – соли баъди ташкили дастгоҳи тафтишотии мақомоти корҳои дохилӣ, дар фаъолияти роҳбарияти воҳидҳои тафтишотии ҳамаи сатҳ зимни тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи муфаттишон таъмин намудани риояи қонуният яке аз ҷойҳои марказиро ишғол мекард. Алҳол низоми бомароми назорат нисбати қарорҳо ва амалҳои қонунии муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ ба роҳ монда шудааст, ки назорати идоравии мурофиавӣ, назорати прокурорӣ ва назорати судиро дарбар мегирад.

Алҳол сардори воҳиди тафтишотӣ тибқи тартиботи қонун (м. 38 КМҶ ҶТ) дорои ҳуқуқи назорати идоравии мурофиавӣ нисбати амали саривақтӣ, асоснок ва қонунии муфаттиш мебошад. Аз мазмуни моддаи 38 –и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки сардори воҳиди тафтишотӣ хуқуқ дорад парвандаи ҷиноятиро санҷида бароядˏ ба муфаттишон дастурҳои мутобиқ диҳад ва uайраҳо. Ваколати мурофиавии сардори шеъбачаи тафтишот бо роҳи додани дастурҳои хаттӣ ба муфаттиш амалӣ мегардад, ки иҷроиши онҳо ҳатмист. Ҷорӣ намудани чунин тартибот ба беҳтар намудани сифати тафтишот дар мақомоти корҳои дохилӣ ва мустаҳкам кардани қонуният мусоидат мекунад.

Бо баробари ин, аз нуқтаи назари мо, сохтори назорати идоравии мурофиавӣ алҳол ба такмилдиҳӣ эҳтиёҷ дорад.

Чӣ тавре ки қайд гардида буд, таъйиноти ҷудонашавандаи идоракунӣ назорат аст. Фаъолияти назоратии хуб ташкил кардашуда барои такомул додани сохтори идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ, беҳтар намудани ҳисобу китоб, саҳеҳ кардани нақшаҳои он имконият медиҳад.

Назорат ҳамчун таъйиноти идоракунӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ, системаи омезиш, мушоҳида, санҷиш, таҳлил ва баҳодиҳӣ ба мутобиқатии фаъолияти кормандони ШКД ба талаботи қонуни мурофиавӣ-ҷиноятӣ, санадҳои меъёрии идоравӣ, нақшаҳо, нишондодҳо ва дигар қарорҳои идоракунӣ; ошкоркунӣ ва дурравӣ дар фаъолияти онҳо, сабабҳо ва омилҳои ба онҳо равонасохта, инчунин коркард ва қабул намудани таъсиррасонии идоракунии мувофиқ бо мақсади такмил додани фаъолият оид ба иҷроиши вазифаҳои бевоситаро дарбар мегирад.

Моҳияти назорат – ин зарурати доштани маълумот оид ба рафти иҷроиши намудҳои гуногуни фаъолият ва натиҷаи онҳо, инчунин доштани маълумот (мавҷудияти маълумот) оид ба ҳолати худи объектҳои идоракунанда, он тарафҳое мебошад, ки фаъолияти ин объектҳоро муайян мекунад ва таъсир ба онҳо мерасонад[121].

Вазифаҳои асосии назорат дар мақомоти корҳои дохилӣ: таъмин намудани иҷроиши бечунучарои қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро ба танзим медароранд; таъмини иҷроиши саривақтӣ ва босифати қарорҳои дар мақомоти корҳои дохилӣ қабул кардашаванда; баланд бардоштани сатҳи фаъолияти ташкилӣ ва фаврӣ – хизматӣ; огоҳкунии саривақтӣ, ошкор ва бартараф кардани камбудиҳо дар фаъолият; ошкор ва татбиқ намудани таҷрибаи мусбӣ; баланд бардоштани интизом ва ҳисси масъулиятшиносии кормандон; мусоидат кардан ба баҳодиҳии дуруст ва истифодаи (ҷобаҷогузории) кадрҳо мебошад[122].

Сардори воҳиди тафтишотӣ танҳо худ ҷисмонан қудрати иҷро намудани ҳамаи ин таъйиноти назоратиро надорад. Аз ин лиҳоз ба сохтори воҳиди корӣи Раёсати тафтишоти ВКД ва Шеъбаи тафтишоти Райёсати корҳои дохилӣ, Раёсати корҳои дохилӣ дар наклиёт шеъбаҳои (шеъбачаҳои) назоратӣ – методӣ ворид карда шудаанд, ки онҳо барои расонидани ёрии амалӣ ба сардорони воҳидҳои тафтишотӣ дар иҷроиши назорати идоравии мурофиавӣ ба фаъолияти муфаттишон, воҳидҳои тафтишотии поёнӣ даъват шудаанд.

---

[121] *Кадетова Т.Г.* Оказание практической помощи – одна из действенных форм осуществления контроля в следственных подразделениях органов внутренних дел // Следователь. – М., 2005. – № 3. – С.52.
[122] *Пулатов Ю.С.* Основы управления в органах внутренних дел. – Ташкент, 2005. – С. 193.

Тибқи «Низомнома дар бораи Раёсати тафтишотии ВКД ҶТ» ва «Низомнома дар бораи шӯъбаи тафтишотии РКД ҶТ»[123], ки бо фармони ВКД ҶТ таҳти № 40 аз 18.01. с. 2010 тасдиқ шудааст, шӯъбаи назоратӣ-методии (ШНМ) РТ ВКД ва сохторҳои поёнии он барои расонидани ёрии методӣ дар маҳалҳо ба муфаттишон дар фаъолияти онҳо ва назорати тафтиши ҷиноятҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ даъват шудаанд. Дар шӯъбаи мазкур муфаттишони калони соҳибихтисос, ботаҷриба ва таҷрибаи зиёди кори амалӣ дошта фаъолият мекунанд.

Фаъолияти ШНМ, пеш аз ҳама, ба амалӣ намудани назорат аз болои сохторҳои тафтишотии поёнӣ (шӯъба ва шӯъбачаҳо) оид ба иҷроиши вазифаҳои муҳокимаи судии ҷиноятӣ равона карда шудааст. Дар фаъолияти амалӣ муфаттишони ШНМ, ба ғайр аз иҷро намудани таъйиноти назоратӣ аз болои воҳидҳои поёнии тафтишотӣ, таъйиноти банақшагирӣ, ташкилӣ, ҳамоҳангсозиро иҷро менамоянд, инчунин дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятии мураккаб ва бисёрлаҳза ёрии методӣ ва амалии худро мерасонанд. Дар натиҷаи амаликунии назорат, ва мутобиқан, бархурдор будан оид ба ҳолати воқеии тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ дар минтақаҳо, муфаттиши ШНМ ба роҳбарияти воҳидҳои тафтишотӣ маълумотномаҳои ҷамъбастӣ (хулосавӣ), маълумотҳо ва оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои тафтишотии поёнӣ (шӯъбаҳо, шӯъбачаҳо) пешниҳодот таҳия менамояд.

Муфаттишони ШНМ – ВКД, РКД дар минтақаҳои ба онҳо вобасташуда ҳолати фаъолияти тафтишотиро таҳлил карда, оид ба беҳтар намудани сифати тафтишоти пешакӣ бояд пешниҳодот таҳия кунанд, ба муфаттишони ҷавон ва камтаҷриба дар тафтиши ҷиноятҳое, ки барои ҳалли онҳо ёрии тахассусӣ лозиманд, кӯмак расонанд; таҷрибаи мусбиро ҷамъбаст ва паҳн намоянд, таҳсили муфаттишонро ташкил кунанд; нақшаи шӯъбаи тафтишотиро коркард намоянд ва оид ба тафтиши намудҳои алоҳидаи ҷиноят дастурҳои методӣ омода созанд.

Дар радифи тақсимоти таъйинот дар самтҳои муайян ба муфаттишони ШНМ-и раёсати тафтишотии ВКД ва шӯъбаҳои тафтиштии РКД мумкин аст минтақаҳое вобаста карда шаванд, ки воҳидҳои муайяни тафтишотиро дар бар гиранд. Муфаттишони ШНМ-и РТ ВКД , ШТ РКД дар асоси таҳлили вазъияти оперативӣ (фаврӣ) ва ҳолати тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба бартараф намудани камбудиҳо дар минтақа пешниҳодот таҳия менамоянд ва дар амалӣ сохтани онҳо иштирок мекунанд. Онҳо ҳайати кормандони воҳидҳои тафтишотиро дар минтақаи вобасташуда омӯхта, дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо иштирок менамоянд, аризаҳо ва шикоятҳо оид ба амалҳои муфаттишонро баррасӣ намуда, ба роҳбарияти худ дар бораи андешидани чораҳои зарурӣ нисбати онҳо пешниҳодот таҳия менамоянд, ба воҳидҳои минтақаи худ ёрии амалӣ мерасонанд. Вобаста ба имконияти воҳидҳо кори як қисми муфаттишон мумкин аст дар асоси самтӣ, дигарашон – минтақавӣ ба роҳ монда шаванд, ва ё ба ҳамон як муфаттиш хизматрасонӣ дар минтақа ва як – ду самт супорида шавад[124].

Бояд қайд кард, ки агар ташкили кор дар асоси самтӣ ба роҳ монда шуда бошад, он гоҳ муфаттиши ШНМ –и ШТ РКД, РТ ВКД, пеш аз ҳама, ба самти худ мутахассис мешавад (яъне доираи танги масъалаҳоро назорат мекунад). Дар ҳолатҳое, ки агар ташкили кор дар асоси минтақавӣ сурат гирад, он гоҳ муфаттиши ШНМ –и ШТ РКД, РТ ВКД дар воҳидҳои тафтишотии ба ӯ вобасташуда фаъолияти худро ба ҳамаи кори тафтишотӣ равона месозад.

Муваффақияти ташкили фаъолият дар асоси минтақавӣ ва самтӣ дар бисёр ҳолат аз дуруст ба роҳ монда шудани мубодилаи маълумот байни муфаттишони ҳамкор вобастагӣ дорад. Ин ҳолат муфаттишони дар як самти муайян фаъолияткунандаро аз ҳама масъалаҳои дар самти онҳо пайдошуда бохабар будан,

---

[123] Нашрияи иттилотии РТ ВКД ҶТ. – Душанбе, 2010. – № 2(4). – С. 3.

[124] *Зуйков Г.Г.* Научная организация управления и труда в следственном аппарате органов внутренних дел. – М., 1974. – С. 36.

муфатттишони минтақавиро бошад ба хуб донистани ҳолати фаъолияти воҳидҳои тафтишотии ба онҳо вобасташуда водор месозад.

Муфаттишони ШНМ фаъолияти назоратиро ба роҳ монда, чун қоида, дар навбати аввал фаъолияти мурофиавии муфаттишонро дар мадди назар мегиранд. Бояд қайд кард, ки муфаттишони ШНМ бо супориши роҳбарияти воҳидҳои тафтишотӣ бо мақсади шинос шудан бо ҳолати ошкоршавии ҷиноятҳо ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, ҷустуҷӯи айбдоршавандагони аз тафтишот пинҳоншуда ба минтақаҳои вобасташуда мерававнд. Ба он ҷо омада, парвандаҳои ҷиноятии дар истеҳсоли муфаттишони воҳидҳои тафтишотии минтақаи ба ӯ вобастабударо меомӯзанд. Муфаттиши ШНМ камбудиҳои дар рафти тафтишот ҷойдоштаро ошкор намуда, дар бораи он маълумотномаи мутобиқ таҳия намуда, баъдан барои тайёр намудани дастури хаттӣ ва пешниҳод кардани он ба роҳбарияти воҳиди тафтишотӣ барои ба имзо расонидан, маҷбур аст ба Раёсати корҳои дохилии вилоят баргардад.

Чӣ тавре ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳсор аст (97% ҳудудро кӯҳҳо ташкил медиҳанд), шумораи зиёди бунбасти роҳҳо дар шароитҳои вазнини кӯҳистонӣ мегузаранд. Барои убур кардани ин минтақаҳои роҳҳо, хусусан дар айёми тирамоҳу баҳор (аз моҳи октябр то моҳи апрел) мӯҳлати дуру дароз, баъзан зиёда аз 10-15 рӯзро талаб мекунад. Дар натиҷа, дастурҳои хаттӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таҳиякардаи муфаттишони ШНМ аз ҷониби роҳбарияти раёсати тафтишотӣ, шӯъба ба имзорасида, ба муфаттиш барои фавран ислоҳ намудани хатогиҳои содиршуда дар рафти тафтишот саривақт дастрас намегардад. Аз ин лиҳоз дастури хаттии равонакарда мубрамӣ ва саривақтии худро гум мекунад[125]. Қисми 2 м.38 КМҶ ҶТ бошад пешбинӣ кардааст, ки сардори воҳидҳои тафтишот дастурҳоро ба муфаттиш дар шакли хаттӣ медиҳад ва иҷрои онҳо ҳатмист. Муфттиши ШНМ РТ ВКД, ШТ РКД ба таври мурофиавӣ ваколати додани дастури хаттиро ба муфаттишони минтақаи ба ӯ вобасташуда оид ба парвандаи ҷиноятӣ надорад.

Ҳамин тавр, на дар кодекси мурофиавӣ-чиноятии ҶТ пешина, на дар КМҶ ҶТ амалкунанда ва на дар санадҳои меъёрии ҳуқуқи идоравӣ ба муфаттишони ШНМ ҳуқуқи додани дастур оид ба парвандаи ҷиноятӣ дода нашудааст, ки он ба ҳолати фаъолияти тафтишотии субъектони назораткунанда ва ба фавран қабул кардани яккатор қарорҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Вобаста ба ин, аз нуқтаи назари мо, бо мақсади бартараф намудани ин норасоӣ дар ташкили саривақтии ошкор, тафтиши ҷиноят дар КМҶ ҶТ пешбинӣ намудани меъёри мутобиқ, ки ба муфаттишони ШНМ РТ ВКД, ШТ РКД ҳуқуқи додан ва имзо кардани дастури хаттӣ оид ба парвандаҳои ҷиноии дар истеҳсоли муфаттишони минтақаи ба ӯ вобасташударо таъмин мекунад, айни матлаб аст.

## Проблема необходимости функционирования контрольно - методических отделений в следственных подразделениях системы Министерства внутренних дел Республики Таджикистан

***Ключевые слова:*** *Следственный аппарат, контрольно-методическое отделение, органы внутренних дел, следователь, полномочия.*

В статье авторы рассматривают некоторые вопросы, касающийся либерализации деятельности следственного аппарата в системе МВД Республики Таджикистан.

[125] Муаллифи мақола Косимов О.А. , ки дар вазифаи сардори ШНМ ШТ РКД вилояти Суғд зиёда аз 15 сол фаъолият намуда, таҷрибаи амалӣ пайдо намудааст, якчанд маротиба дучори ин масоил гардидааст.

**FUNCTIONING OF THE CONTROL PROBLEM, AND METHODOLOGICAL INVESTIGATION UNIT OF THE DEPARTMENT IN THE MINISTRY OF INTERNAL AFFAIRS OF TAJIKISTAN**

***Keywords:*** *Investigative unit, control and methodical department, police, investigator responsibilities.*

In this paper the authors examine some of the issues related to the liberalization of the investigative unit in the Ministry of Interior of the Republic of Tajikistan.

## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ ПЕРЕГОВОРНОГО ПРОЦЕССА В СИТУАЦИИ С ЗАХВАТОМ ЗАЛОЖНИКА

**Алиев А.Ш.***

***Ключевые слова:*** *заложник, захват, переговоры, переговорщик, террорист, контртеррористическая операция.*

В настоящее время, учитывая рост и особую опасность для личности, общества и государства количества преступлений экстремистского и террористического характера как в Республике Таджикистан, так и в других странах, сотрудникам правоохранительных органов нередко приходится вступать в переговоры с преступниками. Всесторонне правильно проведенные переговоры обязательно приводят к положительным результатам, к примеру, согласно сообщениям СМИ, проведенная в июле 2012 года специальная операция правоохранительных органов в ГБАО по разоружению вооруженной группировки привела к тому, что проведенные переговоры прошли успешно и к установленному сроку боевики сдали оружие[126]. Аналогичных примеров, в которых переговоры сыграли важную роль для предотвращения конфликта в мировой практике достаточно, однако возникает необходимость в раскрытии данного вопроса на примере захвата заложника.

Следует отметить, что к числу преступлений, требующих от сотрудников решения двуединой задачи относится захват заложников, где необходимо во первых освободить заложников и во вторых обезвредить преступников. В ст.5 Конституции Таджикистана предусмотрено, что человек, его права и свободы являются высшей ценностью, жизнь, честь и достоинства неприкосновенны. В связи с этим при захвате заложника на первом месте стоит задача не столько нейтрализации преступников, сколько поиск вариантов для освобождения заложников. Одним из путей (вариантов) освобождения заложника являются – переговоры, так как при проведении контртеррористических операций в целях сохранения жизни и здоровья людей, а также пресечение дальнейших действий преступников без применения силы, целесообразен именно этот вариант. В связи, с чем в правоохранительных органах возросла потребность в подготовке грамотных и квалифицированных специалистов по организации и ведению переговорного процесса.

---

* *Алиев А.Ш.* – начальник кафедры организации управления правоохранительной деятельности факультета № 1 Академии МВД Таджикистана, кандидат юридических наук, полковник милиции.

[126] Ќонун ва љомеа №32 (235) аз 9 августи соли 2012; www.*pravdamir.ru/goryachie-novosti/v* .

Переговоры - один из ненасильственных способов борьбы с преступностью, основанный на законе, нравственности, психологии[127] и представляющий собой в ряде криминальных ситуаций диалог с преступниками (преступными организациями, обществами, группами) в целях склонения их к отказу от дальнейшей преступной деятельности, а также активного содействия раскрытию и расследованию преступлений, розыску и задержанию совершивших их лиц, устранению причиненного вреда, получения оперативной и криминалистически значимой информации. Таким образом, суть переговоров - это правомерное психологическое воздействие на преступника с целью убеждения его в отказе от дальнейших преступных действий.

Такого понятия, как «Переговоры с преступниками», в уголовном праве нет, однако представители государственных и правоохранительных органов могут вступать в переговоры в определенных случаях: при захвате заложников, похищении людей, массовых беспорядков и т.д. Несмотря на это сам процесс ведения переговоров – это тяжелый, напряженный труд, связанный с большими нервными перегрузками, особенно когда процесс затягивается на длительное неопределенное время. Также трудности могут возникнуть из-за вида общения преступника, т.е. от тех способов коммуникативного давления, которые он использует: ультимативность требований, срочность их исполнения, оскорбления личности переговорщика, угрозы в адрес заложников, отказ от достигнутых соглашений, двойное их толкование и т.д. В связи с этим мастерство переговорщика состоит в умении обнаруживать всякого рода уловки террористов и суметь переиграть их в словесном бою. Следует согласится с мнением ряда авторов[128] о том, что для достижения определенных результатов, переговорщики могут также использовать и следующие способы:

а) *переговоры для прикрытия* - используются для выигрыша времени, также, чтобы задержать силовые действия вооруженных преступников. Во время таких переговоров проводятся поисковые, разведывательные, оперативные мероприятия со стороны правоохранительных органов.

б) *Имитация переговоров* - проводится лишь в том случае, когда приходиться иметь дело с душевнобольным человеком, не отдающим отчет своим действиям, данный способ направлен на снятие агрессивности поведения.

в) *Переговоры на почве межэтнических конфликтов* следует проводить с привлечением нейтрального посредника, в задачу которого входит только организация переговорного процесса, но не само проведение переговоров.

Исходя из этого, правильный подбор переговорщика исключительно важен, тем более, что подбор должен осуществляться на добровольной основе. Должны учитываться такие индивидуальные особенности кандидатов как: умение разговаривать и анализировать в экстремальных ситуациях, наблюдательность, быстрота реакции, способность сохранять самообладание в любой ситуации, т.е. эмоциональная устойчивость личности, наличие интеллектуальных и коммуникативных способностей и др. Также следует отметить, что в действительности террористы могут сами выбрать переговорщика и как показывает практика им может оказаться и не сотрудник правоохранительных органов, а такие лица как: сотрудники СМИ, священнослужители, родные и близкие преступников, представители государственных учреждений или международных организаций и т.д. В данном случае указанные лица должны в обязательном порядке пройти предварительный инструктаж у специалиста-

---

[127] *Кимпеляйнен Е.И.* Социально-психологическая эффективность переговоров. Дис. … к.п.н., - СПб., 1996. - С.157.

[128] *Грачев С.И.* Контртерроризм: базовые концепты, механизмы, технологии. Автореф. Дисс. … док. полит. наук, Нижний Новгород, 2008. С.63; *Евдокименко А.С.* Диагностика мотивационного профиля личности в переговорной ситуации. Автореф. Дисс. … к.п.н., М., 2010. С.32; *Хохрин С.А.* Массовые беспорядки, совершаемые осужденными в исправительных учреждениях: уголовно-правовой и криминологический аспекты. Дисс. … к.ю.н., Рязань, 2011. С.204.

переговорщика. И в дальнейшем должны придерживаться хотя бы некоторых основных правил:

- не следует говорить террористам «**Нет**», «**Я не могу**», «**Это невозможно**». Необходимо общаться в положительно окрашенных словах и предложениях;

- необходимо разговаривать постоянно, не используя долгих пауз;

- необходимо стараться использовать такие обороты речи, как: «**Я постараюсь помочь**», «**Я готов выслушать**» и т.д.;

- не заставлять долго ждать при выполнении каких-либо требований, так как это может озлобить террористов.

Проведенные исследования ряда авторов показывают, что переговоры при захвате заложников представляются наиболее трудными, так как от данного процесса зависят человеческие жизни[129]. При проведении переговоров по освобождению заложников должны быть проанализированы и тщательно учтены следующие обстоятельства: особенности личности преступников, мотивы и цели захвата, предполагаемое поведение преступников по истечении определенного времени, организация четкого взаимодействия переговорщика и руководителя операции с другими структурами. Так как задачей переговоров является: именно защита жизни заложников и их освобождение, а непосредственное задержание преступников отходит на второй план. Ошибочное представление во чтобы то не стало задержать преступников может навредить не только захватчикам, но и заложникам (так не раз бывало при неумелой организации операций[130]). Необходимо отметить, что сами заложники играют не последнюю роль в переговорах по их освобождению. Они ведут себя индивидуально, но иногда можно обнаружить в их настроении общие черты. Заложники зачастую проникаются ненавистью к захватившим их террористам, а также могут испытывать к ним и симпатию (стокгольмский синдром[131]). Да и сами террористы могут испытывать нечто подобное в отношении к заложникам.

Успех операции по освобождению заложников и аресту преступников достигается, как правило, из грамотного и своевременного решения нескольких задач:

1) Определение типа оперативной ситуации;
2) решение вопроса по тактике ведения переговоров;
3) выяснение имеющихся сил и средств контроля;
4) организация командного пункта и обеспечения связи.

За рубежом на основе многолетней практики борьбы с терроризмом выработался ряд основополагающих принципов организационно - тактического плана, которым противостоящая террористам сторона должна следовать, чтобы добиться реального успеха в деле освобождения заложников. Это использование в критических ситуациях, связанных с захватом заложников, специально подготовленных групп и отдельных квалифицированных специалистов, выбор соответствующего конкретным обстоятельствам переговорщика; определение наиболее рационального в данных условиях способа общения с террористами; организация информационно-аналитической работы по оценке ситуации и ее различных аспектов в целях использования поступающей

---

[129] *Овчинникова Г.В., Павлик М.Ю., Коршунова О.Н.* Захват заложника. Уголовно-правовые, криминологические и криминалистические проблемы. Монография. - СПб., 2001; *Резепкин О.Ю., Журавлев И.А.* Захват заложника. Уголовно-правовая регламентация проблемы: Монография. М., 2003; *Гущин М.Ю.* Захват заложника: Криминологическая характеристика и уголовно-правовые меры противодействия. Дисс. … к.ю.н., - СПб., 2005; *Алиев А.Ш.* Уголовная ответственность за похищение человека и захват заложника по законодательству Республики Таджикистан: сравнительный аспект. Дисс. … к.ю.н., М., 2010.

[130] Бурбан Л., Губарева С. «Норд-Ост» неоконченное расследование…. События, факты, выводы. М., 2006г.

[131] Стокго́льмский синдром (англ. *Stockholm Syndrome*) — термин популярной психологии, описывающий защитно-подсознательную травматическую связь, взаимную или одностороннюю симпатию, возникающую между жертвой и агрессором в процессе захвата, похищения и (или) применения (или угрозы применения) насилия. Под воздействием сильного шока заложники начинают сочувствовать своим захватчикам, оправдывать их действия, и в конечном счете отождествлять себя с ними, перенимая их идеи и считая свою жертву необходимой для достижения «общей» цели.

информации и результатов ее анализа для направления хода событий в благоприятное для освобождающей стороны русло; проведение четкой и согласованной работы со средствами массовой информации во избежании нежелательного и неблагоприятного для освобождающей стороны освящения событий; постоянное взаимодействие переговорщиков с подразделениями, нацеленными на силовое подавление террористов, с тем, чтобы в случае необходимости выбрать наиболее подходящий момент для их нейтрализации; постоянная фиксация всех аспектов обстановки для последующего объективного и детального анализа и выработки соответствующих выводов и рекомендаций на будущее.

Таким образом, переговорный процесс, организованный в целях сохранения жизни и здоровья людей, материальных ценностей, а также изучения возможности пресечения террористической акции без применения силы, требует высокого уровня знаний, умений и навыков от переговорщика, однако стихийно приобретенный опыт ведения переговоров не всегда обеспечивает успешное проведение контртеррористической операции. Следовательно, речь должна идти о развитой переговорной компетентности переговорщика, позволяющей выступать организатором и исполнителем переговорного процесса в самых сложных экстремальных ситуациях, связанных с захватом заложников.

Из выше перечисленного следует констатировать, что переговоры с преступниками получили значительное распространение во всем мире. О них все чаще говорят в СМИ, можно утверждать, что они становятся привычным явлением социальной и правовой деятельности, характерной чертой современного образа жизни и одним из направлений правоохранительной деятельности.

Проблема переговоров должна быть рассмотрена в широком контексте состояния переговорного процесса, поскольку они являются составной частью тех усилий, которые предпринимает государство, общество в целях обеспечения прав и интересов личности, укрепления законности и правопорядка, общественной безопасности, предупреждения социальных отклонений и причин их порождающих.

## ЯК ҚАТОР ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ГУФТУГӮ ДАР ҶАРАЁНИ ҒАСБИ ГАРАВГОН

***Вожаҳои калидӣ:*** *гаравгон, ғасб, гуфтугуй, гуфтугуйгузарон, террорист, амалиёти зиддитеррористи.*

Дар мақолаи мазкур як қатор хусусиятҳои хоси ташкил ва гузаронидани гуфтугӯ дар ҷараёни ғасби гаравгонон дида баромада шудааст, инчунин, баъзе қоидаҳои амалӣ намудани гуфтугӯ оид ба озод намудани гаравгонҳо ва талаботҳои зарурӣ нисбати шахсияти гуфтугӯгузарон дида баромада шудааст.

## SOME ORGANIZATIONS NEGOTIATIONS IN A SITUATION HOSTAGE

***Keywords:*** *Hostage seizure, negotiations, negotiator, terrorist, counter-terrorist operation.*

The paper discusses some features of the organization, the conversation process in the hostage situation also reveals some of the rules of negotiating the release of hostages and the necessary requirements for the individual negotiator.

## МАВҚЕИ ҲУҚУҚИИ ШАХСИ ХОЛИС ДАР КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Муллобоев М.Р.**[*]
**Юнусова М.Т.**[**]

***Вожаҳои калидӣ:*** *кодекс, мурофиаи ҷиноятӣ, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, шахси холис, ҷиноят*

Яке аз масъалаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, муайян намудани доираи иштирокчиёни мурофиаи судӣ мебошад. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии мурофиа шахси холис (м. 60) пешбинӣ шудааст. Бояд ба он равшанӣ андохт, ки истилоҳи «холис» аслан вожаи арабӣ буда, ҳамчун «соф», «сара», «пок», «беғаш», «танҳо», «фақат» ва ба маънои маҷозиаш, чун « беғараз» ва «самимона» шарҳ дода мешавад.[132]

Дар Кодекси протсессуалии ҷиноятии РСС Тоҷикистон (с.1961) (моддаи 131) мафҳуми шахси холис ҳамчун «одами холис» ва дар шакли ҷамъ «одамони холис» оварда шуда буд ва аз мазмуни он мавқеи ҳуқуқии шахси холис бармеомад.

Дар ин модда номгӯи ҳаракатҳои тафтишотӣ: азназаргузаронӣ, кофтуков, бароварда гирифтан, шаҳодаткунонӣ, инчунин дигар ҳаракатҳои тафтишӣ оварда шудааст, ки ҳангоми гузаронидани онҳо бояд одамони холис даъват карда шаванд. Шумораи одамони холис бояд на кам аз ду нафар бошад. Дар ин ҷо ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳо ба таври маҳдуд зикр гардида буд. Кодекси мазкур мафҳуми шахсони холисро ба таври пурра дарбар нагирифтааст, вале аз мазмуни қисми дуюми ин модда онро муайян кардан мумкин буд: «Ба сифати одамони холис ҳар кадом гражданинеро, ки дар ҳамин кор манфиатдор намебошад, даъват кардан мумкин аст»[133].

Ин модда такмили худро талаб мекард. Дар м.60 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми «шахси холис» дуруст маънидод карда шудааст, яъне, «шахси холис шахсест, ки ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор нест ва барои иштирок дар амали тафтишӣ ё дигар амали мурофиавӣ барои тасдиқи далели пешбурди он, мазмун, ҷараён ва натиҷаи он аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя даъват шудааст»[134].

Навоварӣ дар Кодекси амалкунанда оид ба шахси холис, ин овардани мафҳуми «шахси холис» бо муайян кардани таъйиноти симои мурофиавии вай мебошад.

Истилоҳи «шахси холис» чун иштирокчии дигари мурофиавии судӣ - ҷиноятӣ дар Кодекси нави амалкунанда дар 22 модда, ҷамъ 40 маротиба истифода бурда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии амалкунанда кадом нафарон ба шахси холис ҷалб карда намешавад пешбинӣ гардидааст: ноболиғон, шахсони номукалаф, иштирокчиёни мурофиаи судӣ ва хешовандони онҳо,

---

[*] *Муллобоев М.Р.* – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети № 4 Академияи ВКД Тоҷикистон, подполковники милитсия.

[**] *Юнусова М.Т.* – муаллими кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 4 Академияи ВКД Тоҷикистон, подполковники милитсия.

[132] Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2, - М., 1969. - С.488.

[133] Кодекси протсессуалии ҷиноятиии РСС Тоҷикистон. – Душанбе,1961, - с. 64

[134] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №12, мод. 819; с. 2010, №7, мод.551; с.2011, №3, мод. 159; №7-8 мод 626 ҚҶТ аз 16.04.2012с № 809; ҚҶТ аз 03.07.2012с., №864; ҚҶТ аз 01.08.2012с., №878.

кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дорои ваколатҳои гузаронидани амалҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқу тафтиши пешакӣ мебошанд.

Аммо доираи амалҳои тафтишӣ, ки дар онҳо шахсони холис бояд иштирок намоянд, оварда нашудааст. Вале аз мазмуни Кодекси амалкунанда бармеояд, ки онҳо дар чунин амалҳои тафтишӣ иштирок менамоянд: азназаргузаронии ҷои ҳодиса, маҳал, бино, асбобу анҷом, ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷасади мурда, аз ҷойи дафн берун овардани ҷасад, шаҳодаткунонӣ, озмоиши тафтишӣ, кофтуков, дарёфт карда гирифтан, кофтукови шахсӣ, нишон додан барои шинохтан, санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ.

Дар дигар амалҳои мурофиавӣ, ба монанди: маҷбуран овардан, татбиқи чораи пешгирӣ, муваққатан дур кардан аз вазифа ва ғайраҳо иштироки шахси холис талаб карда намешавад.

Амалия нишон медиҳад, ки дар баъзе амалҳои мурофиавӣ бояд шахсони холис ҷалб карда шаванд. Масалан, дар вақти пурсиши гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда дар ҳолатҳое, ки ба ғайр аз иқроршаваии онҳо дар содир кардани ҷиноят дигар далелҳо нестанд (аз он ҷумла шоҳидон). Дар чунин мавридҳо муфаттишон барои бештар қувват додани нишондодҳои иқроршавии холисонаи гумонбаршуда ё айбдоршаванда ҳангоми пурсиши онҳо иштироки шахсони холисро таъмин менамоянд ва минбаъд шахсони холисро ба сифати шоҳид пурсиш мекунанд, ки ин амал аз тарафи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нагардидааст.

Инчунин ин таҷриба, ҳангоми зарурат, дар вақти пурсиши ҷабрдида ё шоҳид дар рафти рӯбарӯкунӣ амалӣ карда мешавад.

Тибқи қисми 4-уми моддаи 60-и Кодекси мазкур ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсони холис муайян карда шудаанд: «Шахси холис ҳуқуқ дорад дар пешбурди амали тафтишӣ иштирок кунад, инчунин ӯ ҳуқуқ дорад, ки оид ба пешбурди амали тафтишӣ мулоҳизаҳояшро баён кунад, ба он эрод гирад ва ин мулоҳизаву эродҳо бояд дар протокол сабт шаванд, бо протоколи тафтиш, ки дар он иштирок кардааст, шинос шавад, аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор шикоят кунад».

Ба ғайр аз он дар қисми 5 ҳамин модда ӯҳдадории шахси холис пешбинӣ шудааст, аз ҷумла: бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя ҳозир шавад, дар пешбурди амали тафтишӣ иштирок кунад, далели пешбурди ин амал, ҷараён ва натиҷаҳои онро дар протоколи тафтиш бо имзо тасдиқ намояд, маълумоти маводи тафтишро фош накунад, ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ тартиботро риоя кунад.

Аз назари мо, ин муқаррароти қисми 4 ва 5 таҳлил ва такмили худро мехоҳад. Зеро иштирок дар пешбурди амали тафтишӣ на ҳуқуқ, балки ӯҳдадории шахси холис мебошад. Вай ӯҳдадории худро ҷиҳати иштирок кардан дар амали тафтишӣ иҷро карда истода, ҳуқуқ дорад мулоҳизаву эродҳояшро оид ба амали тафтишӣ баён намояд.

Ғайр аз он ин меъёри қонун дар сурати саркашӣ кардани шахси холис аз ҳозир шудан ё аз иҷрои вазифаҳои худ, тибқи моддаи 352 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро муқарар кардааст.

Дар тӯли 14 соли мавҷудияти Кодекси нави ҷиноятӣ ин модда татбиқи худро наёфтааст. Аксар ҳолатҳое ҳаст, ки шахсони холис аз иҷрои ӯҳдадориҳои худ бо сабабҳои гуногун саркашӣ мекунанд. Масалан онҳо намехоҳанд дар азназаргузаронии ҷасад, аз гӯр баровардани ҷасад бинобар хира шудани табъашон аз иштирок кардан саркашӣ мекунанд.

Дар моддаи 138 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ ҶТ) муқаррар шудааст, ки ба шахси холис барои пардохти хароҷоташон ҳангоми ҳозир шудан ба маҳалли гузаронидани амали мурофиавӣ ва бозгашт, барои иҷораи манзил, инчунин масрафи шабонарӯзии зист маблағ пардохта мешавад. Аммо оиди ин ягон хел ҳавасмандкунии дигари моддӣ, яъне

подош барои дар иштироки шахси холис, ки соатҳо дар вазъияти барои ӯ нофорам вақти қиммати худро гум мекунад, пешбинӣ нашудааст.

Дар моддаи 101-и Кодекси протсессуалии ҷиноятии РСС Тоҷикистон (с. 1961) пардохти подошро ба шахсони холис барои «аз машғулияти муқаррарии худ монданашон» пешбинӣ карда буд. Мо бояд фаҳмем, ки шахси холис агар ҳавасмандии моддӣ надошта бошад, бо чораҳои дар қонун пешбинишуда ӯро барои иштирок дар амалҳои тафтишӣ ҷалб кардан мушкил аст. Масалан: дар моддаи 131 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Русия (Уголовный процессуальный кодекс Российской Федерации, Москва, 2009, саҳ. 131-132) барои иштироки холисон подоши пулӣ пешбинӣ шудааст.

Навигарии дигаре, ки дар моддаи 183 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ин дар ҳолатҳои истисно (дар маҳалҳои душворгузар, ҳангоми мавҷуд набудани воситаҳои дахлдори иттилоот, инчунин дар ҳолатҳое, ки азназаргузаронӣ барои ҳаёт ва саломатии одамон хавфнок бошад) азназаргузаронӣ бидуни шахсони холис анҷом дода мешавад. Аммо, ба андешаи мо ин мафҳум такмилро меҳоҳад. Қонунгузор дар ин модда фақат манфиатҳои шахси холисро дар назар дошта, оид ба ҳаёт ва саломатии кормандони мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва умуман шахсоне, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ масъуланд, сарфи назар кардааст. Аз ин рӯ, бояд мафҳуми мазкур бо ворид намудани калимаҳои зайл ***«дар ҳолатҳои истисно дар маҳалҳои душворгузар, ҳангоми мавҷуд набудани воситаҳои дахлдори иттилоот, инчунин дар ҳолатҳое, ки азназаргузаронӣ барои ҳаёт ва саломатии одамон дар ҳақиқат хавфнок бошад ва барои гузаронидани ин ҳаракати мурофиавӣ вобаста ба категорияи ҷиноят зарурат набошад, бидуни азназаргузаронӣ анҷом дода шавад»*** пурра карда шавад.

Шахсони холис, бешубҳа намояндагони ҷамъият мебошанд, ки дар як вақт назорати ҷамъиятиро аз болои қонунӣ гузаронидани амалҳои муайяни тафтишӣ ба анҷом мерасонанд. Зарурати иштироки шахсони холисро дар амалҳои муайяни тафтишӣ, алалхусус дар санҷиши нишондод дар ҷои ҳодиса, ёфта гирифтан, кофтуков, нишондиҳии ашё барои шинохтан ва ғайра амалияи тафтишотӣ борҳо исбот намудааст. Бинобар он иштироки шахсони холис дар амалҳои тафтишӣ масъулияти муфаттишонро баланд бардошта, шахси холис метавонад диққати муфаттишро ба ҳолатҳое ҷалб намояд, ки аз назари мавсуф пинҳон мондааааст.

**ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ПОНЯТЫХ В УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОМ КОДЕКСЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

***Ключевые слова:*** *кодекс, уголовный процесс, участники уголовного судопроизводства, понятой, преступление.*

В статье речь идет об участниках уголовного судопроизводства – понятых; об их обязанностях и правовом положении, их участии в проведении процессуальных действий, при каких условиях они несут уголовную ответственность, о проблемах их участия в проведении процессуальных действий, не указанных в уголовно-процессуальном кодексе и решения их на практике, новшества, внедренные в УПК РТ в отношении понятых.

**LEGAL STATUS OF A CONCEPT IN THE CRIMINAL PROCEDURE CODE OF TAJIKISTAN**

***Keywords:*** *Code, Criminal Procedure, parties to criminal proceedings, witness a crime.*

The article focuses on the participants of criminal proceedings - witnesses, of their obligations and legal status, their participation in the proceedings, the conditions under which they are held criminally responsible, the problems of their participation in the proceedings other

than those specified in the Criminal Procedure Code and address them in practice, changes introduced in Criminal Procedure Code in respect of witnesses.

## ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ КОНСТИТУТСИЯ

🗁

**Раҷабов Р.М.***

***Вожаҳои калидӣ:*** *конститутсия, инкишоф, пайдоиш, давра, қонун, таърих*

Конститутсия истилоҳи лотинӣ constitution буда маънои муқарраркунӣ ё тасдиқкуниро дорад. Аммо мо имрӯз конститутси яро на бо ин маъно, балки ҳамчун Қонуни асосӣ ё ин ки Сарқонуни давлат медонем. Бинобар ин, савол ба миён меояд, ки аз кадом давра конститутсияро ҳамчун қонуни асосии давлат эътироф намудаанд, чунки он таърихи тӯлонӣ дошта бо маънои зикршуда дар таҷрибаи давлатдорӣ истифода бурда мешуд. Бояд қайд намуд, ки конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ на дар давлати ғуломдорӣ ва на дар давлати феодалӣ вуҷуд надошт.

Пайдоиши конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ мутобиқан ба давлати буржуазӣ, яъне аз вақти ба сари ҳокимият омадани синфи буржуазӣ хос мебошад. Аниқтараш пайдоиши конститутсия ҳамчун Қонуни асосӣ ба револютсияи буржуазӣ хос мебошад. Бинобар ин, аввалин Конститутсияи буржуазӣ дар маънои томаш Конститутсияи ШМА соли 1787 ва Конститутсияи Фаронса соли 1791 ба ҳисоб меравaнд. Аз ҳамон давра оғоз карда аввалин маротиба конститутсия шакли ягонаи Қонуни асосиро гирифта, ҳамчун сарқонуни ин ё он давлати алоҳида эътироф шуд.

Барои пурра ошкор намудани мафҳум, мазмун ва моҳияти Конститутсия аввалан мухтасар дар бораи инкишофи воқеии ҷараёни конститутсионӣ маълумот медиҳем. Бояд қайд кард, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ чор давраи асосии инкишофи конститутсияро фарқ ва ҷудо мекунанд.

**Давраи аввали инкишофи конститутсионӣ** аз охирҳои қарни XVIII оғоз гардида, то анҷомёбии ҷанги аввали ҷаҳон давом мекунад. Давраи аввали инкишофи конститутсионӣ ин давраи бунёд ва мустаҳкамшавии ҷомеаи буржуазӣ дар давлатҳои пешқадами Аврупо ва Амрико ба шумор меравад. Чуноне қайд намудем, давраи аввал аз қабули Конститутсияи соли 1787 ШМА ва Конститутсияи соли 1791 Фаронса оғоз мегардад. Дар Полша худи ҳамон сол (соли 1791) конститутсия қабул карда шуд. Баъдан дар давлатҳои амрикои лотинӣ, аз ҷумла, Конститутсияи Венесуэла соли 1811, дар давлатҳои Аврупоӣ бошад, соли 1831 дар Белгия конститутсия қабул карда шуд. Дар Канада соли 1867, дар Австралия соли 1900, конститутсия қабул карда шуд. Бояд қайд намуд, ки бунёди ҷараёни конститутсионӣ дар он давра хеле маҳдуд буда ва танҳо давлатҳои Аврупо ва Амрикоро фаро гирифта буд. Танҳо дар анҷоми ин давра аввалин маротиба Конститутсия дар давлатҳои Осиё, аз ҷумла, соли 1889 дар Япония, соли 1912 дар Хитой ва соли 1906 дар Эрон қабул карда шуд. Дар давлатҳои қитъаи африкоӣ бошад, соли 1847 дар Либерия ва соли 1909 дар Иттифоқи Африкои ҷанубӣ конститутсия қабул карда шуданд.

---

* *Раҷабов Р.М.* - сардори факултети № 1 Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия.

Бояд қайд кард, ки конститутсияҳои дар ин давра қабулшуда ҳамчун санади қонунӣ ё ҳуқуқӣ бояд то ҳадди максималӣ дахолати давлатиро ба ҳаёти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсият маҳдуд мекарданд. Конститутсия на танҳо доираи ҳокимияти давлатиро маҳдуд, балки тарзи бамалбарории ҳокимияти давлатиро бояд муқаррар мекард. Яъне оддитар карда гӯем, ин муқаррар намудани сарҳади ҳуқуқӣ байни доираи ҳокимияти олии давлатӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандонро дар назар дорад. Ин ҳолат мазмуни ҳуқуқи Конститутсияро муайян менамуд, ки меъёрҳои тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ ва вазъи ҳуқуқии шахсиятро ба танзим медаровард. Дар байни ҳуқуқу озодиҳое, ки конститутсияҳои давраи аввал мустаҳкам менамуданд ба ҳуқуқҳои фитрии инсон, ки аз вақти таваллуд ба ӯ тааллуқ дошта, диққати махсус дода мешуд.

**Давраи дуюми инкишофи конститутсионӣ** ду ҷанги ҷаҳониро дар бар мегирад, яъне аз оғози ҷанги якуми ҷаҳон то ба охир расидани ҷанги дуюми ҷаҳон. Яке аз хусусиятҳои ин давра дар он аст, ки ғалабаи револютсияи октябр дар Россия боиси пайдоиши типи нави давлатдорӣ, давлати сотсиалистӣ гардид ва дар баробари ин 10 июли соли 1918 дар Россия конститутсияи типи нави сотсиалистӣ қабул карда шуд, ки ин дар пешрафт ва демократикунонии конститутсияҳои он давра як такони муҳиме буд. Дар ин давра дар якчанд давлатҳо Олмон, Испания, Мексика, Тайланд, Эфиопия, Миср, Чехословакия, Югославия ва ғайраҳо конститутсия қабул карда шуданд, ки гарчанде қисми зиёди онҳо то анҷоми ин давра бекор карда шуданд. Бояд қайд кард, ки дар **конститутсияҳои давраи дуюм** ҷиҳатҳои нав, пеш аз ҳама, демократикунонии ташкили ҳокимияти давлатӣ ва ҳолати ҳуқуқии шахс тағйироти куллӣ дар сохтори иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа, ба танзимдарории падидаҳои нави низоми сиёсӣ (ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқи касаба), мустаҳкам намудани принсипҳои сулҳҷӯёна дар сиёсати берунаи давлат ва ғайраҳо дида мешуданд. Чуноне ки қайд кардем, пайдоиши ҳокимияти шӯравӣ ва қабули Конститутсияҳои соли 1918 РСФСР, солҳои 1924 ва 1936 ИҶШС дар модули конститутсионии давраи дуюм тағйироти куллӣ ба вуҷуд овард. Чунки масъалаҳои наве, ки ин конститутсияҳои шӯравӣ дар ин давра мустаҳкам менамуданд, барои конститутсияҳои он давра бегона буданд, аз ҷумла, принсипҳои нави ташкили ҳокимият, сохторҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа, ҳолати ҳуқуқии шахс ва муносибати он бо ҷомеа ва давлат, тамоми ҳокимият ба меҳнаткашон бо роҳбарии синфи коргар, низоми яккаҳизбӣ, ҳукмронии моликияти сотсиалистӣ дар иқтисодиёти давлатӣ ва ғайраҳо. Бояд қайд намуд, ки ин ғояҳои типи конститутсияи сотсиалистӣ дар Конститутсияҳои соли 1919 Маҷористон, солҳои 1921 ва 1940 Муғулистон ифодаи худро ёфтанд.

**Давраи сеюми инкишофи конститутсионӣ** аз анҷоми ҷанги дуюми ҷаҳон оғоз ёфта то охири солҳои 80-ум давом кард. Хусусияти **хоси давраи сеюм** асосан дар он зохир мегардад, ки баъди ҷанги дуюми ҷаҳон, ҷаҳон ба ду лагер - сотсиалистӣ ва капиталистӣ тақсим шудани давлатҳо ва дар баробари ин дар натиҷаи аз мустамлика озод шудани давлатҳои нав (зиёда аз 130 давлатҳои нави Африко, Осиё, Амрикои лотинӣ ва Океан) модулҳои гуногуни конститутсиониро ба вуҷуд оварданд. Бинобар ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ онро ба 3 намуд тақсим мекунанд: 1). Модули конститутсионии ғарб. 2). Модули конститутсионии сотсиалистӣ. 3). Модули конститутсионии нав, ки дар конститутсияҳои давлатҳои озодшуда (аз мустамлика) ифодаи худро ёфтааст. Ҳар як ин модулҳо дар навбати худ ба навъҳо ҷудо шуда ва тамоилҳои асосии инкишофи худро доштанд.

Дар модули конститутсионии ғарб давлатҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд: 1). Давлатҳое, ки конститутсияи пештараи худро бекор накарда, танҳо ба он тағйироту иловаҳо дохил намуданд. Ин намуди конститутсияро одатан конститутсияҳои куҳан меноманд (ШМА, Швейтсария, Финландия, Белгия, Канада ва ғ.). 2). Давлатҳое, ки баъди ҷанги дуюми ҷаҳон конститутсияҳои нави худро қабул намуда, конститутсияҳои пештараро бекор намуданд (РФГ, Юнон, Италия, Испания,

Португалия, Япония, Фаронса солҳои 1946 ва 1958). **Ин конститутсияҳоро конститутсияҳои давраи нав ё ин ки давраи дуюм меноманд.**

Дар гурӯҳи конститутсияҳои модули ғарб дар ин давра дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд, яъне конститутсияҳо сифатҳои нисбатан нав пайдо карданд. Аз ҷумла, конститутсия на танҳо қонуни асосии давлат, балки бо як дараҷаи муайян ба қонуни асосии ҷомеа низ мубаддал гашт. Вобаста ба ин танзими конститутсионии муносибатҳои байни давлат, ҷомеа ва шахсият низ тағйир ёфтанд. Конститутсияҳои нави дар ин давра қабулшуда доираи дахолати давлатиро дар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа васеъ намуда, дар баробари ин ӯҳдадории давлатро дар назди ҷомеа ва аъзоёни он дучанд намуд.

Модули дуюми конститутсионии давраи сеюм ин модули сотсиалистӣ ҳисобида мешуд. Бояд қайд намуд, ки баъди ҷанги дуюми ҷаҳон давлатҳои нави сотсиалистӣ ташкил шуданд, ки онҳо лагери давлатҳои сотсиалистиро дар бар мегирифтанд. Асоси модули сотсиалистиро Конститутсияи Шӯравӣ, пеш аз ҳама, Конститутсияи соли 1936 ИҶШС ташкил мекард. Ба модули сотсиалистӣ Конститутсияҳои Албания, Булғория, Маҷористон, Ветнам, Ҷумҳурии Демократии Германия (РДГ), Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея (РХДК), Хитой, Куба, Полша, Руминия, Чехословакия, Югославия ва Муғулистон дохил мешуданд. Аз ин лиҳоз ин модул, низ ба ду навъ тақсим карда мешуд, яъне конститутсияи Шӯравӣ (дар баробари конститутсияи ИҶШС, инчунин конститутсияи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва автономӣ мавҷуд буданд) ва конститутсияҳои давлатҳои сотсиалистӣ. Дар ин модули конститутсионӣ асосан ба танзимдарории конститутсионии сохти давлати сотсиалистӣ ва бартарияти он бештар диққати махсус дода мешуд. Дар анҷоми ин давра дар Булғория соли 1971, Ҷумҳурии Демократии Германия (РДГ) соли 1968 ва ИҶШС соли 1977 конститутсияҳои нав қабул карда шуданд.

**Модули конститутсионии давраи сеюмро** конститутсияҳои типи нав - конститутсияҳои давлатҳои аз зери мустамлика озодшуда ташкил мекунанд. Бояд қайд намуд, ки дар модули сеюми конститутсионӣ таъсири ду модули аввала - модули конститутсионии **ғарб ва сотсиалистӣ** дида мешуд. Аз ин рӯ, ин гурӯҳи давлатҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекарданд: 1). Давлатҳои ориентатсияи сотсиалистӣ. 2). Давлатҳои ориентатсияи капиталистӣ. Ҷолиби қайд аст, ки қабули конститутсия дар давлатҳои озодшуда на танҳо рамзи соҳибистиқлолияти онҳоро, балки мустақилияти ин давлатҳоро ҳамчун аъзоёни баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ таҷассум менамуд.

**Давраи чоруми инкишофи конститутсиониро** давраи ҳозира меноманд, ки он аз охирҳои солҳои 80-ум оғоз гардида, то ҳол амал карда истодааст. Оғози ин давра асосан ба пошхурии давлати Шӯравӣ ва заволи давлатҳои хориҷии сотсиалистӣ вобастагӣ дорад.  Баъди барҳам хӯрдани давлати Шӯравӣ ҳамаи 15 ҷумҳурияҳои иттифоқӣ истиқлолияти худро эълон намуда, хамчун давлатҳои мустақил аъзои баробарҳуқуқӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ гардиданд. Дар баробари ин давлатҳои хориҷии сотсиалистӣ (ба истиснои Хитой, Куба, Кореаи Шимолӣ ва Ветнам) барҳам хӯрда аз ин низом даст кашиданд. Баъди пеш гирифтани бунёди ҷомеаи демократӣ онҳо конститутсияҳои нави худро дар асоси модули конститутсионии ғарб қабул намуданд.

Аз 15 ҷумҳурии собиқи Шӯравӣ моҳи декабри соли 1991 - 12 тоаш шакли нави ҳамкорӣ - Иттиҳоди давлатҳои мустақилро ташкил намуданд (ба ғайр аз ҷумҳуриҳои назди Балтика). Баъди истиқлолияти хешро эълон намудан дар ин ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ масъалаи тайёр ва қабул намудани конститутсия ба миён омад. Ҷумҳуриҳои назди Балтика, Латвия, Литва ва Эстония ҳанӯз соли 1992 конститутсияҳои худро қабул намуданд. Дар дигар ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ, аз ҷумла: дар Туркманистон 18 майи соли 1992, Ӯзбекистон 08 декабри соли 1992, Россия 12 декабри соли 1993, Молдова 29 июли соли 1994, Қирғизистон 05 майи соли 1995, Арманистон 05 июли соли 1995, Гурҷистон 24 августи соли 1995, Қазоқистон 30 августи соли 1995, Озорбойҷон 12 ноябри соли 1995, Украина 28 июни соли 1996 ва Ҷумҳурии Беларус 24 ноябри соли 1996 Конститутсияҳои худро қабул карданд. Бояд

қайд намуд, ки дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Беларус дар давраи истиқлолияташон ду маротиба конститутсия қабул карда шуд. Ҷумҳурии Қазоқистон 18 январи соли 1993 ва Ҷумҳурии Беларус 15 марти соли 1994. Дар ин конститутсияҳои нави собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ чунин масъалаҳои муҳим, аз ҷумла соҳибихтиёрии давлатдории миллӣ, модулҳои нави инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, падидаҳои нави ҳокимияти давлатӣ, ишкишоф ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ва ғайраҳо ифодаи худро ёфтааст.

Дар баробари дигар ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ баъди пошхӯрдани ИҶШС, Ҷумҳурии Тоҷикистон 09 сентябри соли 1991 истиқлолияти хешро эълон намуда ба давлати мустақил табдил гардид. Бояд қайд кард, ки яке аз масъалаҳои муҳиме, ки соҳибихтиёрии пурраи ҳақиқии Тоҷикистонро бояд қонунӣ мегардонд, ин қабули конститутсияи нави Тоҷикистон буд. Аз ин лиҳоз, масъалаи тайёр ва қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Конститутсияи ҳоло амалкунандаи Тоҷикистон, ки 06 ноябри соли 1994 қабул шуд, ҷараёни тайёр ва қабули он якчанд марҳиларо аз сар гузаронид.

Шӯрои Олии Тоҷикистон 24 августи соли 1990 Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистонро қабул намуд. Ҳангоми қабул намудани ин ҳуҷҷати муҳим Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС дохил мешуд. Қабули эъломияи мазкур қадами аввал оид ба тайёр намудани лоиҳаи нави Конститутсияи Тоҷикистон гардид. Дар иҷлосияи Шӯрои Олӣ моҳи августи соли 1990 комиссияи Конститутсионӣ таъсис дода шуд, ки он лоиҳаи Конститутсияи нави ҶШС Тоҷикистонро дар давоми як сол тайёр намуд. Аммо сабаби ба таъхир андохтан ва қабул намудани ин лоиҳаи Конститутсия бетартибиҳои сиёсӣ августи соли 1991 ва пошхӯрии ИҶШС гардид. Эълон шудани истиқлолияти Тоҷикистон боиси ба миён омадан, коркарди лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шуд. Аз ин рӯ, 03 январи соли 1992 бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати комиссияи конститутсионӣ тағйирот дароварда шуд. Баъдан бо Фармони Президенти ҳамон вақта Раҳмон Набиев 10 феврали соли 1992 гурӯҳи корӣ дар ҳайати 9 нафар ташкил дода шуд. Гурӯҳи кории мазкур лоиҳаи нави Конститутсияро тайёр намуда моҳи апрели соли 1992 ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 1992 лоиҳаи Конститутсияро маъқул дониста ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намуд. Аммо оғози ҷанги гражданӣ имконият надод, ки лоиҳаи Конститутсия аз тарафи халқ пурра муҳокима гардад. Бинобар ин, кор аз болои лоиҳаи Конститутсия қатъ гардонида шуд.

Танҳо масъалаи аз нав тайёр кардани лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйир додани ҳайати комиссияи конститутсионӣ дар Иҷлосияи Шӯрои Олӣ 26 июни соли 1993 ба миён омад ва бо Қарори Шӯрои Олӣ ҳайати комиссияи конститутсионӣ дар ин иҷлосия тағйир дода шуд ва раиси комиссияи конститутсионӣ Эмомали Шарипович Раҳмонов интихоб гардид. Аввалин маҷлиси комиссияи конститутсиионӣ 04 сентябри соли 1993 барпо гардид, ки дар он ду гурӯҳи кории нав ташкил дода шуд. Моҳи апрели соли 1994 гурӯҳҳои корӣ ду варианти лоиҳаи Конститутсияро, ки яке аз варианти лоиҳаи конститутсия ҷумҳурии президентӣ, дигаре ҷумҳурии парлумониро ба комиссияи конститутсионӣ пешниҳод намуданд ва дар натиҷа лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ маъқул дониста шуд. Бо қарори Раёсати Шӯрои Олӣ лоиҳаи Конститутсия барои интишор ва муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод карда шуд. Лоиҳаи Конститутсия 21-22 апрели соли 1994 дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои расмӣ интишор гардид ва муҳокимаи он то моҳи июли соли 1994 давом кард. Дар иҷлосияи 19 Шӯрои Олӣ 21-22 июли соли 1994 лоиҳаи Конститутсия бо пешниҳоду таклифҳо муҳокима шуда, барои қабул кардани он дар райъпурсӣ қарор кард ва рӯзи қабули он 25 сентябр муайян карда шуд.

Бо қарори Иҷлосияи 20 Шӯрои Олӣ аз 07 сентябри соли 1994 мӯҳлати гузаронидани райъпурсӣ то 06 ноябри соли 1994 дароз карда шуд.

Ҳамин тариқ, дар райъпурсии 06 ноябри соли 1994 Конститутсияи аввалини соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар райъпурсӣ

шаҳрвандони Тоҷикистон хеле фаъолона иштирок намуданд. Дар он 94,4 фоизи интихобкунандагон иштирок намуданд, ки аз он 87,59 фоиз тарафдори қабули Конститутсия овоз доданд. Рӯзи 06 ноябри соли 1994 рӯзи қабули Конститутсияи соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол бо тантана қайд карда мешавад.

Конститутсияи соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муқаддима, 10 боб ва 100 модда иборат мебошад, ки он чунин масъалаҳои муҳимро мустаҳкам менамояд, аз ҷумла: асосҳои сохтори конститутсионӣ, асосҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, инчунин низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайраҳо.

Муносибатҳои интизомии дуруст ба роҳ мондашудаи байни роҳбарон ва тобеон дар мақомоти корҳои дохилӣ алоқаи ташкилотии доимӣ, эътимоднок ва устуворро байни субъектон ва объектони идоракунӣ таъмин мекунанд. Интизом ба шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунанда, бечуну чаро, риоя намудани меъёрҳои баамалбарории фаъолияти оперативӣ – хизматиро, ки аз ҷониби қонунгузор ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд, дастур медиҳад.

Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми зерини интизоми хизматиро пешбинӣ намудааст: *интизоми хизматӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, риояи иҷро намудани тартибу қоидаҳои иҷрои вазифаҳои ба ӯҳдаи онҳо гузошташуда ва амалӣ намудани ваколатҳои доштаашонро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардорони бевоситаи онҳо, қарордод дар бораи хизмат муайян намудааст, ба танзим медарорад*[1].

Дар мақомоти корҳои дохилӣ интизоми хизматӣ ҳар як кормандро ӯҳдадор месозад, ки Конститутсия (Сарқонун) ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро қатъиян риоя намояд, фармонҳои сардорон ва ӯҳдадориҳои вазифавии худ, инчунин, функсияи ҳифзи ҳуқуқиро софдилона иҷро намояд, эҳтироми сардорон ва кормандоне, ки дорои рутбаҳои калон мебошанд, ба ҷо оварад. Интизоми хизматӣ риояи бенуқсони тарзи либоспӯшӣ, додани саломи ҳарбӣ, дигар қоидаҳои этикети хизматиро талаб менамояд. Риоя намудани интизоми хизматӣ аз ҷониби корманд дар рафти амалӣ намудани фаъолияти хизматӣ ба баланд гаштани кордонии касбӣ, поквиҷдонӣ, ҷасурӣ, фидокорӣ, ҳушёрӣ ва маҳорати касбӣ оварда мерасонад.

Интизоми хизматӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ бо системаи мунтазами ба нақша гирифташудаи чорабиниҳои тарбиявӣ ва ташкилӣ – оинномавӣ таъмин мегардад, ки аз ҷониби роҳбарони тамоми зинаҳо пайваста амалӣ гардонида мешавад. Амалӣ намудани ин чорабиниҳо муҳити ахлоқӣ – солимӣ хизматии интизомнокии кормандонро мунтазам баланд мебардорад (бо масъулият муносибат намудан ба иҷрои қарзи хизматӣ ва граждани, методҳо, тарзҳо ва натиҷаҳои иҷроиши вазифаҳои оперативӣ – хизматии ба душ гирифташуда). Фаъолият оид ба гузаронидани корҳои инфиродӣ бо кормандон, боварии ботинии кормандро ҷиҳати тарбия намудани интизомнокии шахсӣ, зарурияти риояи қатъии талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, қарзи гражданӣ ва хизматиро ташаккул медиҳад.

Дар мақомоти (воҳидҳо) корҳои дохилӣ масъулият барои вазъи риоя намудани интизоми хизматӣ пурра ба роҳбари он (сардорон) вогузор карда шудааст. Вай

---

[1] Ниг.: Банди 28 Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2005 таҳти №137.

ӯҳдадор аст, ки ба зердастони худ дар масъалаҳои риоя намудани интизоми хизматӣ серталаб бошад. Дар баробари ин роҳбар ӯҳдадор аст:

- ба тобеон шароитҳои зарурирo барои меҳнат, истироҳат ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусиашон муҳайё намояд;
- дар тобеон ҳисси масъулиятро барои иҷро намудани ӯҳдадориҳои хизматӣ тарбия намояд;
- фаъолияти хизматии тобеонро объективона баҳогузорӣ намояд;
- шаъну шараф ва қадру қимати тобеонро эҳтиром намояд;
- дар амалӣ намудани фаъолияти хизматиаш ба хешу таборчигӣ ва таъқиб намудани кормандон аз рӯи хусумати шахсӣ, ё ин ки барои озодона баён намудани ақидаҳояшон оид ба камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти хизматии мақомоти корҳои дохилӣ роҳ надиҳад.

Дар ин хусус Хокироев Р.Г дуруст қайд намудаанд, ки агар сардор нисбати тобеон ҳалиму хушмуомила бошад серталабии асоснок зоҳир намояд, кормандон аз ӯ намеранҷанд, балки эҳтиромашро ба ҷо меоранд, дилашон барои иҷрои вазифаи худ гарм мешавад ва супоришро бо дилу ҷон иҷро мекунанд, ҳамзамон танбалу коргурезон ва қоғазбозонро маҳкум менамоянд. Баръакс агар сардор беҳудаву беҳуда ба коркунон дағалӣ, сахтгири карда, нисбати шахсияти онҳо нописанди зоҳир намояд, пас онҳо аз кор дилсард шуда, ба иҷрои супориш чандон рағбат пайдо намекунанд ва (баръакс) баъзеҳояшон, ҳатто, мехоҳанд, ки аз ин муассиса ё ташкилот аз чунин сардор тамоман дур шаванд[259].

Дар ҳақиқат дараҷаи таъмини интизоми хизматӣ дар воҳидҳои МКД аз як қатор хусусиятҳои хоси роҳбар вобастагӣ дорад, ба мисоли: моҳирона истифода бурдани ваколатҳои салоҳиятӣ; ҳавасмандгардонӣ ва таъйини ҷазо; сифатҳои фармондиҳии ӯ (дониш, малака ва маҳорат); обурӯи касбӣ ва ахлоқӣ.

Барои дар воҳидҳо ташкил намудани муҳити корӣ ва баланд бардоштани интизоми хизматӣ, намуна будани роҳбар дар амалӣ намудани фаъолияти хизматӣ, беғаразӣ ва фидокорӣ дар амалӣ намудани қарзи хизматӣ, риояи принсипҳои қонуният ва адолат, содиқ будан ба халқ аҳамияти муҳим дорад.

Одоби муошират хизматӣ, ки нақши муҳими қисмати маданияти ташкилиро мебозад, ба муттаҳид кардан ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти оперативӣ – хизматии ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат мекунад, то ҳол ба урфу одат ва маросимҳое, ки дар даврони шӯравӣ ба вуҷуд омадаанд, асос ёфтааст. Айни замон ин ба аксарияти ҳайати шахсӣ, хусусан кормандони ҷавон ношинос ва бегона мебошад, чунки дар шароитҳои нави иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ мутаассифона ба ин масъала диққати зарурӣ дода намешавад.

Интизоми хизматӣ ва қонуният ба ҳамдигар зич алоқамандaнд. Дар вақти амалӣ намудани фаъолияти хизматӣ, корманди мақомоти корҳои дохилӣ бояд воситаҳо, қоидаҳои мурофиавӣ ва тарзҳои тактикиро, ки бо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, ё ин ки иҷозат дода шудаанд, риоя намояд. Тамоми талаботҳои қонуният, ки ба хизматчиёни давлатӣ нигаронида шудаанд ва дар навбати аввал ба онҳое, ки хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбиро мегузаранд, дар як вақт мазмуни интизомро низ таркиб медиҳанд. Аз тарафи дигар, меъёрҳои интизомӣ метавонанд, ҳамчунин дар талаботҳои ахлоқӣ, маросимҳои хизматӣ, расму оинҳо, одоби муошират ва анъанаҳо, ки мустақиман бо фармоишҳои ҳуқуқӣ ба тартиб андохта нашудаанд, асоснок карда шаванд[260].

Қонуният дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун бемайлон иҷро намудани қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад[261]. Онро ҳамчунин ба

---

[259] *Хокироев Р.Г.* Сардор ва одоби муошират. Осори Академия. № 1(13). – Душанбе, 2010. - С.114.

[260] Обеспечение законности в деятельности органов внутренних дел. // Под ред. В.В. Лазарева, В.С. Афанасьева, Н.Л. Грант. – М., 1993. – С. 5.

[261] *Атаманчук Г.В.* Теория государственного управления. – М., 2005. - С. 309.

монанди низоми қоидаҳо, меъёрҳо, воситаҳо ва кафолатҳои юридикии бо сохторҳои давлатии ба онҳо мувофиқ маънидод мекунанд, ки барои амалан таъмин намудани баамалбарории қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ даъват шудааст. Қонуният дар вақти иҷро кардани ӯҳдадориҳои хизмати давлатӣ иродаи зарурии муносибатҳои байни ҳокимият ва шаҳрвандон ва ҷамъиятро ба пуррагӣ ташкил мекунад, ки эътиборнокӣ ва самарабахшии идоракунии иҷтимоиро таъмин мекунанд[262].

Қонуният дар як вақт принсипи универсалии конститутсионӣ ва умумиҳуқуқӣ мебошад, ки риоя намудани он дар фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни онҳо, инчунин, корхонаҳо ва ташкилотҳо (новобаста аз шакли моликият ва шакли ташкилӣ – ҳуқуқӣ), роҳбарони онҳо, шаҳрвандон, хориҷиён ва апатридҳо ҳатмӣ мебошад. Қонунияти ҳақиқӣ фақат дар давлати демократии ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ таъмин буда метавонад, ки бечуну чаро афзалияти ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсонро дар ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф мекунад ва ба ӯ ҳаёти арзандаро дар муносибатҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ахлоқӣ–фарҳангӣ таъмин мекунад[263]. Давлати босамар, ки муносибатҳои худро бо шахсият дар асоси эътирофи аҳамияти баланди арзишҳои қонунии он ба роҳ мемонад, кафили беҳбудии иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрвандони худ баромад мекунад. Давлати демократии муосире, ки дар таҷрибаи ҳаррӯзаи худ ҳуқуқ ва озодиҳои гражданӣ ва сиёсиро татбиқ накардааст, ҳамчун давлати ҳуқуқии беназир, вуҷуд дошта наметавонад[264].

Фикрҳои олимони дар боло қайд карда шударо дастгирӣ намуда, нисбат ба таъмин намудани қонуният дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ қайд намудан зарур мешуморем, ки қонуният яке аз принсипҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ буда, аз ҳар як корманд иҷроиши дурусти қонунҳо ва санадҳои меъёрии идоравӣ, азхудкунӣ ва дар фаъолияти хизматии худ истифодабарии донишҳои ҳуқуқӣ, рафторҳои қонуниро чӣ дар вақти иҷро намудани фаъолияти хизматӣ, ҳамчунин берун аз хизмат, огоҳонӣ ва пешгирикунии ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони мансабдорро талаб менамояд. Вайрон намудани принсипи қонуният, ки аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми баамалбарории фаъолият оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқ роҳ дода мешаванд, дар фарқият аз ҳуқуқвайронкунӣ ва интизоми хизматӣ ҳама вақт дар таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ба таври манфӣ таъсир расонида, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳоро маҳдуд менамояд.

Қабули номзадҳо ба хизмат маросими муҳими кадрӣ ба шумор меравад, чунки ин маросим барои бартараф кардани дохил гардидан ба мақомоти корҳои дохилӣ, намояндагони гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор ва шахсоне, ки ба мақомот бо мақсади ғаразнок ва дигар мақсадҳои зиддиҷамъиятӣ, монеъ мегардад[265].

Ба сифати чорабиниҳои профилатикии пешакӣ оид ба огоҳкунонии эҳтимолиятӣ аз ҷониби ин корманд дар оянда вайрон намудани интизом ва қонуният, хиёнат намудан ба Савганди хизматӣ[266] ва даст задан ба амалҳои коррупсионӣ, дар рафти омӯзишӣ номзад ба хизмат зарурият пеш меояд, ки ба як қатор хусусиятҳояш аҳамияти ҷиддӣ дода шавад, хусусан:

**1.** Дар бораи сатҳи шуури ҳуқуқии номзад, хусусан доштани донишҳои аниқ дар бораи соҳаҳои ҳуқуқҳои конститутсионӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, мурофиавӣ- ҷиноятӣ,

---

[262] *Алехин А.П., Кармолицкий А.А.* Административное право России. - М.: ЗЕРЦАЛО-М., 2004. – С. 155.

[263] *Берекашвилли П.Ш.* Обеспечение прав человека и законности в деятельности правоохранительных органов. – М., 2001. – С. 127.

[264] Гражданские права человека: современные проблемы теории и практики / Под ред. *Ф.М. Рудинского*. – М.: Мир, 2006. – С. 345 – 346.

[265] *Алтухов С.А.* Преступления сотрудников милиции. – СПб., 2001. – С. 175

[266] Савганди ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии *Тоҷикистон* / Бо қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 1995 таҳти №167 тасдиқ карда шудааст.

гражданӣ, оилавӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ, аз он ҷумла доштани донишҳо дар бораи ҳуқуқи инсон ва роҳҳои шаклу усулҳои таъмини он.

**2.** Муайян намудан зарур аст, пештар номзад аз ҳисоби коллективҳое, ки дар он ҷо таҳсил ва ё кор намудааст, дар таъмин намудани ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҷалб карда шудааст, ё не, инчунин, оид ба иҷрои қарзи шаҳрвандии худ нисбати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо чи гуна кӯшишҳо ба харҷ додааст, ё не? Ҳамзамон муайян намудан зарур аст, ки дар давоми зиндагиаш барои барқарор намудани адолат ҳаракат намудааст, ё не?

**3.** Омӯхтани муносибати номзад нисбат ба этикаи меҳнатӣ, кори вазифаи додашударо пеш аз мӯҳлат иҷро намуданаш, муносибат ба таҳсил, муносибаташ нисбат ба хизмати ҳарбӣ. Тайёрии номзад барои иҷро намудани вазифаҳои муҳим. Сарфакорона тақсим намудани вақти корӣ, масъулиятшиносӣ, фикр намудани номзад дар бораи обурӯю эътибори корхона ё муассисае, ки пеш дар он фаъолият менамуд ва дигар муносибатҳои шахсии номзад.

**4.** Муайян намудан зарур аст, ки дар ҷойи кори пештара ё таҳсилаш бо ҳамкасбонаш, роҳбараш, омӯзгоронаш чӣ гуна муносибатҳо дошт. Кадом намуди низоъҳо бо иштироки номзад сар мезаданд ва дар ка-домашон ширкат меварзид ва бо кадом тарз онҳо ҳалли худро меёфтанд? Оё дар қатори принсипнокиаш ӯ қобилияти ба гап даромадан ва боақли зоҳир намудан, ба мизи гуфтушунид нишастан, созиш ва ҳамкорӣ карданро метавонад ё не?

**5.** Фаҳмидан лозим, ки дар зери истилоҳи ватандӯстӣ, ибораҳои қарзи гражданӣ, хизмат намудан ба қонун, халқ ва давлатро ӯ чӣ гуна тасаввур менамояд?

**6.** Сарчашмаҳои ҳақиқӣ, ҳаҷм ва қонунӣ будани даромадҳо, шароити моддии ҳаёти номзад, аъзоёни оилаи он ва шахсони аз муҳити маишӣ ва фарҳангӣ – фароғатӣ будани ӯро муқаррар кардан лозим. Муайян намудан зарур аст, ки аз рӯи кадом ченакҳо ӯ барои худ дӯстонро интихоб мекунад, кадом манфиатҳо, шавқу ҳавас, ақидаҳо, инчунин, шакли машғулиятҳо ва гузаронидани вақти холигӣ онҳоро муттаҳид мекунад? Сатҳ ва хусусияти тараққиёти фарҳангӣ ва ҷисмонии номзад, муносибат ба тарзи ҳаёти солим, одатҳо ва расму оинҳо, тарз ва мунтазамии азхудкунии донишҳоро муайян намудан мувофиқи мақсад ба ҳисоб меравад.

**7.** Хулоса кардан дар бораи муносибати номзад ба иҷрои софди-лонаи ӯҳдадориҳои шахсии худ ва ӯҳдадориҳои молу мулкӣ дар назди хешу табор, шиносон ва одамони бегона. То чӣ андоза ӯ шароити ҳаёти ояндаи худ ва фаъолияти хизматиро айнан тасаввур мекунад? То чӣ андоза барои ӯ тайёрӣ ба иҷро кардани корҳои гуногун, аз ҷумла намудҳои номуносиб ва вазнин хосанд? Оё ӯ барои ёрӣ расонидан ба ҳамкасбон дар ҳалли проблемаҳои мураккаб ва меҳнатталаб тайёр аст? Пешгӯӣ кардани тайёр будан ва қобилияти зиндагӣ кардани ӯ бо таъминоти пулии корманди мақомоти корҳои дохилӣ.

**8.** То чӣ андоза тасаввуроти ӯ ба фаъолияти оянда мувофиқат мекунад, оё ӯ тамоми талаботҳои интизомӣ, душвориҳо, маҳрумиятҳо, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва этикиро, ки хизмати оянда ба вуҷуд меорад, дарк мекунад? Хешу табор, дӯстон ва рафиқаҳо кӯшиши ба хизмати ҳифзи ҳуқуқ дохил шудани ӯро чӣ хел баҳо медиҳанд? Аз рӯи ақидаҳои онҳо, чӣ хел хатарҳо, мушкилиҳо ва бартариятҳо, касби интихобкардаи номзад меоварад ва оё онҳо асосноку басанда ва ба неъматҳои ба даст оварда мувофиқ мебошанд?

**9.** Муайян намудан зарур аст, ки номзад хизматиояндаи худро чӣ гуна тасаввур мекунад. Оё ӯ мақсади муайяни баланд бардоштани кордонии худ, асос гузоштан барои ноил гаштан ба зинаҳои баланди касбиро дорад? Дар рафти гузаштани хизмат кадом проблеммаҳои ҳаётии худро мақсади ҳал намудан дорад? Ҳастанд кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқие, ки барои номзад ҳамчун намунаи ибрат бошанд.

**10.** Диққати махсус ба қобилияти номзад оид ба кӯтоҳ, фаҳмо ва боварибахш баён намудани фикри худро изҳор намудан. Ҳамзамон муайян намудан лозим аст, ки номзад қобилияти зуд дарк намудани проблемаҳое, ки дар амалӣ намудани фаъолияти хизматиаш дар оянда пешмеомадаро дорад? То чӣ андоза ӯ бо атрофиён

хушмуомила, кушода ва ҳаматарафа дар муомила мебошад? Кадом тарзи либоспӯшӣ, ашёҳои истифодабарии шахсиро афзалтар медонад, оё ба дабдабаи зоҳири майл дорад? Оё намуди зоҳирии номзад дуруст мебошад ва ба талаботҳои зоҳирии хизматчии давлатӣ мувофиқат менамояд ё не.

Ҳангоми ташкили таъсиррасонии тарбиявӣ-профилактикӣ ба ҳайати шахсӣ, аз рӯи қоидаҳои муайяни принсипиалӣ амал намудан мувофиқи мақсад аст.

Корманд ба адои вазифа шурӯъ намуда, ба худ ӯҳдадорӣ бар душ мегирад, ки ба стандартҳо ва принсипҳои баланди этикӣ пайравӣ менамояд[267]. Манфиатҳои шахсии ӯ барои иҷро накардан, ё ин ки ба таври лозимӣ иҷро кардани ӯҳдадориҳои хизматӣ асос буда наметавонанд, онҳо барои баамалбарории фаъолияти самарабахши ҳифзи ҳуқуқӣ бояд монеъ нашаванд. Тамоми қарорҳо бояд объективона ва беғаразона, вобаста аз вазифаҳои зарурияти таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, бо назардошти манфиатҳои давлатӣ ва хизматӣ қабул карда шаванд. Дар баробари ин кормандон набояд ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои хизматии худ мақсадҳои ғаразнок дошта бошанд. Ҳайати шахсӣ на танҳо аз ҳамагуна сӯиистифода аз вазифаи хизматӣ, балки аз амалҳое бояд канорачӯйӣ намоянд, ки ба обурӯю эътибори мақомот метавонад таъсири манфӣ расонад[268].

Номзад дар рафтори худ бояд бетарафии мутлақи сиёсӣ зоҳир намояд, аз баён намудани фикрҳо, мулоҳизаҳо ва баҳогузорӣ нисбати фаъолияти мақомоти давлатӣ ва роҳбарони он худдорӣ намояд, агар ин ба доираи ӯҳдадориҳои хизматии ӯ надароянд. Ҳар як кирдори худро корманд бояд аз нуқтаи назари зарурати баланд бардоштани обурӯи ҳокимияти давлатӣ ва боварӣ ба он аз ҷониби аҳолӣ, ташаккули обурӯю эътибори мусбии корманди мақомоти корҳои дохилӣ, хизмати доимӣ ба қонун, халқ ва ҳар як инсон дар алоҳидагӣ баҳогузорӣ кунад.

Вобаста аз хусусиятҳои хоси фаъолияти оперативӣ – хизматии мақомоти корҳои дохилӣ нисбати кормандони он як қатор талаботҳо баён карда мешаванд:

- Кормандон ӯҳдоранд, ки аз манфиатҳои ғайриқонунии ба онҳо пешниҳодшаванда даст кашанд, оид ба муайян намудани шахсоне, ки чунин пешниҳод кардаанд, чораҳо андешанд, дар ин бора дарҳол роҳбари бевоситаашонро хабардор намуда, дар оянда мутобиқи қонун, қоидаҳои этикӣ ва супоришҳои гирифташудаашон амал намоянд. Алоқаҳои минбаъда бо шахсе, ки манфиатҳои номуносиб пешниҳод кардааст, метавонанд танҳо бо зарурати хизматӣ асоснок карда шаванд[269].
- Нигоҳ доштани муносибатҳо, ки бевосита ба манфиатҳои фаъолияти хизматӣ алоқаманд нестанд, бо шахсоне, ки худро бо ҷиноятҳо ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ бадном кардаанд, инчунин, бо собиқ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбие, ки барои кирдорҳои хизматӣ хориҷ карда шудаанд, тавсия дода намешавад.

---

[267] *Ноздрачев А.Ф.* Государственная служба. – М., 1999. – С. 289.

[268] Ҳамингуна қоидаҳо муқаррар карда мешаванд, мисол, «Қонун дар бораи этика дар давлат» (ШМА, 1978 с.). Кодекси этикаи политсияи Америка, ки риоя карданашро корманди нав қабулшуда зери савганд ӯҳдадор мешавад, аз ӯ ҳаёти шахсии доғдорнашуда, намуна будан барои ҳама, доимо дар бораи беҳбудии дигарон фикр кадан, дар фикр ва дар корҳо бовиҷдон будан, чӣ дар ҳаёти шахсӣ, ҳамчунин, хизматро талаб мекунад. Ӯ набояд роҳ диҳад, ки ба қарорҳои қабулнамудаи ӯ ҳиссиёти шахсӣ, ақидаҳои нодуруст, ҳисси душмано-на, ё ин ки дӯстона таъсир расонанд. Ӯҳдадор аст, ки дар ҳаёт қонунро бе тарс ва ғараз, бе кина ва иродаи бад татбиқ намояд. Лоиҳаи кодекси этикаи политсияи Белгия талаб мекунад, ки муносибати афсарон бо ҳукуматдорон, муассисаҳо ва шаҳрвандон аз ҷиҳати хубӣ ва самимона қайд шуда бошанд. Афсарон бояд аз ҳамагуна амалҳое, ки метавонанд ба эҳтимолият дар бораи беғаразии онҳо зарар расонад, худдорӣ намоянд (Николайчик В.М. Полиция: структура и функции // США: Экономика, политика, идеология. – 1990. - №8. – С. 37; Международный семинар по проблемам полицейской этики. – М., 2003. – С. 37, 38).

[269] *Габричидзе Б.Н., Чернявский А.Г.* Служебное право. – М., 2003. – С. 30

- Бо амалҳои хеш дар хизмат ё ин ки берун аз он корманд набояд шароите фароҳам оварад, ки аз шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ дар вобастагии молиявӣ ё ин ки дигар намуди вобастагӣ қарор гирад.
- Ба муносибатҳои шахсӣ ё ин ки молу мулкии берун аз хизмат (аз ҷумла бастани созишномаи гражданӣ – ҳуқуқӣ) даромадан, инчунин, гирифтани хизматрасониҳо ва тӯҳфаҳо ё ин ки мол ва ашёҳо барои истифода аз шахсоне, ки гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогар ё ин ки ҷавобгар, ҳимоятгар ва намояндагони онҳо, ё ин ки шахсони ба сифати эксперт ва мутахассисон ҷалб карда шуда, оид ба парвандаҳо ва маводҳои тафтишшуда истода мебошанд, ки дар мақомот, муассисае, ки дар онҷо корманд дар хизмат аст, манъ аст. Чунин муносибатҳо инчунин бо шахсоне, ки нисбаташон функсияи ҳокимиятӣ ва назоратӣ (назоратбаранда) мақомот ё ин ки муассисаҳое паҳн карда мешаванд, ки дар онҷо корманд хизматашро ба пеш мебарад, бояд истисно карда шаванд.
- Корманде, ки ғайриқонунӣ ба шаҳрвандон зарари моддӣ, ҷисмонӣ ё ин ки маънавӣ расонидааст, ӯҳдадор аст тамоми чораҳои аз ӯ вобастабударо барои пурра ва зуд ҷуброн кардани ин зарар, андешад. Роҳбарони мақомот, хизматҳо, воҳидҳо низ бояд ба ҷабрдидагон ёрии психологӣ расонида, аз кирдорҳои содирнамудаи ғайриқонунии зердас-тонашон узрпурсӣ намоянд, дар вақти зарурӣ воситаҳоро барои ҷуброни моддии ба ҷабрдидагон расонидашуда дарёфт намоянд.
- Кормандон дар муносибатҳо бо аҳолӣ, байни худ, бо ҳайати шахсии дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бо хизматчиёни ҳарбӣ, ӯҳдадоранд, хушмуомила буда, боодобӣ ва худдориро зоҳир намоянд.
- Ҳамагуна супоришҳои ғайрихизматӣ (шахсӣ ё ин ки хусусияти молумулкидошта) ба зердастон ва дигар шахсони мансабдорӣ аз рӯи хизмат вобаста буда, қатъиян роҳ дода намешаванд.
- Дар вақти қабул намудани қарорҳои кадрӣ дар бораи пешбарӣ кардани корманд ба вазифаи болоӣ, дар бораи равон намудан ба таҳсил, дар бораи пешниҳод намудан ба мукофотҳо ва дигар ҳавасмандкуниҳо, инчунин, дар бораи ба ҷазо гирифтор намудан, роҳбарон бояд, ки беғараз ва боадолатона муносибат намоянд, танҳо аз рӯи баҳои объективии натиҷаҳои фаъолияти хизматӣ, сифатҳои касбӣ – кордонӣ ва ахлоқӣ – иродавӣ, тарҷумаи ҳол ва гузариши хизмат аз ҷониби корманд натиҷагирӣ намоянд.
- Роҳбар (сардор) ӯҳдадор аст, ки пайваста кори тарбиявии инфиродӣ ва профилактикиро ба амал барорад, муносибатҳои боварӣ-бахшро бо ҳайати шахсӣ ба роҳ монад, на танҳо сифатҳои касбӣ, ахлоқӣ, психофизикӣ ва дигар сифатҳои шахсии кормандоне, ки дар тобеияти бевоситаашон қарор дорад, хуб донад, инчунин, дар бораи вазъи моддӣ, ӯҳдадориҳои қарзӣ, муносибат дар оила, шавқу завқ, гузаронидани вақти дамгирӣ, доираи алоқаи наздики ғайрихизматиашон бохабар бошад. Ҳама гуна ҳолатҳои мушкил[270], аҳволи вазнини рӯҳии кормандон эътинои фаврӣ ва расонидани ёрии заруриро аз ҷониби роҳбарони бевосита, кормандони воҳидҳои кор

---

[270] Оид ба ҳар як инсиденти хусусияти ҳуқуқӣ дошта, ки бо ӯ рӯй медиҳад, ё ин ки ӯ шоҳиди он шудааст, ё ин ки кӯшишҳои аз ҷониби дигар ашхос ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумотҳои хизматӣ, корманд ӯҳдадор аст, ки ба сардори бевосита, ё ин ки ба воҳиди кадрҳо, инспексия оид ба ҳайати шахсӣ ё ин ки хизмати амнияти махсус хабар диҳад. Аз рӯи ақидаҳои экспертҳои СММ, бо меъёрҳо мустаҳкам намудани ӯҳдадории ин намуди огоҳкуниҳо, бояд ҳимояи хизматчиёни давлатиро аз айбдоркуниҳои ба қонун риоя накардан, инчунин, вайрон намудани дӯстӣ, мансабпарастӣ ё ин ки баҳои нодуруст, таъмин намояд. (Конгресси ҳаштуми СММ оид ба огоҳкунонии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунадагон. Чораҳои амалӣ оид ба мубориза бо коррупсия. – М., 1990. – С. 30)

оид ба тарбия ва мутахассисонро оид ба тайёрии ахлоқӣ – психологӣ талаб менамоянд.

- Роҳбари мақомоти корҳои дохилӣ ӯҳдадор аст, ки доимо дар мисоли шахсӣ иҷрои бовиҷдонона ва беғаразонаи қарзи граждании ва хизматии худро нишон диҳад. Ба ӯ зарур аст, ки чораҳои мунтазамро оид ба кам намудани омилҳои характери коррупсионӣ дошта сари вақт андешад. Ӯ бояд тамоми чораҳои имконпазирро оид ба таъмин намудани бехатарӣ ва ҳимояи манфиатҳои кормандон андешад. Рафтори зиддикоррупсионии тобеъон ҳама вақт ҳавасмандкунии ҳаматарафаро сазовор мебошад.
- Дар ҳолати гузаронидани тафтиши хизматӣ дар вақти зарурӣ корманд ӯҳдадор аст, ки бо ҳисоботи муфассал дар бораи вазъи молу мулкии худ ва тамоми сарчашмаҳои ёрирасони ӯ (эъломия дар бораи даромад), баёноти самимона оид ба ҳолатҳои ба ӯ маълум ва бо дигар воситаҳо, барои ба анҷом расидани тафтиш мусоидат намояд[271].

Бо мақсади профилактикаи ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ҳайати шахсӣ, чораҳои зеринро истифода бурдан мувофиқи мақсад мегардад:

- ташкили намоиши филмҳои ҳуҷҷатии таълимӣ дар бораи ҷиноят-ҳое, ки аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ содир карда шудаанд. Ҳамзамон дар навбати худ проблемаи калон оид ба ҳукмҳои судӣ, парвандаҳои шахсӣ ва мусоҳиба бо якчанд маҳбусон – собиқ кормандон, динамикаи деформатсияи криминалии шахсияти онҳо мушоҳида карда шуда ба саҳми ҳайати шахси расонида шавад, инчунин шароити меҳнат ва рӯзгоре, ки собиқ кормандон-маҳбусон дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ пеш мебаранд, муфассал ба саҳми ҳайати шахси расонида шавад;
- нашри даври дар матбуоти идоравӣ маводҳо дар бораи кирдорҳои интизомӣ, ҷиноятҳо ва ҳаракатҳои коррупсионие, ки аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ содир шудаанд, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва маънавӣ, ҷазо додани гунаҳкорон;
- ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилиро бо ҳукмҳои судие, ки нисбати собиқ кормандони мақомоти корҳои дохилӣ баровварда эълон карда шудаанд, шинос гардониданд;
- истифодабарии наворҳои пинҳонии видеоӣ дар вақти тафтишҳои махфии бурдани хизмат, ташкили тамошои ин наворҳои видеоӣ дар маҷлисҳои хизматӣ бо муҳокимаи муфассали амалҳои кормандоне, ки тартиботи муқарраршударо вайрон намудаанд;
- давра ба давра дар маҷлисҳои хизматӣ гӯш кардани роҳбарони хизмат ва воҳидҳо дар бораи ташкили корҳои тарбиявӣ ва профилактикӣ бо ҳайати шахсӣ, огоҳкунии вайрон кардани интизом ва қонуният, инчунин ҷиноятҳои кормандон дар соҳаи хизматӣ ва рӯзгор;
- мунтазам ба кор бурдани тафтишҳои ногаҳонии воҳидҳо оид ба масъалаҳои аз ҷониби ҳайати шахсӣ риоя намудани интизом ва қонуният.

Яке аз тарзи самарабахши мустаҳкам намудани интизоми хизматӣ ва қонуният дар мақомоти корҳои дохилӣ ин ҷалб намудани аҳли ҷомеъа ба ҳисоб меравад, хусусан ташкил намудани телефонии боварӣ дар қабулгоҳҳои роҳбарони аввали ҷузъу томҳои МКД.

Ба сардорони калон зарур аст, ки роҳбарони бевоситаро водор намоянд, ки на танҳо ба ташкили фаъолияти оперативӣ – хизматӣ, балки бо кормандон кори ҳамарӯзаи тарбиявӣ – профилактикӣ ба роҳ монанд.

[271] Назоратро аз болои ҳаёти шахсӣ, хусусан, рафтор, тарзи пеш бурдани ҳаёти шахсии корманд, танҳо бо иҷозати ӯ ба амал баровардан мумкин аст, чунки ба амал баровардани чунин фаъолият ба ҳуқуқҳое, ки Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 23) кафолат додааст ҷавобгӯй намебошад (ғайр аз ҳолатҳое, ки дар қонунгузорӣ пешбини карда шудааст).

Оид ба ташкил ва муттаҳид кардани коллективҳои хизматӣ, дар онҳо муҳайё намудани фазои солими иҷтимоӣ–психологӣ ва муносибат-ҳои рафиқона дар фаъолияти хизматӣ, кори ба низом даровардашуда зарур аст.

Лозим меояд, ки дар ҳар мақомот кори бисёр бузурги чунин субъектони махсусгардонидашудаи фаъолияти тарбиявӣ– профилактикӣ, ба монанди маҷлиси афсарон, шӯрои роҳнамоён, шӯрои занон ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии мақомоти корҳои дохилӣ ба таври зарӯрӣ фаъолияташонро ба роҳ монанд.

Профилактикаи ҳуқуқвайрокуниро, ки аз ҷониби ҳайати шахсӣ дар якҷояги̣ бо хизматҳои амнияти дохилӣ ва инспексия оид ба ҳайати шах-сии мақомоти корҳои дохилӣ ташкил кардашуда, қайд намудан лозим аст, ки ин фаъолият элементҳои зеринро бояд дарбар гирад:

- таъмини назорати профилактикӣ дар байни ҳайати шахсии коллективҳои мақомот ва воҳидҳо;

- омӯзиши доираи тамоми кормандон, ҷамъоварӣ ва тафтиши маълумотҳои ибтидоӣ дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти хизматӣ дошта ва дар рӯзгор;

- аз ҷониби воҳидҳои оперативӣ ташаббуси ба амал баровардани чорабиниҳои кофтуковӣ бо мақсади дарёфт намудани аломатҳои банақшагирӣ ва тайёрӣ ба содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайрон-куниҳои интизомӣ аз ҷониби кормандон;

- ҳуҷҷатноккунии оперативии амалҳои зиддиқонунӣ ва ҳолатҳои содир кардани онҳо аз ҷониби кормандоне, ки зери назорати профилак-тикӣ қарор доранд ва кормандоне, ки ба чунин назорат ниёз доранд, таъмини бақайдгирии пурра ва муфассали онҳо;

- банақшагирӣ ва ташкили амалии маҷмӯи чорабиниҳои тарбиявӣ – профилактикӣ нисбати шахсоне, ки дар қайди профилактикӣ истодаанд, қабул намудани чораҳо оид ба бартараф намудани омилҳое, ки ба кормандон таъсири криминогенӣ ва дигаргунии ахлоқӣ мерасонад;

- бо истифода аз имкониятҳои воҳидҳои оперативӣ ба анҷом расонидани назорат, фазои иҷтимоӣ – психологӣ коллективҳои хизматиро омӯхтан аз ҷониби психологҳо, шинос гардидан бо афкори аҳли ҷомеа, дараҷаи самаранокии чораҳои таъсиррасонии профилак-тикиро таҳлил намудан.

Ба маҷмӯи чораҳои профилактикии характери умумидошта, ки метавонанд ба сабаб ва шароитҳои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар коллективҳои хизматӣ таъсир расонанд, чораҳои зерин ба шумор мераванд: системаи самарабахши тарбияи ахлоқӣ – ҳуқуқӣ; таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ; ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон; намунаи ибрат будани роҳбарони коллективҳои хизматӣ; ба ҳайати шахсии коллективҳои хизматӣ расонидани ҳукмҳои парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати кормандони МКД аз ҷониби суд баровarда шудаанд ва расонидани натиҷаҳои тафтишотҳои хизматӣ бо таъйини ҷазоҳои интизомӣ; мукаммалгардонии доимии идоракунии хизматҳо ва воҳидҳои мақомоти корҳои дохилӣ, таъмини сатҳи сазовори зиндагии кормандон.

Чорабиниҳо оид ба гузаронидани профилактикаи умумӣ ба бартараф намудани (суст кардани) шароитҳое мусоидат мекунанд, ки ба содир намудани ҳуқуқвайрокуниҳо, ба вуҷуд омадани низоъҳо дар коллективҳои хизматӣ мусоидат менамояд, ки дар навбати худ ба дигаргунии касбии ахлоқӣ – ҳуқуқии шахсияти кормандон оварда расониданаш мумкин аст.

Чораҳои таъсиррасонии профилактикии инфиродӣ нисбати ҳар як корманди алоҳида дар ташкили огоҳкунии ҷиноят, ҳуқуқвайронкуниҳои характери коррупсионидошта ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, ки аз ҷониби кормандон содир мешаванд, аҳамияти аввалиндараҷа дорад, чораҳои таъсиррасонии профилактикӣ дар навбати худ ба таври ошкоро ва махфӣ гузаронида мешаванд. Чорабиниҳои махфии характери профилактикидошта назар ба чорабиниҳои профилактикии ошкоро дида самараи мусбӣ дорад, чунки дар ҳолати ҷой надоштани амалҳои ғайриқонунӣ қасд ё майли содир намудани чунин амалҳо ба беобрӯ гардидани

шахсияти корманде, ки нисбаташ чунин чорабиниҳо амалӣ карда шудааст, роҳ дода намешавад.

Профилактикаи инфиродӣ дар худ се самти фаъолиятро дарбар мегирад:

- профилактикаи ибтидоӣ – нисбати шахсоне, ки эътиқоди мустаҳками позитивии ахлоқӣ – ҳуқуқӣ ва малакаи рафтори қонунӣ, нишондодҳо барои доимо ва қатъиян риоя намудани тартиботи оинномавӣ, талаботи дастурҳои мансабиро надоранд;

- профилактикаи бевосита нисбати шахсоне, ки дар бораи онҳо маълумоти оперативӣ ё ин ки маълумоти расмӣ дар бораи амалҳои коррупсионӣ, вайрон намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, дигар суистифодабарии мансабӣ, рафторҳои ношоиста дар вақти фориғ будан аз кор ё ин ки дар рӯзгор, мавҷуд аст;

- таъсиррасонии профилактикии минбаъда ба шахсоне, ки барои вайрон намудани интизоми хизматӣ, содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шудаанд.

Дар рафти баамалбарории таъсиррасонии профилактикии инфиродӣ:

- чорабиниҳо оид ба бартараф кардани (суст кардани) сабаб ва шароитҳое, ки ба содир кардани ҷиноятҳо мусоидат мекунанд, баамал бароварда мешаванд;

- таъсиррасонии профилактикии нақшавӣ нисбати шахсоне, ки дар қайди оперативӣ – профилактикӣ қарор доранд, гузаронида мешавад;

- оид ба қатъ намудани робитаҳои корманди зери профилактика қарордодашуда бо сарчашмаҳои таъсиррасонии манфӣ, чораҳо қабул карда мешаванд;

- дар коллективҳои хизматӣ ба кормандоне, ки дар ҳолатҳои вазнини зиндагӣ қарор доранд, ёрии маънавӣ, психологӣ, ва моддӣ расонида мешавад.

Нисбати шахсоне, ки қарзи хизматии худро вайрон мекунанд, огоҳӣ, амрнома дар бораи зарурати бечуну чаро баланд бардоштани сатҳи умумифарҳангӣ ва касбии худ, ба таври конкретӣ дигар кардани рафтори худ, инчунин, таъйини ҷазоҳои интизомӣ бояд татбиқ карда шавад. Дар ҳолати натиҷаи мусбӣ надодани таъсири тарбиявӣ– профилактикӣ бояд хулоса дар бораи надоштани зарурияти дароз намудани шартнома дар бораи хизмат бо ин корманд тартиб дода шавад, дар ҳолати дар ҳаракатҳои корманд мавҷуд будани далели тасдиқшудаи дағалона вайрон кардани қонуният – масъалаи оид ба хориҷ кардани ӯро аз сафи мақомоти корҳои дохилӣ ҳал кардан лозим аст.

Инак дар охир қайд намудан зарӯр мешуморем, ки дуруст ташкил намудан ва мақсаднок гузаронидани корҳои профилактикию тарбиявӣ бо ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилӣ ба баланд гаштани дараҷаи касбиятонкии кормандон ва самаранок гаштани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оварда мерасонад. Ҳангоми амали намудани фаъолият оид ба ташкил ва гузаронидани корҳои профилактика аз имкониятҳои васеъи илмҳои педагогика, психология, идоракуни, фарҳаншиносӣ ва ғайра истифода намудан лозим аст.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ УКРЕПЛЕНИЯ СЛУЖЕБНОЙ ДИСЦИПЛИНЫ И ЗАКОННОСТИ В ОРГАНАХ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ: СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ

***Ключевые слова:*** *служебная дисциплина, органы внутренних дел, борьба с преступностью, обеспечение охраны общественного порядка, законность, защита прав и законных интересов граждан*

В статье авторы рассмотрели вопросы, связанные с укреплением служебной дисциплины и законности в деятельности органов внутренних дел. В частности, в статье раскрыты такие определения, как дисциплина, служебная дисциплина, раскрыта их сущность. В зависимости от управленческих возможностей ОВД авторами предложены пути воздействия на сотрудников ОВД, допустивших

нарушение служебной дисциплины в ходе осуществления своих служебных обязанностей.

### SOME OF THE STRENGTHENING OF DISCIPLINE AND ORDER IN THE INTERNAL AFFAIRS: THE NATURE AND CONTENT

***Keywords***: *service discipline, police, crime, ensuring public safety, law, protection of rights and legal interests of citizens*

The authors discussed the issues related to the strengthening of discipline and order in the internal affairs bodies. In particular, the paper discloses terms such as discipline, misconduct, the disclosure of their identity. Depending on the management capabilities of ATM authors suggested ways to influence the enforcement officers who have committed misconduct in the performance of their official duties.

## БРАЧНОСТЬ НАСЕЛЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

**Джураева Д.Г.***

***Ключевые слова:*** *Брак, брачность, структура брачности, рождаемость, повозрастные и половые коэффициенты брачности, городская и сельская брачность, модель брачности, динамика коэффициентов брачности*

В системе воспроизводства населения исследование создавшейся брачной структуры занимает важное место. Определение брачной структуры населения, тенденции развития брачности позволяет прогнозировать динамику уровня рождаемости. Особое значение при этом приобретает определение доли женщин и мужчин, состоящих в браке.

Рассмотрим, как менялась структура состоящих в браке в общей их численности по отдельным возрастным группам мужчин и женщин за период между четырьмя переписями населения по Республики Таджикистан (1970 г., 1979 г., 1989 г., 2000 г.). Особый интерес представляют материалы развития брачно-семейных отношений в условиях перехода страны к рыночным отношениям.

Если мировые тенденции показывают омоложение брачности, то в Таджикистане наблюдается постепенный рост возраста вступления в брак (см. табл. 1.)

**Таблица 1**

**Изменение удельного веса состоящих в браке в отдельных возрастных группах (в % к итогу)[272]**

| Возрастная группа | 1970 | | 1979 | | 1989 | | 2000 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Муж. | Жен. | Муж. | Жен. | Муж. | Жен. | Муж. | Жен. |

* *Джураева Д.Г.* – аспирантка Института экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан.

[272] Рассчитано: Итоги Всесоюзной переписи населения по Тадж. ССР за 1970 г.; Т. 1, с. 402. Итоги Всесоюзной переписи населения по Тадж. ССР за 1979 г.; Т. 3, ч. 2, с. 255. Итоги Всесоюзной переписи населения по Тадж. ССР за 1989 г.; Население Республики Таджикистан по всеобщей переписи 2000 года.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 16-17 | - | 0,3 | 0,1 | 1,7 | 0,1 | 0,2 | | |
| 18-19 | 0,4 | 4,1 | 0,5 | 1,6 | 0,3 | 2,9 | 30,6 | 3,9 |
| 20-24 | 4,5 | 13,0 | 1,1 | 19,2 | 10,20 | 18,0 | 8,1 | 15,2 |
| 25-29 | 11,9 | 12,6 | 17,6 | 16,8 | 20,4 | 20,3 | 16,6 | 17,3 |
| 30-34 | 17,7 | 16,7 | 11,8 | 9,8 | 16,2 | 15,4 | 16,9 | 16,1 |
| 35-39 | 15,4 | 14,8 | 13,4 | 10,3 | 11,8 | 11,3 | 16,2 | 15,0 |
| 40-44 | 14,7 | 12,5 | 14,2 | 11,6 | 7,8 | 6,1 | 12,2 | 11,0 |
| 45-49 | 8,0 | 8,4 | 11,90 | 9,8 | 7,9 | 6,2 | 8,2 | 7,3 |
| 50-54 | 5,2 | 5,3 | 10,20 | 7,8 | 8,1 | 6,9 | 5,1 | 4,2 |
| 55-59 | 5,9 | 5,2 | 5,2 | 5,0 | 6,6 | 5,6 | 4,4 | 2,9 |
| 60-69 | 10,3 | 5,5 | 7,5 | 4,7 | 7,6 | 5,6 | 7,9 | 5,5 |
| 70 лет и старше | 6,0 | 1,6 | 6,5 | 1,7 | 3,7 | 1,5 | 3,8 | 1,6 |

В Таджикистане за период между переписями 1989 и 2000 гг проявилась тенденция снижения доли замужних женщин. Наблюдается увеличение доли состоящих в браке в возрасте 16-19 лет на 0,8 пункта, в возрасте 30-39 лет – на 4,4 пункта. Важно подчеркнуть, что за время переписей населения 1970-1979 гг. темпы снижения брачности были быстрее, чем за весь рассматриваемый период.

С точки зрения рождаемости значительный интерес представляет снижение доли замужних женщин в возрасте 30-39 лет. Так, снижение доли замужних женщин в возрасте 30-39 лет на 28,2% за 1970-1979 гг. привело к сокращению повозрастной рождаемости, в возрасте 30-34 лет на 7,6%, 35-39лет – на 21,8%.

Одновременно повысилась за 1970-1989 гг. доля женатых мужчин в возрасте 35 лет и выше при довольно равномерном соотношении численности полов в этих возрастах. Это обстоятельство, безусловно, отразилось на изменении уровня рождаемости в старших возрастных группах.

Весьма существенные изменения в брачной структуре населения Таджикистана наблюдаются в более старших возрастных категориях у мужчин и женщин. У мужчин во всех возрастных группах от 30 до 60 лет и старше за время, прошедшее после переписи 1970 г. постепенно снижается доля лиц, состоящих в браке.

Для более углубленного изучения состояния брачности, помимо общеизвестных показателей была разработана методика определения специальных показателей – потенциала брачности и реализации потенциала брачности, с использованием принципов, предложенных Л.Анри[273]. Потенциал брачности в абсолютном выражении определяется как сумма теоретически максимально выраженных браков между мужчинами и женщинами определенного возраста.

По таблицам комбинации возрастов, вступающих в брак определяется процент браков в отдельных возрастов мужчин и женщин по отношению ко всем бракам соответствующего пола. Полученные данные можно рассматривать как вероятность того, что из 100 не состоящих в браке мужчин в возрасте **Х**-лет этот процент вступит в брак с женщинами возраста **У**- лет. На рассчитанную таким образом вероятность умножается число несостоящих в браке мужчин **Х**-лет. Из этого получаем число мужчин этого возраста, являющихся потенциальными женихами для женщин в возрасте **У**-лет. Аналогично рассчитывается число потенциальных невест в возрасте **У**-лет для мужчин возраста **Х**-лет. Из двух полученных чисел берется наименьшее, как теоретически максимально возможное для данной возрастной комбинации. Расчеты показали, что в условиях брачновозрастной структуры населения 1989г. и существующей системы комбинации возрастов женихов и невест из 410,6 тыс. неженатых мужчин потенциальными женихами являются 56,8 тыс. мужчин, а из 308,6 тыс. незамужних женщин потенциальными невестами являются 55,0 тыс. женщин. Из существующих потенциальных женихов и невест могло быть образовано 111,6 тыс.

---

[273] *Анри Л.* Нарушения брачности под влиянием войны 1914-1918 гг. / Брак и семья. Демографический аспект – Под редакцией А.Т. Волкова и Л.Е. Дарского. – М.: Статистика, 1975. - С. 78-128.

новых теоретически возможных супружеских пар в дополнение к 1902,2 тыс. существовавших брачных пар в 1989 году.

Таким образом, теоретически возможное число супружеских пар составило бы 2,014,1 тыс., следовательно, реализация потенциала состояния в браке, т.е. отношение фактического числа существующих пар в теоретически возможному числу супружеских пар в 1979 году составила 89,5%, в 1989г. – 94,4%.[274]

Итак, число теоретически возможных в дополнение к уже имеющимся составило в 1989г. 2014,1 тыс., а среднегодовое число фактически заключенных браков за 1979-1989гг. было равно 606,6 тыс. Таким образом, реализация потенциала дополнительной брачности, т.е. отношение фактического числа заключенных браков (за год) к теоретически возможному числу новых браков в 1979г. составила 26,7%, в 1989г. – 23,3%.

Рассчитанные нами показатели реализации потенциалов состояния в браке и дополнительной брачности, свободные от влияния диспропорций возрастно-половой структуры населения с 1979г. по 1989г. обнаруживают тенденцию к снижению.

При этом реализация потенциалов брачности, как и доля состоящих в браке, повысилась и у мужчин в возрасте до 25 лет и понизилась во всех более старших возрастных группах.

По нашему мнению, основной причиной, повлиявшей на увеличение доли лиц состоящих в браке, является незначительное число разводов при сравнительно высокой степени их компенсации повторными браками.

Для жителей республики наблюдается повышение доли никогда не состоящих в браке. Так, в 2000г. доля никогда не состоящих в браке женщин – 23,1%, а в 1979 году соответственно эти цифры составили 28,2% Однако за 1979-2000 годы доля мужчин в возрасте 30-49 лет не состоявших в браке увеличилось с 1,5 до 2,26%, а доля женщин с 1,2 до 2,47%. Нет существенных различий в уровне окончательного безбрачия между городским и сельским населением, хотя в сельской местности заметно выше доля вступивших в брак в более молодых возрастах.

Для подавляющего числа населения Таджикистана характерны ранние браки, в то время как по Европейским странам распространен европейский тип брачности, с характерными для него поздними браками.

Как видно из таблицы 2 снизилась доля вступивших в брак мужчин в возрасте до 20 лет, зато почти вдвое увеличилась доля вступающих в брак в возрасте 20-24 года, и в возрасте 25-29 лет. Что касается женщин, то за 1970-2008гг. наблюдается тенденция уменьшения удельного веса вступающих в брак в возрасте до 20 лет и 20-24 года. В возрасте 25-29; 30-34 и 35-39 лет обнаруживается тенденция повышения удельного веса вступающих в брак. Это обстоятельство свидетельствует о том, что в возрастной группе 25-39 лет сосредоточено основное число рождений.

**Таблица 2**

**Распределение населения Таджикистана, вступивших в брак по возрасту за 1970-2008гг.[*]**

| Возрастная группа (лет) | мужчины | | | женщины | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1970г. | 1988г. | 2008г. | 1970г. | 1988г. | 2008г. |
| До 20 | 8,6 | 1,9 | 3,8 | 40,9 | 39,2 | 34,2 |
| 20-24 | 33,8 | 65,8 | 46,5 | 35,2 | 45,3 | 44,4 |
| 25-29 | 27,5 | 21,1 | 31,1 | 7,4 | 8,9 | 13,8 |
| 30-34 | 15,2 | 4,6 | 10,8 | 7,2 | 2,9 | 4,9 |
| 35-39 | 5,5 | 2,2 | 4,4 | 3,2 | 1,4 | 1,6 |
| 40-49 | 5,0 | 1,0 | 2,2 | 3,4 | 0,6 | 0,7 |
| 50-59 | 2,1 | 1,7 | 0,6 | 1,8 | 0,6 | 0,2 |

[274] Рассчитано по: Итоги Всесоюзной переписи населения Тадж. ССР в 1979г. Т. 2. Ч. 3. С. 255.: Итоги Всесоюзной переписи населения Тадж. ССР, 1989 г.

[*] Источник: рассчитано по материалам Госкомстата Республики Таджикистан; Демографический ежегодник Республики Таджикистан за 2009 г. – Душанбе, 2009. – С. 147.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 60 и старше | 2,3 | 1,7 | 0,6 | 0,9 | 0,6 | 0,2 |
| **Всего:** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |

За 1970-2008 годы начиная с 40-49 лет наблюдается резкое снижение доли вступающих в брак, как мужчин, так и женщин. Так, доля вступающих в брак мужчин в возрасте 30-34 лет сократилась на 1/3, женщин почти – в 2,24 раза; в возрасте 35-39 лет мужчин на 1,0 пункта и женщин в 2,0 раза.

Определенные этнические и территориальные различия в возрасте вступления в первый брак имелись уже к 1970 г. В них находили отражение исторически сложившиеся экономические, этнокультурные и религиозные особенности. Однако в целом по Таджикистану было типично раннее и почти всеобщее вступление в брак. Это было одной из характерных черт традиционного матримониального поведения, неразрывно связанного с особенностями аграрного быта со всем тысячелетним укладом жизни таджикского аграрного общества.

Увеличение доли ранних браков, особенно у женщин происходило на территории республики неодинаково. В городских местностях наблюдается тенденция к сокращению доли ранних замужеств, в малых городах она выражена гораздо слабее. У мужчин уменьшение доли ранних браков происходило в Согдийской области. По данным Всеобщей переписи населения Таджикистана в 2000г. доля состоящих в браке мужчин до 20 лет составила 0,8%, женщин 3,9% против 0,2 и 3,0% в 1989г. Доля ранних браков во всех районах повысилась, хотя и далеко не в одинаковой степени.

У женщин сокращение доли ранних браков не столь значительно, в Кулябском регионе она даже повышалась, но, тем не менее, заметно снижение доли ранних замужеств в городах.

По видимому, именно здесь, на протяжении многих лет происходили наибольшие изменения в брачном поведении населения.

Естественно относительно ранняя брачность и высокая доля замужних женщин в сельских местностях. Налицо явные признаки этого типа брачности среди сельского населения.

Определенное сходство в брачной структуре населения республики объясняется этнокультурной и религиозной однородностью их населения, высокой долей в населении лиц коренных национальностей.

Наиболее значительные различия в уровне брачности наблюдались в самых молодых возрастах – 15-16 и 17-19 лет. На брачность самых молодых бракоспособных возрастов более всего сказывалось влияние национально-бытовых традиции, а также влияние гражданской войны. Среди населения коренных национальностей «европейский» тип брачности не получил широкого распространения. В целом по республике показатели доли женщин состоящих в браке в ранних возрастах были близки к соответствующим показателям по Центральной Азии.

Повышение возраста вступления в брак в республике сопровождалось увеличением доли никогда не вступавших в брак. Возраст, в котором достигалась необходимая для брака степень социальной зрелости повысился, из-за ухудшения экономики семьи, росту безработицы, высокой квартирной платы, платного образования и лечения, материального недостатка в семье и т.д.

Следует отметить, что в возрасте 25-30 лет и выше уже чисто психологически труднее вступить в брак и создать семью, чем в 18-24 года, когда заключается большинство браков.

Об уровне брачности в возрастах старше 30 лет более точное представление дает обратный показатель – доля никогда не состоявших в браке, поскольку в этих возрастах они всегда в меньшинстве, что делает более заметной вариацию данных.

После 25-летнего возраста в республике остается относительно немного лиц, никогда не состоявших в браке: среди мужчин 25-29 лет в 1979г. они составляли 8,2%,

а в 1989г. снизились до 4,4%, а среди женщин этого возраста с 5,9% до 4,2%. Еще меньше их доля среди 30-39 летних соответственно с 2,2% до 1,0% у мужчин и с 2,1% до 2,0% среди женщин.

Показатели окончательного безбрачия может служить доля никогда не состоящих в браке среди 40-49 летних, т.е. в конце репродуктивного возраста, которая в Таджикистане имеет тенденцию к повышению. Так, если в 1979 году их доля составляла лишь 1,0% у мужчин и 1,3% у женщин, в 1989г. повысилась до 3,9% у мужчин и снизилась до 1,0% у женщин, а в 2000г. она составило у мужчин 1,24 и женщин- 1,6%. В Таджикистане появляется проблема первичного безбрачия.

Однако эти группы составляют небольшую часть всего населения республики и почти не влияют на показатели рождаемости.

В первый брак вступают почти все, причем, как правило, в весьма молодом возрасте. Таким образом, в республике нет особой проблемы с брачностью.

В настоящее время практически потеряли значение многочисленные препятствия к заключению брака, имевшие место в прошлом. В частности ослабли влияние таких факторов, как степень знакомства вступающих в брак, их ответственность за создание семьи, согласие родителей на брак. Препятствует браку наличие отдельного жилья, способность обеспечивать семью, умение вести домашнее хозяйство, воспитывать детей, завершение образования. Не мешают заключению брака такие важные в прошлом препятствия, как различия в национальной и социальной принадлежности жениха и невесты.

Сегодня очень важно, чтобы жених и невеста хорошо знали друг друга и родителей (с которыми им долгое время придется жить), чтобы последние одобряли их выбор. Необходимо, чтобы вступающие в брак завершили к этому моменту свое образование, обеспечивали себя материально, умели заниматься домашним хозяйством.

Если национальные и социальные различия сейчас почти не мешают заключению браков, то это не значит, что социальные нормы, регулирующие отношения супругов у всех социальных групп населения стали одинаковыми. Об этом можно судить по существующим различиям в числе разведенных, приходящихся на 100 состоящих в браке по территориям республики.

В сельской местности республики жители в основном знают друг друга по соседству, этим самым знакомство с семьей обеспечивается автоматически. В этой связи такое обстоятельство вносит вклад в относительно большую прочность сельских семей по сравнению с городскими.

У молодоженов, которые имели добрачная связь и беременность, ускорившая заключение брака и влияющая на выбор партнера, жизнь складывается намного сложнее. Именно эти браки надо считать «стимулированными» по меньшей мере, для одной из сторон, они носят вынужденный характер, что с самого начала ведет к семейным конфликтам, нередко заканчивающимся разводами. Многие супруги в таких случаях считают, что они не подходят друг другу. Эта предубежденность мешает им даже попытаться построить семью хотя бы ради ребенка. Некоторые пары заранее договариваются о том, что после рождения ребенка брак будет расторгнут. По существу здесь надо говорить не о распаде «стимулированного» брака, а о слегка замаскированном внебрачном рождении.

Анализируя состояние и изменение брачной структуры населения можем определить степень ее влияния на уровень рождаемости.

Изменения в брачной структуре в прошлые годы обусловливали динамику уровня рождаемости и сдвиги в настоящее время. Так, снижение суммарного коэффициента рождаемости в республике за 1976-1977г. -до 6,322г., 1987-1988гг. - до 5,348, в 2006г. - до 3,266 во многом было обусловлено изменением брачной структуры населения.

Различия в уровнях суммарной рождаемости в 2006 году в городской и сельской местности Таджикистана соответственно 2,893 и 3,415, объясняется различным уровнем брачной структуры населения.

По материалам Всесоюзных переписей населения 1979-1989гг. автором был проведен расчет коэффициента брачной рождаемости.

Наши расчеты показывают, что на протяжении 10 лет в целом по всем возрастным группам женщин коэффициент брачного рождения снизился на 10,5%. Что касается возрастной группы 20-24 лет, то здесь обнаруживается рост коэффициента брачной рождаемости на 3,8%. Во всех остальных возрастных группах наблюдается тенденция снижения коэффициента брачной рождаемости, в возрастной группе 15-19 лет на 11,1%, 25-29 лет на 1,8%, 30-34 года на 12,4%, 35-39 лет – на 28,4%, 4-44 года – на 35,2%, 45-49 лет – на 60,6%. Таким образом, снижение уровня брачной рождаемости происходило неравномерно по возрастам: в старших возрастах он снизился значительно, чем в молодых, а в самых молодых возрастах даже несколько повысился. В результате влияния брачной структуры усилилось в молодых возрастах и ослабло в старших.

Например, он используется после завершения наблюдения в целях фиксации обнаруженных идентификационных признаков совпадения или родовых признаков отличия между следами изъятых с место происшествия и родовыми признаками «гусиной лапы» - гвоздодёра, обнаруженного в результате обыска гражданина Д, или описывается, результаты сравнительного исследования следов разреза на черепной кости потерпевшего с экспериментальными следами топора, изъятого у гражданина Ф.

После завершения эмпирической стадии трасологического исследования эксперт переходит к стадии эвристического исследования трасологических объектов.

Следует отметить, что деление процесса трасологических исследований на эмпирические и эвристические стадии исследования носит формальный, то есть теоретический характер. В практике же при применении любого эмпирического метода,

---

[322] *Белкин Р.С.* Общая теория советской криминалистики. Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1986. - с. 325.; Словарь иностранных слов / Под. ред. И.В.Лехина и Ф.Н.Петрова. - М.: Гос. изд-во ин. и нац. словарей. 1954. - с. 455

[323] Заимствованы из монографии Р.С. Белкина «Общая теория Советской криминалистики». – Саратов: Изд. Саратовского ун-та, 1986. – с. 321-322

допустим, экспериментального метода или особенно сравнительного методов исследования, тут же используется эвристический метод познания.

Такой же переход, только в глобальных масштабах, то есть, после завершения комплекса исследования проверенных эмпирическим методами исследований, процесс переходит к эвристическим исследованиям.

Эвристические исследования, как известно, проводятся с соответствующими, как было упомянуто выше, специфическими, только им присущими общенаучными методами исследования.

Проводя всестороннее исследования Л.А.Винберг созвучно предыдущим авторам отмечает, что «На чувственной ступни познания отношения сходства, тождества и различия осознаются человекам только в самом общем виде. На рациональной ступени познания эти отношения с помощью логических приемов – анализа, синтеза, абстрагирования и других выгленяются из общего восприятия и осознаются более глубоко – исследователь ясно представляет в чем именно сравниваемые объекты сходни или различны, по каким признакам и т.д. Таким образом, различие между чувственной и абстрактно теоретической ступенями процесса познания объектов и является разным на каждой из ступеней по своему качеству, глубине»[324].

Отличие суждение Л.А.Вимберг от суждения других авторов о значимости второй стадии познания заключается в том, что он на этой стадии процесса познания включает всех логических приемов исследования, то есть он не ограничивается только лишь суждением, а включает таких общенаучных абстрактных методов исследования как анализ, синтез и других.

В результате исследования, проведенного с применением комплекса эмпирических и эвристических методов эксперт сформулирует, выводы о тождестве представленных на исследовании следов или об их различии. При чем в процессе экспертного исследования, выводы формулируются дважды. В первый раз по результатам разрешения каждого конкретного вопроса, поставленного следователем на разрешение экспертизы. Такой вывод является предварительным. Второй или вторые выводы, вытекающие из исследовательской части заключения экспертизы являются окончательными.

Напоминая об этом, хотелось бы подчеркнуть, что оба вывода - и предварительный и окончательный должны быть истинными.

## АСОСИ ИЛМИИ МУҚОИСА ҲАМЧУН УСУЛИ ТАҲҚИҚОТ ДАР МАВРИДИ САНҶИШИ ПАЙШИНОСӢ

***Вожаҳои калидӣ:*** *усули муқоисавӣ, фалсафа, криминалистика, таҳқиқоти трасологӣ*

Дар мақола, дар асоси омузиши маъхазҳои фалсафавӣ ва криминалистӣ исбот шудааст, ки назарияи даркнамоии диалектикӣ асоси илмӣ мебошад.

## SCIENTIFIC BASIS OF COMPARISON OF KNOWLEDGE AS A METHOD USED IN THE MANUFACTURE OF EXPERTISE TRASOLOGICAL

***Keywords:*** *comparison method, philosophy, crime, examination*

---

[324] *Вимберг Л.А.* Сравнение как метод исследования в криминалистической идентификационной экспертизе. - М.: Высшая школа МВД СССР. 1974, - с.9.

Based on the analysis of philosophical and criminological sources the author concludes that the theory of dialectical perception is the scientific basis of general scientific comparative method.

## ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ ХИЗМАТӢ НИСБАТИ БАЪЗЕ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ ИНТИЗОМӢ ДАР МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

**Зеварова З.Р.***
**Насуров П.А.****

***Вожаҳои калидӣ:*** *кирдори интизомӣ, ҷавобгарии интизомӣ, Оинномаи интизомии мақомоти корҳои дохилӣ, санҷиши хизматӣ*

Яке аз шаклҳои самараноке, ки сабабу шароитҳои риоя накардани интизоми хизматӣ ва вайрон намудани қонуниятро дар мақомоти корҳои дохилӣ муайян менамояд, ин гузаронидани санҷиши хизматӣ ба ҳисоб меравад.

Асосҳои ҳуқуқии батанзимдарории ҷавобгарии интизомии корман-дони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил менамоянд[325].

Вобаста аз хусусиятҳои хоси амалӣ намудани фаъолияти хизматии мақомоти корҳои дохилӣ, муносибатҳо вобаста ба риоя намудани интизоми хизматӣ ва қонуният, инчунин, вайрон намудани талаботҳои он ба воситаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ ба танзим дароварда шуда, дар ҳолати ба миён омадани масъалае, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавии онро ба танзим дароварда натавонад, он гоҳ масъала аз рӯи меъёрҳои Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

***Кирдори интизомӣ*** - ин ҳуқуқвайронкунии аз ҷониби корманд дар соҳаи муносибатҳои хизматӣ содир карда мебошад, ки дар вайрон намудани интизоми хизматӣ, иҷро накардан ё бо таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои хизматӣ ё ин ки дар вайрон намудани манъкуниҳо ҳангоми иҷро намудани онҳо ва ё талаботҳои умумие, ки ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ пешниҳод карда мешаванд, зоҳир гардидаанд.

***Ҷавобгарии интизомӣ*** - ин яке аз шаклҳои таъсиррасонии ҳуқуқи ба вайронкунандагони интизоми хизматӣ ва яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад.

---

* *Зеварова З.Р.* - сардори кабинети кафедраи Ҳуқуқи маъмури ва фаъолияти маъмурии МКД, лейтенанти калони милитсия.

** *Насуров П.А.* – сардори кафедраи Ҳуқуқи маъмури ва фаъолияти маъмурии МКД, номзади илмҳои ҳуқуқ, подполковники милитсия.

[325] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод.352; соли 2006, №3, мод.148; соли 2007, №7, мод.663; соли 2008, №6, мод.450; соли 2009, №12, мод.820); Кодекси меҳнатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод.112, мод.113; соли 1998, №23 – 24, мод.340; соли 1999, №5, мод.69; соли 2002, № 4, қ-1, мод.185; соли 2004, №5, мод.337; соли 2006, №3, мод.152, №4, мод.195; соли 2009, № 5, мод.320; соли 2010, №7, мод.545, мод.549; соли 2011, №3, мод.151; №12, мод.842); Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 246 бо замима аз 21 апрели соли 2005 «Дар бораи Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ»; Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 23 бо замима аз 14 майи соли 2012 «Оид ба тасдиқ намудани «Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Оинномаи интизомии мақомоти корҳои дохилӣ[326], намудҳои ҷазои интизомиро, ки нисбати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ татбиқ карда мешаванд, пешбинӣ намудааст.

Чихеле ки маълум аст, яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин ҷавобгарии интизомӣ ба шумор меравад. Ҳангоми риоя накардани талаботи интизоми хизматӣ ва қонуният корманди МКД ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад. Дар бисёр ҳолатҳо барои муайян намудани гуноҳи корманд дар содир намудани кирдори интизомӣ, зарурияти гузаронидани санҷиши хизматиро пеш меорад. Дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб, асос, сабаб ва салоҳияти иштирокчиёни санҷиши хизматӣ дар Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон[327] пешбинӣ гардидааст. Тибқи ин Дастурамал дар мақомоти корҳои дохили дар ҳолатҳои зерин санҷиши хизматӣ гузаронида мешавад:

- оид ба ҳолати дағалона вайрон намудани интизоми хизматӣ аз тарафи корманд;
- дар сурати пайдо шудани зарурати пурра ва ҳаматарафа санҷидани ҳолати вайронкунии интизоми хизматӣ;
- дар ҳолати ҳалок гардидани корманд, гирифтани захм, ҷароҳат, татбиқ ва истифода намудани яроқи оташфишон;
- дар ҳолати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ё парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати корманд, бо мақсади бартараф намудани сабаб ва шароитҳое, ки барои содир намудани ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мусоидат намудаанд;
- бо талаби худи корманд барои рад намудани маълумоте, ки обурӯю эътибори ӯро паст мезанад;
- тасдиқ намудани ҳолати дағалона вайрон намудани шартҳои шартнома аз тарафи корманд.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки санҷиши хизматӣ на танҳо дар ҳолатҳои риоя накардани интизоми хизматӣ ва қонуният аз ҷониби корманд гузаронида мешавад, балки дар ҳолатҳои ҳалок гардидани корманд, гирифтани захм, ҷароҳат, татбиқ ва истифода намудани яроқи оташфишон ва ғайраҳо низ бояд ҳатман гузаронида шавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар чунин ҳолатҳо санҷиши хизматӣ, пеш аз ҳама бо мақсади муайян ва бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки ба содир шудани чунин кирдорҳо оварда мерасонад, гузаронида мешавад.

Дар навбати қайд намудан зарур аст, ки дар ҳолате, ки содир намудани ҳуқуквайронкунии интизомӣ аз ҷониби корманд аён аст ва аз ӯ оид ба содир намудани чунин кирдор баёноти хаттӣ гирифта шудааст, ки дар он гуноҳи содирнамудаи корманд пурра тасдиқ мегардад, ё ин ки қарори ба қувваи қонунӣ даромадани суд ё натиҷаҳои тафтиши мақомоти прокуратура, ки ба пуррагӣ гуноҳи кормандро муайян менамоянд, зарурияти гузаронидани санҷиши хизматиро аз байн мебарад.

Санҷиши хизматӣ бояд бо усулҳои ошкоро гузаронида шуда, маҷмӯи чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки он барои ошкор намудани сабаб ва шароитҳое, ки ба риоя накардани интизоми хизматӣ аз ҷониби корманди мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат намудааст, ё ин ки бо иштироки кормандон содир шудаанд, хусусият ва андозаи зарари бар асари кирдори интизомӣ расонидашуда, муқаррар намудани доираи шахсони гунаҳкор дар содир намудани кирдори интизомӣ ва

---

[326] Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 666 бо замима аз 25 сетябри соли 2006 «Оиди эълон намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон № 424 аз 07 сентябри соли 2006 «Дар бораи тасдиқ намудани Оинномаи интизомии мақомоти корҳои дохилӣ», банди 21.

[327] Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 23 бо замима аз 14 майи соли 2012 «Оид ба тасдиқ намудани «Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

инчунин, бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои характери профилактикӣ дошта амалӣ гардонида мешавад.

Инак, кӯшиш менамоем, ки шаклу усулҳои гузаронидани санҷиши хизматиро нисбати намудҳои алоҳидаи ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ дида бароем. Ҳамзамон қайд намудан лозим аст, ки ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ ва хусусиятҳои хоси гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбата-шон, ки дар мақолаи мазкур мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешавад, асосан ҳуқуқвайронкуниҳои интизомии паҳнгашта дар фаъолияти хизматии мақомоти корҳои дохилии ба ҳисоб меравaнд, на ҳама вақт ҳангоми содир шудани чунин кирдорҳо ҳолати аслии кор муайян карда мешавад ва шахсони гунаҳкор дар бисёр ҳолатҳо сазои кирдори содирнамудаи худро мегиранд ва мутаассифона мешаванд, ҳолатҳое, ки шахси бегуноҳ низ ба ҷавобгарии интизомӣ барои кирдоре, ки вай содир накардааст кашида мешавад. Бинобар ин, донистани усулҳои ташкил ва гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати ин категорияҳои ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ имконият медиҳад, ки миқдори содир шудани чунин кирдорҳо кам гарданд ва иҷроиши талаботи интизоми хизматӣ ва қонуният дар мақомоти корҳои дохилӣ бечунучаро риоя карда шавад.

***Хусусиятҳои гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати кормандоне, ки ба кор ҳозир намешаванд ё сари вақт ба кор ҳозир нашудаанд, ё ин ки дар ҳолати мастӣ ба ҷои кор ҳозир мешаванд.***

Бе сабабҳои узрнок зиёда аз се соат ҳузур надоштани корманд ё ин ки дар тамоми рӯзи корӣ дар ҷойи корӣ ҳузур надоштан, новобаста аз давомнокии рӯзи корӣ ҳозир нашудан ба кор ба ҳисоб меравад[328].

Ҳангоми гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати корманде, ки дар ҳолати мастӣ ба ҷойи кор ҳозир мегардад, ғайр аз дигар амалҳои санҷишие, ки нисбати корманд дар санҷишҳои хизматӣ гузаронида мешавад, зарурият пеш меояд, ки як қатор амалҳои дигари иловагиро барои пурра ва ҳаматарафа гузаронидани санҷиши хизматӣ гузаронад. Пеш аз ҳама корманд бояд муваққатан (яъне ҳамон рӯз) аз иҷрои вазифаҳои хизматиаш дур карда шавад ва барои муайян намудани дараҷаи мастиаш ҳатман аз шаҳодаткунии тиббӣ гузаронида шавад. Дар ҳолати корманде, ки нисбаташ санҷиши хизматӣ пеш бурда истодааст, саркашӣ намудани корманд аз шаҳодаткунии тиббӣ гузаштан, ҳатман санад дар бораи саркашӣ кардани корманд аз шаҳодаткунии тиббӣ гузаштан тартиб дода мешавад, ки дар санад ҳолати воқеии рафтор ва нишонаҳои маст будани корманд қайд карда мешавад. Гирифтани баёноти хаттӣ то ҳушер гардидани корманд мавқуф гузошта мешавад.

***Хусусиятҳои гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати роҳбарони ҷузъу томҳои ВКД, ки ба таври дахлдор вазифаҳои хизматиашонро иҷро накардаанд ва бар асари ин фаъолияти воҳидҳои ба ӯ вобастакардашуда ба натиҷаҳои манфии фаъолияти хизматӣ ноил гаштааст.***

Чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, яке аз мушкилиҳои муҳим дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати роҳбарони ҷузъу томҳои ВКД, ки ба таври дахлдор вазифаҳои хизматиашонро иҷро накардаанд, ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати роҳбарони ҷузъу томҳои ВКД, ки ба таври дахлдор вазифаҳои хизматиашонро иҷро накардаанд ва бар асари ин фаъолияти воҳидҳои ба ӯ вобастакардашуда ба натиҷаҳои манфии фаъолияти хизматӣ ноил гаштаанд, дар қатори амалӣ намудани як қатор амалҳои муқаррарие, ки ҳангоми санҷишҳои хизматӣ гузаронида мешавад, ба анҷом расонидани як қатор

---

[328] Моддаи 15 Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод.112, мод.113; соли 1998, № 23 – 24, мод.340; соли 1999, № 5, мод.69; соли 2002, № 4, қ.1, мод.185; соли 2004, № 5, мод.337; соли 2006, № 3, мод.152, № 4, мод.195; соли 2009, № 5, мод.320; соли 2010, №7, мод.545, мод.549; соли 2011, № 3, мод.151; №12, мод.842).

амалҳои иловагиро талаб менамояд. Гузаронидани амалҳои иловагӣ ҳангоми амалӣ намудани санҷиши хизматӣ бо ин категорияҳои ҳуқуқвайрон-кунииҳои интизомӣ ба санҷишгузаронанда имконият медиҳад, ки масъаларо ба дараҷаи лозимӣ дида бароянд, хулосаи одилона ва дар доираи чаҳорчӯбаи қонун барорад. Яке аз чунин амалҳои иловагие, ки ҳангоми санҷиши хизматӣ дар чунин намуди ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ гузаронида мешавад, ин муайян намудани алоқаи сабабӣ байни фаъолияти хизматии роҳбар ва натиҷаҳои манфии фаъолияти хизматии ҷузъу томҳои дар зери тобеияти ӯ қарордошта мебошад, ҳатман бояд муайян карда шавад, ки оқибати манфии бавуҷудомада дар ҳақиқат бар асари амали (беамалии) роҳбар ба вуҷуд омадааст, ё ин ки дигар омилҳо ба чунин натиҷаи пасти фаъолияти хизматӣ мусоидат намудааст. Ба санҷишгузаронанда асоснок намудан зарур аст, ки дар чунин вазъияти хизматӣ роҳбар бояд дигар шаклу усулҳои пеш бурдани фаъолияти идоракунии хизматиро ба кор мебурд, ки ба натиҷаҳои мусбии фаъолияти хизматӣ ноил мегашт. Дигар амали иловагие, ки санҷишгузаронанда ҳангоми гузаронидани санҷиши хизматӣ бо чунин категорияҳои ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ бояд амалӣ намояд. Ин ҳатман бояд муайян карда шавад, ки роҳбар вобаста аз дараҷаи касбиятнокӣ, савод ва малака имконият дошт, ки қарори лозимиро оид ба мусбӣ намудани натиҷаи фаъолияти хизматии воҳид ё сохторе, ки дар зери итоати ӯ қарор дорад, қабул намояд. Ҳамзамон санҷишгузаронанда дар рафти санҷиш ҳатман бояд муайян намояд, ки роҳбар чаро чораҳои зарурииро бо мақсади дигаргун намудани фаъолияти хизматии воҳиди дар зери итоаташбудаpo наандешидааст ва наандешидани чунин чораҳо ба паст гаштани самараи фаъолияти хизматии воҳид оварда расонидааст, ки дар умум дар рафти ҷамъбаст намудани фаъолияти хизматии сохтор аз ҷониби роҳбарият гузошта шуд.

Қайд намудан зарур аст, ки роҳбар танҳо барои сабабҳои субъек-тивии натиҷаҳои ғайриқаноатбахши воҳиди сохторӣ, ки метавонист ва бояд барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта кӯшишҳо ба харҷ медод, ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад. Барои сабабҳои объективӣ роҳбар бояд ба ҷавобгарии интизомӣ кашида нашавад, чунки сабабҳои объективӣ аз иродаю имкониятҳои роҳбар вобастагӣ надорад.

***Хусусиятҳои гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати кормандоне, ки дар рафти амалӣ намудани фаъолияти хизматиашон ҷиноятро аз қайд пинҳон менамоянд***. Ҳангоми гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати корманди мақомоте, ки дар рафти амалӣ намудани фаъолияти хизма-тиаш ҷиноятро аз қайди мақомот пинҳон намудааст, диққати махсус ба иҷроиши талаботи як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷалб намудан зарур аст, хусусан: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиати шаҳрвандон»[329]; «Дастурамали коргузорӣ бо муроҷиатҳои шаҳрвандон»[330]; Тартиби пешбурди баҳисобгирӣ, қайди ягонаи ҷиноятҳо ва шахсони ҷиноят содирнамуда[331]; Фармоиши якҷоя «Оид ба қайди ягонаи ҷиноятҳо»[332]; «Дастурамал дар бораи тартиби баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон ва ташкили қабули онҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва воҳидҳои сохтории системаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[333].

---

[329] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996, № 24, мод.368; соли 1998, № 10, мод.79; соли 2006, №11, мод. 469; соли 2007, №7, мод. 666; с. 2010, №12, қ.1,мод. 805; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с., №837.

[330] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.1998 таҳти №345 «Оиди тасдиқ намудани Дастурамали коргузорӣ бо муроҷиатҳои шаҳрвандон».

[331] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2009 таҳти №676 «Оид ба Тартиби пешбурди баҳисобгирӣ, қайди ягонаи ҷиноятҳо ва шахсони ҷиноят содирнамуда»

[332] Фармоиши якҷоя «Оид ба қайди ягонаи ҷиноятҳо» аз 25.02.2010 таҳти №3/2, 106/1-6/454, 3/455, 11/2/20-ф

[333] Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.07.2007 таҳти №440 б/з «Оиди тасдиқ намудани Дастурамал дар бораи тартиби баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон ва ташкили қабули онҳо дар

Дар рафти гузаронидани санҷиши хизматӣ оид ба ҳуқуқвайронку-ниҳои интизомӣ вобаста ба пинҳон намудани ҷиноят аз қайди мақомоти корҳои дохилӣ як қатор амалҳоро ба анҷом расонидан мувофиқи мақсад аст. Санҷишгузаронанда бояд ҳатман китоби қайди аризаҳо ва хабарҳоро оид ба ҷиноятҳои қисми навбатдории мақомоти корҳои дохилиро пурра омӯхта, маълумотҳои бақайдгирифташуда ва чораҳои нисбаташон андешидашударо таҳлил намояд.

Ғайр аз ин, санҷишгузаронанда ҳангоми гузаронидани санҷиши хизматӣ оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои интизомии дар боло қайд карда шуда, ҳатман як қатор амалҳоро бояд ба анҷом расонад, аз он ҷумла муқоиса ва таҳлил намудани маълумотҳои як қатор қайдҳои махсус ба мисоли:

- хулосаҳои шаҳодаткунии бюрои экспертизаи тиббӣ-судӣ оид ба додани хулосаҳои тиббӣ-судӣ ба ҷабрдидагон;
- беморхона, стансияҳои ёрии таъҷилии тиббӣ, дигар муассисаҳои тиббӣ оид ба дохил гаштани беморон бо ҷароҳатҳои хусусиятҳои ҷиноӣ дошта ва ба саломатӣ зарарҳои дараҷаҳои сабук, миёна ва вазнин расонидашуда;
- шӯъбаҳои коргузории мақомоти корҳои дохилӣ оид ба ворид гаштани хабару маълумотҳо бидуни қисми навбатдорӣ;
- қайди ба ҷойи ҳодиса баромадани эксперт-криминалистони ВКД ва кинологҳо бо сагҳои хизматиашон;
- қайдҳои РБДА оид ба садамаҳои нақлиётӣ, ҳалок гаштани одамон ва ё расонидани зарар ба саломатии онҳо, инчунин, ҳолатҳои дуздидани воситаҳои нақлиёт;
- қайдҳои ҷузъу томҳои хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД оид ба додани шиноснома ба шаҳрвандон бар ивази шиносномаҳои гумшуда дар натиҷаи дуздӣ ва дигар кирдорҳои ҷинояткорона;
- оид ба тасарруф намудани ашёҳои арзишнок аз муассиса, корхона ва ташкилотҳо;
- қайдҳои ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба додани маблағи суғурта, ҳангоми расонидани зарар ба ҷабрдидагон аз дуздӣ ва ё дидаю дониста несту нобуд намудани моликияти шахсии шаҳрвандон.

Дар рафти санҷиши хизматӣ агар муайян карда шавад, ки дар ҳақиқат ҷиноят аз қайди мақомоти корҳои дохилӣ рӯйпуш карда шудааст, ҷиноят дар ҳол бояд ба қайд гирифта шавад.

Ҳама ҳолатҳои ошкор намудани вайронкунии интизоми бақайд-гирии ҷиноятҳо бояд алоҳида дида баромада шаванд ва шахсони гунаҳкор муайян карда шуда, вобаста ба дараҷаи гуноҳашон ба ҷавобгарии дахлдор кашида шаванд. Чунки пинҳон намудани ҷиноят аз қайди мақомот ба баланд гаштани сатҳи ҷинояткории латентӣ оварда мерасонад, дар ҳолати ба пуррагӣ надонистани вазъи ҳақиқии ҷинояткорӣ дар вилоят, шаҳр, ноҳия ва ҷумҳурӣ дар умум, имконият даст намедиҳад, ки чораҳои пешгирикунандаи дахлдорро дар минтақаи муайян ва ё нисбати ҷинояти муайян андешида шавад, чораҳои пешгирикунандае, ки бе омӯзиши дахлдори вазъи ҷинояткорӣ амалӣ карда мешаванд, дар бисёр ҳолатҳо самараи мусбӣ намедиҳанд ва дар баъзе ҳолатҳо, умуман бесамар низ мебошанд.

***Хусусиятҳои гузаронидани санҷиши хизматӣ оид ба ҳолатҳое, ки аз ҷониби корманд яроқ истифода ё татбиқ карда шудааст***. Гуфтан лозим аст, ки гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати ҳолатҳое, ки аз ҷониби корманд яроқи оташфишон истифода ё татбиқ карда мешавад, хусусиятҳои хоси худро дорад, ки аз дигар ҳуқуқвайрон-куниҳои интизомӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Хусусан барои муайян намудани ҳолати ҳақиқии кор вобаста ба истифода ***ё татбиқ*** намудани ***яроқ*** аз ҷониби корманд санҷишгузаронанда ***бояд ҳатман аз санҷидани*** маълумоте, ки ба

мақомоти корҳои дохилӣ ва воҳидҳои сохтории системаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

қисми навбатдории мақомоти корҳои дохилӣ оид ба истифода ва ё татбиқи яроқи оташфишон аз ҷониби корманд, ки боиси марг ва ё захмдор шудани одамон гаштааст, оғоз намояд. Баъдан ба шахсе, ки санҷиш мегузаронад, зарурият пеш меояд, ки парвандаи шахсии кормандe, ки яроқи оташфишонро истифода ё татбиқ намудааст, ба пуррагӣ омӯзад. Ҳангоми омӯзиш диққати махсус бояд, ки ба хулосаи комиссияи ҳарбӣ-тиббӣ, ки ба корманди яроқи оташфишон истифодабурда дода шудааст, зоҳир карда шавад. Дар рафти санҷиши хизматӣ ҳатман бояд қайдҳо дар бораи аз ҷониби корманд супоридани санҷиш аз тайёрии оташфишонӣ, хусусан донистани қисмҳои яроқ, тартиб ва асосҳои ҳуқуқии истифодаи он бояд муайян карда шавад. Ҳангоми мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани ин маълумотҳо дараҷаи тайёрии касбии кормандро муайян намудан мумкин аст.

Ҳамзамон кормандe, ки санҷишро пеш бурда истодааст, бояд ҳатман муайян намояд: ки пеш аз ба хизмат баромадани корманд ё пеш аз қабул намудани яроқи оташфишон аз ҷониби корманд, бо ӯ сӯҳбат гузаронида шуда буд, дастурҳо дода шуда буданд. Ҳамзамон санҷишгузаронанда бояд диққати худро ба дафтарчаи шахсии қайдҳои махсуси корманд бояд ҷалб намояд, бояд муайян карда шавад, ки дар ҳақиқат рафти пеш бурдани хизмат аз ҷониби шахсони масъул дар давоми шабонарӯз ва умуман назорат бурда мешуд, ё не. Дар қатори дигар амалҳои санҷиши хизматӣ санҷишгузаронанда бояд ҳатман муайян намояд, ки ба кадом мӯҳлат ва аз ҷониби кадом шахси масъул ба корманд иҷозати гирифтану бо худ гардонидани яроқи оташфишон дода шуда буд. Инчунин, дар рафти санҷиш бо шоҳидони ҳодиса, ҳамкасбон ва дар ҳолатҳои зарурӣ наздикони кормандe, ки яроқро истифода ё татбиқ намудааст, пурсиш гузаронида мешавад. Сабаби истифодабарӣ ё татбиқи яроқи оташфишон муайян карда мешавад.

Хулоса, ин хусусиятҳои хоси гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати ин категорияҳои ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ буда, дар ҳолати гузаронидани ин амалҳо санҷиши хизматӣ ба мақсади аслиаш мерасад, яъне ҳамаи ҳолатҳои аслии кор муайян карда мешаванд. Агар кирдори корманд гунаҳкорона содир шуда бошад, нисбаташ чораи дахлдор дар доираи салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ андешида мешавад. Аз рӯи зарурият мавод ба мақомоти прокуратура барои қабули қарори қонунӣ фиристода мешавад.

***Хусусиятҳои гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати кормандони МКД, ки бо иштироки онҳо ҳодисаҳои садамаи нақлиётӣ рух додааст.*** Кормандe, ки барои гузаронидани санҷиши хизматӣ вазифадор карда шудааст, ки дар ҳолати рух додани садамаи нақлиётӣ бо иштироки корманд аз рӯи имкониятҳои мавҷуда ҳатман бояд, ки ба ҷойи ҳодиса барояд, аввалан амале, ки санҷишбаранда бояд ба анҷом расонад, ин шахсияти кормандe, ки иштирокчии садамаи нақлиётӣ гаштааст, муайян намояд, баъдан маълумотҳои дахлдорро аз шахсони мансабдори РБДА дар бораи иштирокчии садамаи нақлиётӣ гаштани корманд, шумораи ҷабрдидагон, нусхаи баёнотҳои шоҳидон дастрас намояду баъдан пас аз омадан ба ҷойи кориаш маълумотнома тартиб дода, ба маводҳои санҷиши хизматӣ ҳамроҳ намояд. Ҳангоми гузаронидани санҷиши хизматӣ корманди санҷишбаранда бояд муайян намояд, ки воситаи нақлиёте, ки корманд бо ӯ дучори садамаи нақлиётӣ гашт, ба ӯ тааллуқ дошт (асосҳо барои ҳуқуқи идоракунии корманд ба ин нақлиёт), инчунин, мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиётӣ аз ҷониби корманди ба садама дучор гашта ва дигар иштирокчиёни ин садамаи нақлиётӣ бояд ҳатман муайян карда шаванд.

Боз дар қатори дигар ҳуҷҷатҳо ба маводҳои санҷиши хизматӣ нусхаи ҳуҷҷати ронандагӣ ва дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи воситаи нақлиёт, нусхаи санади муоинаи тиббии корманд, маълумотномаи муассисаи тиббӣ оид ба гирифтани ягон намуди зарари ҷисмонӣ аз ҷониби корманд ва дигар иштирокчиёни садамаи нақлиётӣ бояд ҳамроҳ карда шаванд.

Дар ҳолатҳои рух додани садамаи нақлиётӣ бо нақлиёти хизматӣ муайян намудан зарур аст, ки воситаи нақлиёти хизматӣ қонунӣ ва мақсаднок истифода

бурда шудааст, воситаи нақлиёт ба корманд вобаста карда шуда буд ё не, пеш аз баромадан, аз ҷониби шахсони масъул роҳхат дода шуда буд, боз зарурият пеш меояд муайян карда шавад, ки садамаи нақлиётӣ ҳангоми иҷроиши вазифаҳои хизматӣ рух додааст, ҳатман маълумот оид ба ҳаҷми зарари моддие, ки ба воситаи нақлиётӣ расонида шудааст, бояд дар маводҳои санҷиши хизматӣ ҷамъ оварда шуда бошад.

Баъдан ба маводҳои санҷиши маълумотнома дар бораи қабули қароре, ки аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ қабул карда шудааст, оид ба оғоз ё рад намудани парвандаи ҷиноятӣ ё ин ки маълумотнома оид ба оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ илова карда мешавад.

Маводҳои санҷишӣ бояд то он дам дар зери назорат қарор дошта бошанд, ки қарор дар бораи оғоз ё рад намудани парвандаи ҷиноятӣ қабул карда шуда бошад ё парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ гардад.

Дар охир қайд намудан зарур аст, ки риояи қонуният ва интизоми хизматӣ ҳама вақт дар маркази диққати роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад. Риоя ва таъмин намудани ин талабот бевосита аз кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вобастагӣ дорад. Мутаассифона, қатъи назар аз чораҳое, ки аз ҷониби роҳбарияти вазорат андешида шуда истодааст, миқдори вайрон намудани интизоми хизматӣ ва қонуният дар байни ҳайати шахсии кормандони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол боқӣ монда, рӯ ба афзоиш дорад. Қобили зикр аст, ки ҳангоми дуруст интихоб ва истифода намудани шаклу усули лозимаи пеш бурдани санҷиши хизматӣ имконият медиҳад, ки ҳолати ҳақиқии кор муайян карда шуда, сари вақт нисбати кормандони гунаҳкор дар доираи қонун чораи дахлдор андешида шавад ва ҳуқуқу озодиҳои дигар кормандон, ки Сарқонун ба онҳо кафолат додааст, таъмин карда шавад. Ҳангоми гузаронидани санҷиши хизматӣ, вобаста аз ҳуқуқвайронкунии интизомии мушаххас, шаклу усулҳои дахлдор бояд интихоб карда шаванд. Ҳангоми бомуваффақият дар доираи қонун бо истифода аз шаклу усулҳои зарурии гузаронидани санҷиши хизматӣ сабаб ва шароитҳое, ки барои содир шудани чунин ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат намудааст, муайян карда мешавад ва ҳамчунин баҳри бартараф намудани чунин омилҳо чораҳои пешгиркунандаи дахлдори характери ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодидошта андешида мешавад.

**ХАРАКТЕРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОВЕДЕНИЯ СЛУЖЕБНЫХ ПРОВЕРОК ПО НЕКОТОРЫМ ДИСЦИПЛИНАРНЫМ ПРАВОНАРУШЕНИЯМ В ОВД**

***Ключевые слова:*** *дисциплинарный проступок, дисциплинарная ответственность, Дисциплинарный устав органов внутренних дел, служебная проверка*

В статье рассматриваются характерные особенности проведения служебных проверок в органах внутренних дел. Вкратце рассмотрена служебная проверка, основания назначения служебных проверок, правовые основы проведения служебных проверок, предложен ряд форм и методов проведения служебных проверок по отдельным категориям дисциплинарных проступков.

**THE CHARACTERISTIC FEATURES OF THE OFFICIAL CHECKS ON CERTAIN DISCIPLINARY OFFENSES IN THE POLICE DEPARTMENT**

***Keywords****: serious misconduct, disciplinary responsibility, Disciplinary Regulations of the Interior, service check*

The article deals with the characteristics of the service checks in the police. Briefly considered service check, the base destination inspection service, the legal basis of the official inspections, proposed a number of forms and methods of official checks on certain categories of misconduct.

# МОДЕЛИРОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БУДУЩИХ СОТРУДНИКОВ МВД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Эшахмедов Ш.Х.***

***Ключевые слова:*** *подготовка сотрудников органов внутренних дел, моделирование, учебный процесс, учебная и познавательная деятельность, курсант, интенсификация образовательной деятельности.*

Кардинальные политические и социально-экономические преобразования, происходящие в республике, в полной мере отразились и на деятельности органов внутренних дел. Осуществляемая сегодня работником милиции деятельность касается всех сторон жизни органов внутренних дел МВД Республики Таджикистан и особенно процесса военно-профессиональной подготовки офицерских кадров в системе военно-учебных заведений. Необходимость модернизации военного образования обусловлена целым рядом причин, к основным из которых можно отнести во-первых, требование реализовать единые подходы в военной и гражданской школе; во-вторых, изменились количественные и качественные параметры воинских должностей; в-третьих, возникла необходимость привести содержание и качество подготовки офицеров в соответствие с современными требованиями милиции.

В традиционной системе подготовки офицерских кадров не всегда удается отследить разрыв между теоретической и прикладной сторонами военно-профессиональной предназначения будущих офицеров, так как на современном этапе стремительно меняются условия и задачи, которые решают офицерские кадры МВД.

Одной из таких закономерностей, нуждающейся в более действенной актуализации, является моделирование (воссоздание) в учебно-воспитательном процессе посредством дидактических средств, условий и основного содержания будущей для курсантов военно-профессиональной деятельности. Важным средством реализации названной закономерности является учебное моделирование элементов военно-профессиональной деятельности офицера в ходе учебных занятий[334].

Однако, несмоетря на широкие дидактические возможности, которими располагает учебное моделирование как средство обучения, в Академии МВД Республики Таджикистан оно используется недостаточно эффективно. Это происходит в силу слабой теоретической разработанности основ учебного моделирования, отсутствия психолого-педагогически обоснованных рекомендаций по применению учебного моделирования военно-профессиональной деятельности на конкретных видах занятий; а также в силу недостаточной теоретической и практической подготовленности педагогов к моделированию вообще и учебному моделированию в частности. В большинстве своем преподаватели и курсанты не к использованию учебного моделирования в процессе обучения.

В контексте общественных отношений, моделирование определяется как метод социального познания, предполагающий обязательное использование аналогов, или

---

* *Эшахмедов Ш. Х.* - старший преподаватель кафедры повышения квалификации факультета № 3 Академии МВД Таджикистана, подполковник милиции.

[334] *Асмолов А.Г.* Системно-деятельности подход к разработке стандартов нового поколения. – М.: «Педагогика», - 2009. №4. – С.8-10.

моделей, замещающих реальные отношения, объекты, явления и процессы в менее сложных материальных или идеальных формах последующим проведением операций над ними в целях получения новой информации[335].

Педагогический процесс Академии не является и не может являться слепком профессиональной подготовки и тем более слепком реальных служебно-боевых действий, в которых происходит формирование тех морально-психологических качеств, специальных умений и навыков военно-профессиональной деятельности, которые потребуются от юридического специалиста. Во время обучения в Академии МВД Республики Таджикистан качества, необходимые курсантам для их будущей практической деятельности, для действии в сложных условиях, могут успешно формироваться тогда, когда вся обстановка их курсантской жизни и учебно-познавательной деятельности будут максимально приближены к условиям будущей службы в системе органов внутренних дел.

Реализации требований закона моделирования способствует: обеспечение неразрывной связи теоретической и прикладной сторон военно-профессиональной подготовки; увеличение удельного веса практических занятий в поле, учебном центре; проведение учебно-полевые сборы и игр на местности. Поэтому современные условия и особенности совершенствования учебного процесса Академии МВД Республики Таджикистан требуют дальнейшего исследования дидактических возможностей моделирования. Эти исследования связны с решением трех основных взаимосвязанных задач:

***Первая*** - теоретическая, заключающаяся в разработке новых, нетрадиционных подходов к организации обучения, проведении военно-педагогических и психолого-педагогических исследований учебного процесса;

***Вторая*** - методическая, включающая создание современных педагогических технологий, методических алгоритмов, системы нетрадиционных методических приемов, обслуживающих учебный процесс;

***Третья*** - прикладная, характеризующаяся решением практических вопросов по управлению учебным процессом.

В настоящее время активно рассматриваются отдельные положения моделирования в научном исследовании учебного процесса[336].

Во многих источниках под моделированием предлагается понимать процесс исследования объектов познания на их моделях или как метод познания.

Внимание к изучению возможностей моделирования вызвано тем, что в настоящее время в ряде учебных заведений, в том числе, Академии, в неявном виде изучаются разнообразные научные модели. Так, например, все основные понятия учебной дисциплины «Основы оперативно-розыскной деятельности в ОВД», составляющие содержание профессиональной деятельности оперативника, представляют не что иное, как модели особых отношений реальной действительности, а категории, изучаемые курсантами на занятиях, - это средства исследования и сознания реальных объектов (отношений) посредством моделей.

Поэтому обучение курсантом по тем или иным учебным программам есть, по сути дела, обучение психолого-педагогическому моделированию реальных явлений и объектов составляющих предметное содержание предстоящей профессиональной деятельности.

Таким образом, не только в ходе преподавания специальной психологии и педагогики, но и в любом другом предмете, в какой этот предмет направлен на формирование научно-теоретического мышления, в неявном виде изучается и используется моделирование. Сегодня уже недостаточно простой репродуктивной

---

[335] *Вербицкий А.А.* Новая образовательная парадигма и контекстное обучение: Монография: - М.: «Высшая школа», 1999. – С. 13.

[336] *Жафяров А.Ж.* Индивидуализация и дифференциация в педагогической теории и практики. - Новосибирск: НГПУ, 2004. – С.23-24

наглядности, обеспечивающей усвоение на уровне восприятия. Практика требует от курсанта усвоения учебного материала о будущей деятельности на уровне действия - внешнего (практического) или внутреннего (умственного).

Анализ исследований, раскрывающих возможности использования моделирования в учебном процессе, позволяет заключить, что моделирование как метод и как средство обучения дает возможность уже в процессе обучения в Академии МВД Республики Таджикистан приблизить обучаемых к предстоящей практической деятельности.

Одной из важных, основополагающих предпосылок рассмотрения учебного моделирования как средства обучения является психологическое обоснование активности личности как ценностного способа моделирования, структурирования и осуществления личностью деятельности, общения и поведения.

Способ моделирования жизни и деятельности индивидуален в том смысле что он более или менее сознателен, более или менее ситуативен. Поэтому вырабатываемые личностью модели (называемые психологами «опоры») позволяют ей удерживать и сохранять свою активность во времени, т.е. не только в момент их формирования, но и в последующие периоды жизнедеятельности. Основу военно-профессиональной подготовки курсантов должно составлять моделирование средствами и методами учебного процесса тех конкретных ситуации, в которых предстоит действовать выпускнику учебного заведения, так как только в сознательной продуктивной и творческой деятельности курсант посредством усвоения опыта и видов деятельности формируется как личность и как специалист. С помощью учебного моделирования организация и осуществление такого типа обучения становятся реальными.

Для более полной характеристики обучающих возможностей моделирования сделаем краткий анализ его места и роли в учебно-познавательной деятельности курсантов. Как и преподаватель курсант использует моделирование для управления, но если преподаватель управляет учебным процессом, деятельностью обучаемых и, безусловно, своей, то курсант управляет только деятельностью. Модель, предложенная преподавателем, в данном случае служит отправной точкой, от которой обучаемый идет к объекту познавательной деятельности.

В учебно-познавательную деятельность курсанта оказывается выключенными два вида моделей учебного процесса. Одно модель статистическая - оправная, которая определяется учебными программами, задачами, целями и традициями, стоящими перед познавательной деятельностью. В данном случае модель и моделирование используется в качестве средства и метода регуляции деятельности, что тесно связано с регулятивной функцией психики.

Во втором случае курсант использует модель как средство, а моделирование - как метод в познавательной деятельности. Преподаватели лишь используют методы для активизации познавательной деятельности в плане наглядности.

В учебном процессе при развитии абстрактного мышления обучаемых применение наглядности не может быть сведено к демонстрации натурных объектов. Задача наглядного обучения с использованием учебных моделей должна состоять в обеспечении связи наблюдаемых явлений и признаков с их анализом и синтезом. Основание курсантом предстоящей военно-профессиональной навыки включает три процесса освоения, протекающих почти одновременно. Первый из них – получение новой информации. Второй-трансформация знаний. И третий - это проверка степени адекватности применяемых способов обращения с информацией, содержащейся в задаче[337].

Естественно, что чем выше понимание содержание военно - профессиональной деятельности, тем больше частота и длительность, каждого этапа учебного овладения понятием, которое курсант должен усвоит без утомления. Сейчас в Академии МВД Республики Таджикистан количество новой информации такого, что обучаемые в

---

[337] Психология и педагогика профессиональной деятельности офицера М.: «Воениздат», 2006. – С.31-33.

большинстве своем не в состоянии усвоить его сразу. Между тем существует жесткие ограничения объема такой неусвоенной информации, которую можно держать в уме. По приблизительным оценкам, взрослый человек способен оперировать одновременно примерно семью независимыми единицами информации. Поэтому государственные стандарты третьего поколения, внедряемые в систему образования, предполагают увеличение в учебном процессе доли занятий, проводимых в виде ролевых игр использованием учебного моделирования.

Таким образом, при организации обучения с использованием учебных моделей будущие сотрудники органов внутренних дел будут иметь возможность быстрее и эффективнее овладевать объемом знаний умений и навыков, который определяется требованиями по подготовке специалистов.

## Моделгузории фаъолияти касбии кормандони ояндаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Вожаҳои калидӣ:*** *омода намудани кормандони ШКД, моделкунонӣ, ҷараёни таълим, фаъолияти таълим, курсант.*

Мақола ба истифода бурдани таҳқиқи яке аз қонуниятҳои таҳқиқӣ ташкили ҷараёни таълим дар Академияи ВКД, хусусан моделкунии фаъолияти касбии ояндаи кормандони МКД ҷараёни таълими Академияи ВКД бахшида шудааст.

## Modeling the future employees of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan.

***Keywords****: training police officers, modeling, learning process, learning and cognitive activity, student, the intensification of educational activities.*

The article is devoted to the study of one of the patterns and organization of the learning process in the modern academy, namely - the modeling of future professional activity of internal affairs in the educational process of the Police Academy of Tajikistan.

**Режими ҳуқуқии вазъияти фавқуллода: таносуби чораҳо ва маҳдудиятҳо оид ба муайян намудани мӯҳлати вазъиятӣ фавқулодда**

🗁

**Ғафуров Д.А.**[*]
**Норов Ҷ.К.**[**]

***Вожаҳои калидӣ:*** *ҳифзи ҳуқуқи исон, вазъияти фавқулодда, конститутсия, қонунгузорӣ, низоми ҳуқуқӣ*

Ҳуқуқи муосири байналхалкӣ, аз ҷумла, конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дахлнопазирӣ ва афзалияти ҳуқуқҳои шахсро мустаҳкам намуда, имконияти муваққатан маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро дар ҳолатҳои истисноӣ эътироф мекунад. Ҳамин тариқ, мувофиқи қисми 1 моддаи 4 пакти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шахрвандӣ соли1966[338] ҳангоми вазъияти фавқулодда, ки ҳаёти миллат зери хатар қарор мегирад ва дар ин бора расман эълон карда мешавад, давлат-иштирокчиён метавонанд чора андешанд ва аз ӯҳдадориҳои худ даст кашанд. Лекин ин бояд ба «ҷиддияти вазъият» мувофик бошад, ӯҳдадориҳои дигари давлатро аз рӯйи ҳуқуқи байналхалқӣ вайрон накунад ва боиси поймол гардидани ҳуқуқи дигарон аз рӯйи нажод, миллат, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин ва вазъияти иҷтимоӣ нагардад.

Амалияи кӯҳнашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки чунин имконият дар Конститутсия (Сарқонун) пешбинӣ шудааст. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои ИДМ ва Балтика оиди ин қайдҳо оварда шудаанд. Мисол, Конститутсияи Ҷумҳурии Арманистон (моддаи 4) пешбинӣ мекунад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои муайяни инсон ва шаҳрванд дар давраи «вазъияти ҳарбӣ» ва ё «ҳолати хатари бевосита ба асосҳои сохти конститутсионӣ» маҳдуд карда мешавад (кисми 14 моддаи 55)[339].

Конститутсияи Ҷумҳурии Беларус имконияти маҳдуд намудани «ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро» бо ҷорӣ намудани режими махсуси ҳуқуқӣ вобаста намедонад, балки онро ба манфиати бехатарии миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ахлоқ, саломатии аҳолӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои дигар шахсон» вобаста медонад (қисми 1 моддаи 23)[340].

Чунин нуқта дар матни Конститутсияи дигар давлатҳо инъикос ёфтааст. Дар Ҷумҳурии Латвия зарурияти маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон танҳо барои ҳифзи манфиатҳои дигар шахсон, ҳуқуқ, эътибор, саломатӣ ва ахлоқи дигарон, кафолати бехатарии давлат, тартиботи ҷамьиятӣ муқаррар карда мешавад (моддаи 44)[341].

Масалан, чунин тартиб дар матни Конститутсияи Литва (боби 2 «Инсон ва давлат») дида мешавад.

Дар Эстония дар давраи вазъияти фавқулодда ва ё ҳарбӣ имконияти маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои қонун муқаррарнамудаи шахс, ҳамчунин, бар дӯши онҳо

---

[*] *Ғафуров Д.А.* - муаллими кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилии Академияи ВКД Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия.

[**] *Норов Ҷ.К.* - дотсенти кафедраи Ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилии Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия.

[338] Международное публичное право: сб. док. М., 1992.

[339] *Андреев Г.Н.* Конституции стран СНГ и Балтии. - М.: Юристь.1999. - С. 84 – 115.

[340] *Андреев Г.Н.* Ҳамон ҷо. - С. 123, 550, 556 – 560.

[341] *Варламова Н.В.* Практикум по дисциплине «Теория государства и права». - М., 2002. - С. 104.

вогузоштани ӯҳдадориҳои иловагӣ танҳо барои ҳифзи манфиатҳои бехатарии давлат ва тартиботи ҷамъиятӣ мумкин аст (моддаи 130)[342].

Конститутсияи Гурҷистон ба Президенти мамлакат дар давраи вазъияти фавқулодда ва ё ҳарбӣ ваколати маҳдуд намудани баъзе аз ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро додааст[343].

Конститутсияи Туркменистон (моддаи 44) ва Украина (моддаи 64)[344] низ боз доштани амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсиониро дар давраи вазъияти фавқулодда ва ё ҳарбӣ пешбинӣ мекунад.

Чуноне, ки дар боло зикр намудем, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мустаҳкам шудааст. Дар ин бора дар моддаи 5,14 гуфта шудааст. Масалан, дар қисми 1 моддаи 14 гуфта мешавад: Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ- байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Дар қисми 3 моддаи 14 қайд шудааст: Маҳдуд кардани ҳукуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Дар қисми 5 моддаи 2 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» гуфта шудааст, ки «Дар давраи вазъияти фавқулодда ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25, 28 Конститутсия пешбинӣ шудааст, маҳдуд карда намешаванд»[345].

Номгӯи чораҳо ва маҳдудиятҳо бояд бо қонуни конститутсионӣ муайян карда шаванд. Маҳдудияти ҳуқуқ ва озодиҳо дар доирае бояд амалӣ карда шаванд, ки он барои таъмини бехатарии шаҳрвандон, сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бағоят зарур аст. Онҳо бояд ба андозаи вазъияти ба вуҷуд омада мутобиқат кунанд ва аз доираи шароити ба вуҷуд омада берун набароянд.

Ҳамин тавр, чораҳои номбаршуда ва маҳдудиятҳои муваққатӣ дар маҷмӯъ, низоми вазъияти фавқулоддаро ташкил медиҳанд, ки аз рӯйи мазмуни худ хусусияти дутарафагӣ ва мухолифатӣ доранд. Аз як тараф, чораҳо ва маҳдудиятҳои муваққатӣ ҳамчун восита барои бартараф намудани вазъияти фавқулодда, бӯҳронӣ ва барқарор намудани ҳолати мӯътадили ҳаёту фаъолияти инсон баромад намуда, аз тарафи дигар ин чораҳо бо зарурияти объективии қабули чораҳои фавқулодда алоқамандӣ доранд, ки соҳибихтиёрии шахсро маҳдуд мекунад ва мазмуни идоракунии иҷтимоиро тағйир медиҳад.

Гуфтаҳои боло имкон медиҳад, ки хусусиятҳои зерини низоми ҳуқуқии вазъияти фавқуллоддаро муайян кунем:

***Аввал***, ин ки мафҳуми низоми ҳуҳуқии вазъияти фавқулодда ин маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки он пеш аз ҳама дар маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, тағйир додани ваколати мақомотҳои давлатии намояндагӣ ва иҷроия ифода меёбад.

***Дуюм***, истилоҳи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда дар давраи маҳдуди амали худ метавонад дар доираи васеи муносибатҳои ҷамъитятӣ истифода шавад, мисол тартиби вуҷуддорӣ ва фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва ғайраҳо.

***Сеюм***, ин ки чун яке аз намудҳои режими махсуси ҳуқуқӣ, асоси вазъияти фавқулоддаро меъёрҳои ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки вобаста ба хусусиятҳои дар боло номбаркарда тасниф карда шудаанд.

---

[342] *Андреев Г.Н.* Конституции стран СНГ и Балтии. - М.: Юристъ.1999. - С. 84 – 125.

[343] Ҳамон ҷо. - С. 421 и 491.

[344] Ҳамон ҷо.

[345] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 № 21, мод. 233; соли 1997, № 23-24, мод. 356; соли 2002, №4, к-1, мод.254; соли 2005, №12, мод. 625; соли 2008, №10, мод.795.

***Ҷорум***, низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда самти муайяни мақсаднок дорад.

Маҷмӯи хусусиятҳои мазкур ба мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои бӯҳронӣ то андозае босамар амал кунанд ва танзими дилхоҳ намуди муносибатҳои ҷамъиятиро фардӣ кунонанд.

## Правовой режим чрезвычайного положения: соотношение мер и ограничений в связи с определением сроков чрезвычайного положения

***Ключевые слова***: *охрана прав человека, конституция, законодательство, правовой режим, чрезвычайное положение*

В статье авторы рассмотрели принятие мер и временных ограничений, а также, провели сравнительно-правовой анализ законодательства Республики Таджикистан и других государств при введении правового режима чрезвычайного положения. На основе этого даются предложения, которые могут более эффективно регулировать данные проблемы.

## The legal regime of the state of emergency: The ratio measures and restrictions in relation to the timing of emergency

